**АКАДЕМИЯИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ТДУ: 39:37.036 (575.3)**
**ТКБ: 63.5+74.200.51 (2 тоҷик)**
**С – 21**

**САЙДАМАДЗОДА ҲУСНОРО**

# НАҚШИ ҶАШНУ МАРОСИМИ МИЛЛӢ ҲАМЧУН ВОСИТАИ ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ 9-11

**Диссертатсия**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади**
**илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 - Назария, методика**
**ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 –**
**Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)**

**Роҳбари илмӣ:** Файзализода Ҷумахон Хол - доктори илмҳои педагогӣ, профессор

**ДУШАНБЕ - 2025**

## МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА…………………………………………………….....** 3-18

**БОБИ I. ҲАДАФМАНДИИ ҶАШНУ МАРОСИМИ ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТИИ ХОНАНДАГОН……** **19-67**

1.1. Таҳлили назариявии ҷойгоҳи ҷашну маросими миллӣ дар тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11…………………… 19-47

1.2. Таҳаввули моҳияти арзишҳои ахлоқию хештаншиносии ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ..................... 48-64

Хулосаи боби якум......................................................................... 64-67

**БОБИ II. ЗАРУРАТИ МУТОБИҚСОЗИИ ҶАШНУ МАРОСИМИ ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР НИЗОМИ ТАРБИЯ ВАТАНДӮСТИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ 9-11………....** **68-141**

2.1. Хусусиятҳои таснифоти анъана ва ҷашну маросимҳои халқи тоҷик дар тарбия ватандӯстии хонандагон....................................... 66-99

2.2. Озмоиши технологияи педагогии амалисозии тарбияи ватандӯстии хонандагон тавасути ҷашну маросими миллӣ ............. 99-143

Хулосаи боби дуюм…....……………..…………………….…… 146-151

**ХУЛОСА……...............……………....…………………………** **151-158**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ…………………...……………………..** **159-171**

**ЗАМИМАҲО …………………………………………………** **172-180**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Дар замони муосир омӯзиши таъсири ҷашну маросими миллӣ дар тарбияи ватандӯстии хонандагон аҳамият дорад. Ин ба соҳибистиқлолии Тоҷикистон ва қабули ҳуҷҷатҳои муҳим вобаста аст. Ҷашну маросимҳо таҷрибаи чандинасраи мардум буда, дар тарбияи ахлоқӣ васеъ истифода мешаванд. Онҳо ба ташаккули ҷаҳонбинӣ, ҳиссиёт ва фарҳанги хонандагон таъсир мерасонанд.

Омӯзиши ҷашну маросими миллӣ вазифаи муҳими илми педагогика аст. Ҷашну маросимҳо рафтори насли наврасро ба танзим дароварда, сифатҳои ватандӯстиро ташаккул медиҳанд ва ба эҳёи арзишҳои маънавӣ мусоидат мекунанд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки насли калонсол ба ин тағйиротҳо бисёр ҳам душвор мутобиқат мешаванд. Ин албатта ба насли наврас низ таъсири худро мерасонад. Дар натиҷа, насли наврас ба худсобиткунӣ ва нишон додани симои худ кӯшиш менамоянд. Маҳз ҷашну маросимҳои миллӣ рафтору фаъолияти калонсолон ва ҷавононро дар мактаб ва ҷомеа ба танзим даровaрда, пояҳои сифатҳои ватандӯстӣ-ахлоқиро ташаккул медиҳанд ва ба эҳёи арзишҳои нави маънавӣ мусоидат намуда, мероси фарҳангии мардумро ғанӣ мегардонанд.

Дар ин замина, таҳқиқи илмии ҷанбаҳои гуногуни ҷашну маросимҳо ҳамчун воситаи тарбиявӣ, махсусан дар заминаи ватандӯстӣ, муҳим арзёбӣ мегардад. Мувофиқи назари муҳаққиқон, ҷашну маросимҳо на танҳо воқеаҳои фарҳангӣ, балки механизмҳои иҷтимоие мебошанд, ки тавассути онҳо арзишҳо, меъёрҳо ва анъанаҳои миллӣ аз насл ба насл интиқол дода мешаванд.

Аз нигоҳи педагогӣ, ҷашну маросимҳо имкониятҳои фарохро барои ташаккули ҳисси ифтихор аз Ватан, эҳтиром ба таърих ва фарҳанги миллӣ фароҳам меоранд. Дар раванди иштирок дар ҷашнҳо, хонандагон бо қаҳрамониҳои гузаштагон, дастовардҳои миллӣ ва рамзҳои давлатӣ ошно

мешаванд, ки ин дар навбати худ, ба таҳкими ҳисси ватандӯстӣ мусоидат мекунад.

Таъсири ҷашну маросимҳо ба тарбияи ватандӯстӣ тавассути шаклҳои гуногуни фаъолияти таълимӣ ва беруназсинфӣ, аз қабили гузаронидани дарсҳои тарбиявӣ, конфронсҳо, намоишгоҳҳо ва чорабиниҳои фарҳангӣ амалӣ карда мешавад. Ин чорабиниҳо имконият медиҳанд, ки хонандагон дар бораи таърихи ҷашнҳо, мазмуни рамзӣ ва аҳамияти онҳо маълумот гиранд, инчунин дар раванди омодагӣ ва гузаронидани онҳо фаъолона иштирок намоянд.

Бо дарназардошти аҳамияти ҷашну маросимҳо дар тарбияи ватандӯстӣ, зарур аст, ки омӯзгорон ва мураббиён аз имкониятҳои онҳо ба таври самаранок истифода баранд. Ин аз он иборат аст, ки дар раванди таълим ва тарбия ҷашну маросимҳо ҳамчун воситаи муассири тарбияи ватандӯстӣ ба назар гирифта шаванд, барномаҳои таълимӣ ва беруназсинфӣ бо мазмуни мувофиқ ғанӣ гардонида шаванд ва шаклҳои фаъоли иштироки хонандагон дар ҷашнҳо таъмин карда шаванд.

**Дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқот.** Бояд гуфт, ки бахшида ба таҳқиқи ватандӯстӣ ва ҷашну маросимҳои халқи тоҷик аз нуктаи назари таърихӣ, этнографӣ, фолклоршиносӣ ва ғайраҳо асарҳои зиёде таълиф шудаанд. Дар саромади таҳқиқи ҷашну маросими идонаи халқи тоҷик, тибқи маъхазҳои хаттии таҳқиқи таърихию этнографии он, олимони барҷастаи рус Е. Э. Бертелс [3], М. С. Андреев [1], И. С. Брагинский [4], Семенов А.А,[15], Русяйкина С.П.[14], Суханов, И.В. [17], Троитская, А.Л.[18] ва диг. меистанд.

Моҳияти ҷашну маросим ва нақши онҳо дар рушди маънавии ҷомеа, қонунияти дигаргуншавии таърихӣ дар асарҳои олимон С.А Арутюнов [2], Ю.В. Бромлей [5], В.Д. Плахова [12], Суханов И.В. [16] ва диг. таҳлил гардидааст. Таҳқиқотҳое, ки дар соҳаи педагогикаи халқӣ аз тарафи олимони рус, украин, озар, узбек, қирғиз, қазоқ ва дигар мамлакатҳои ҳамҷавор, вобаста ба анъана ва расму оинҳои халқӣ гузаронидаанд, аҳмияти хосро

сазовор аст, ки ҳамаи онҳо ин арзишҳоро сарвати бебаҳои маънавӣ арзёбӣ менамоянд.

Муҳақиқони тоҷик мероси илмию адабӣ, педагогӣ, таърихӣ ва фалсафию ахлоқиро вобаста ба мавзуи мушаххас дар алоҳидагӣ мавриди таҳқиқ қарор додаанд, аз ҷумла тарбияи ахлоқии хонандагон дар асоси анъанаҳои педагогии халқи тоҷик (Ашуралиев М.И), дигаргуниҳои фарҳангӣ ва таърихии анъанаҳои ҷашну маросими тоҷикон дар солҳои 1917-2011 (Бобоева М.В.), анъанаҳои оилавӣ ҳамчун воситаи тарбияи ахлоқӣ дар фаъолияти педагогии омӯзгорон (Ҷалилова М.Н.), хусусиятҳои педагогии истифодаи унсурҳои этнопедагогика дар тарбияи ахлоқии духтарони наврас дар оила (Мамадносирова М.М.), истифодаи анъанаҳои миллӣ дар тарбияи меҳнатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Раҳмонова Н. С.). Ҳамзамон аз тарафи олимони бошқирд низ вобаста ба ҷашну маросимҳо чунин тадқиқотҳо ба анҷом расонида шудаанд, ба мисли тарбияи ахлоқии мактаббачагон дар асоси анъанаҳои педагогикаи халқӣ (Булатова З. А.), шароитҳои педагогии тарбияи ахлоқии хонандагони мактабҳои сермиллати деҳот дар асоси анъанаҳои педагогикаи халқӣ (Гизатуллина К. Х.).

Дар байни асарҳое, ки ба педагогикаи халқи тоҷик бахшида шудаанд, тадқиқотҳои олимони тоҷик Нуралӣ Нурзода ва Бибиҳафиза Маҷидова аҳмияти калон доранд. Абдулбоқӣ Нуров дар рисолаи доктории худ «Арзишҳои миллию умумибашарӣ ва нақши онҳо дар тарбияи ахлоқии насли наврас» намунаҳои умумии арзишҳои ахлоқии умумибашариро муайян намуда, дар заминаи онҳо консепсияи педагогии ғояҳои тарбиявиро, ки дар арзишҳои ахлоқии миллӣ ва умумибашарӣ инъикос ёфтаанд, таҷассум намудааст.

Бибиҳафиза Маҷидова дар рисолаи доктории худ «Анъана ва расму оинҳои халқӣ ҳамчун воситаи ташаккули сифатҳои ахлоқии кӯдакон дар оила» хусусиятҳои хоси анъана ва расму оинҳои пешқадами халқиро дар

хонадони тоҷик мавриди баррасӣ қарор дода, механизми аз насл ба насл гузаштани ин арзишҳо дар иртиботи табиӣ бо масъалаҳои умумии тарбияи ахлоқӣ ва фарҳанги педагогии падару модарон асоснок кардааст.

Андешаҳои педагогии классикони адабиёти тоҷику форс низ дар пажӯҳишҳои М. Лутфуллоев [7], А. Рӯдакӣ [13], С. Муллоҷон [9], Кучибоев Ш.И.[6] ва дигарон инъикоси худро ёфтаанд. Дар тадқиқотҳои онҳо тарбияи ахлоқӣ ва меҳнатии насли наврас бо истифода аз педагогикаи миллӣ равшан таҷассум ёфтаанд.

Новобаста ба муносибати гуногуни муҳаққиқон нисбат ба омӯзиши ҷашну маросими мардуми тоҷик, таҳқиқотҳои мазкурро инкор накарда, зикр кардан ҷоиз аст, ки то имрӯз дар илми педагогикаи ватанӣ ва хориҷӣ таҳқиқоти ҷудогонаи мустақили диссертатсионӣ оид ба проблемаи ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагон бо фарогирии ҷанбаҳои методологӣ, педагогӣ-психологӣ ва методии он, ки яке аз маҳаки марказиро ишғол мекунад, аз мадди назари таҳқиқотчиён дур мондааст.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи омӯзиши мавзуи нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11 ***ихтилофҳои зерин*** ошкор шуданд:

- таҳлили инкишофи арзишҳои педагогии ҷашну маросими халқи тоҷик ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагон;

- тавсифи арзишҳои педагогии ҷашну маросимҳое, ки сатҳи ташаккули тарбияи ватандӯстӣ-ахлоқии хонандагонро муайян мекунанд;

- ҷашну маросим ва расму оинҳои халқи тоҷик низ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11 ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст;

- азхуд намудани меъёрҳои ахлоқии рафтори хонандагон ба воситаи афкори педагогии мутафаккирони тоҷику форс;

- усулҳои суннатии таъсиррасонии калонсолон ва пиронсолон ба ҳиссиёти ахлоқӣ, шуур ва рафтори хонандагон ҳанӯз ҳам суст омӯхта шудаанд.

Ҳамин зидиятҳои мазкур ва ташаккули донишҳои нав оид ба ҷустуҷӯ, дарёфт ва асосноксозии технологияи педагогии истифодаи нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ дар ҷараёни таълиму тарбия, мусоидат намуда, боиси интихоби мавзуъ «Нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11» гардид.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар чорчӯбаи Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.03.2006, № 94; Консепсияи таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1.11.2006, № 484; Консепсияи таълими этнофарҳангӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 16 феврали соли 1998», № 50; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», № 2048, аз 20 июни соли 2024 ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак», №2049, аз 20 июни соли 2024 қабул гардидаанд, таҳия гардида, инчунин барои амалисозии нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Тарбияи рушди инсони комил дар низоми идоракунии давлатӣ» амалӣ карда шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Таҳқиқ ва муайян намудани ҷанбаҳои таърихӣ-педагогӣ ва аҳамияти арзишҳои миллӣ, аз ҷумла, нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11 дар муассаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқот водор сохт, ки вазифаҳои зерини таҳқиқотро муайян намоем:

- ошкор намудани шароити иҷтимоию иқтисодӣ, таърихӣ, сиёсӣ ва маънавии пайдоиш, ташаккул ва рушди нақши ҷашну маросими миллӣ ва таъсири он ба раванди тарбияи ватандӯстӣ-ахлоқии хонандагон;

- муайян ва таҳлил намудани мавқеи тарбияи ватандӯстии хонандагон тавассути ҷашну маросими миллӣ ва нақши онҳо дар инкишофи афкори педагогии халқи тоҷик;

- барасии роҳу воситаҳои татбиқи нақши ҷашну маросими миллии халқи тоҷик дар тарбияи ватандӯстии хонандагон;

- муайян намудани ақидаҳо, методҳо, воситаҳо ва усулҳои таъсирбахши тарбияи ватандӯстии хонандагон, ки дар ҷашну маросимҳо ва таълимоти педагогикаи мардумӣ инъикос ёфтаанд.

**Объекти тадқиқот** хонандагони синфҳои 9-11-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот** муайян намудани ҷашну маросими миллии халқи тоҷик ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11 муассиаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

**Фарзияи таҳқиқот.** Дар низоми муосири таҳсилот, нақши ҷашну маросими миллии халқи тоҷик ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагон дар мавриде самаранок хоҳад шуд, ки агар:

- мазмун ва мундариҷаи ғояҳои педагогии нақши ҷашну маросими миллии халқи тоҷик дақиқ карда шавад;

- ҷойгоҳи арзишҳои миллӣ дар низоми ғояҳои педагогии нақши ҷашну маросими миллии халқи тоҷик муайян карда шавад;

- роҳу воситаҳои татбиқи нақши ҷашну маросими миллии халқи тоҷик ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагон коркард карда шавад;

- истифодаи технологияи педагогии коркардшуда барои ташаккул ва беҳдошти ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагон дар замони муосир озмоиш карда шавад;

- барои тарбияи ватандӯстии хонандагон тавасути ҷашну маросими миллӣ маҷмуи меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои маънавӣ-педагогӣ муайян карда шавад.

**Марҳилаҳои таҳқиқот.** Таҳқиқот дар се марҳилаи бо ҳам алоқаманд гузаронида шуд:

**Марҳилаи якум (2016-2019).** Дар ин давра тавассути омӯзиш ва таҳлили сарчашмаҳои гуногуни таърихӣ, фалсафӣ, адабию бадеӣ, ҷомеашиносӣ, фарҳаншиносӣ, психологию педагогӣ вазъи таҳқиқи проблема дар назария ва амалия ошкор ва барои муайян кардани нуктаҳои ибтидоӣ ва асосии таҳқиқот заминаҳои зарурӣ фароҳам оварда шуданд. Дар ин давра инчунин масъалаҳои вобаста ба зарурат ва муҳимияти таҳқиқот, дастгоҳи мафҳумӣ-категориявии он, объект, предмет, мақсаду вазифаҳо, фарзия, методикаи таҳқиқот баррасӣ гардиданд.

**Марҳилаи дуюм (2020-2022).** Ин марҳила озмоиши ташаккулдиҳанда раванди ташаккули нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагон дар байни хонандагону омӯзгорони МТМУ ва падару модарон мавриди таҳқиқ қарор гирифта, методҳо, шаклҳо, технологияҳо, низоми меъёрҳо ва арзёбии сатҳи ташаккули арзишҳои миллӣ дар байни категорияи номбурдаи респондентҳо муайян карда шуданд.

**Марҳилаи сеюм (2023-2025).** Дар ин марҳила масъалаҳои такмили қисмҳои назариявӣ ва озмоишии таҳқиқот, коркард ва мураттабсозии маълумоти дар натиҷаи таҳқиқот ҷамъоваришуда, коркарди ниҳоии хулосаву тавсияҳои илмӣ, инчунин ороишу барасмиятдарории диссертатсияро фаро гирифт.

**Асоси назариявии тадқиқотро** таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи педагогика, психология, этнология ва фарҳангшиносӣ ташкил медиҳанд. Махсусан, нақши ҷашну маросими миллӣ дар тарбияи ватандӯстии хонандагон, самтҳои гуманистии ҷараёни тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёна, таъсири омилҳои этникӣ ба инкишофи ахлоқии хонандагон, шакли тағйироти нақш ва таъсири ҷашну маросимҳо бо талаботи рушди иҷтимоӣ- иқтисодӣ ва

маънавии ҷомеа. Асноди қонунгузорӣ ва ҳуқуқии мақомоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (2013), «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» (2011), «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбия кӯдак» (2024), «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2024), «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2006), дастуру роҳнамоиҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, консепсияву барномаҳои давлатии рушди маориф ташкил доданд.

**Асоси методологии тадқиқотро** ақидаҳои умумифалсафӣ дар бораи нақши оммаи халқ дар бунёди арзишҳои маънавӣ, асолат ва ҳувияти фарҳанги миллӣ, дар бораи муносибати илму амалияи муосир ба ин арзишҳо, бахусус ҷашну маросими миллӣ дар бораи моҳият ва нақши ҷашну маросимҳо дар тарбияи ватандӯстии хонандагон дар шароити сохтмони ҷомеаи демократӣ, консепсияи психологӣ-педагогии нақши муошират ва фаъолият дар ташаккули шахсият фаро мегирад.

Умуман асоси методологии тарбияро дар кишвари мо тафаккури нави сиёсӣ ва фарҳангӣ ташкил медиҳад, ки моҳияти он таҳкими истиқлолияти давлатӣ, ваҳдату худшиносии миллӣ, ҳисси ватандӯстию ватанпарастӣ, таъмини амнияти давлату миллат, ҳифзи тамомияти арзӣ ва манфиатҳои умумимиллӣ мебошад.

**Сарчашмаи маълумот.** Ба сифати сарчашмаи таҳқиқот таҳиқотҳои дисертатсионӣ ва амалии педагогон, психологон, фарҳангшиносон оид ба ҷашну маросими миллӣ ва нақши он дар тарбияи ватандӯстии хонандагон, ташаккули арзишҳои миллӣ, асноди меъёрҳои ҳуқуқии соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, паёмҳои ҳамасолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба масъалаи соҳаи маориф, ҷашну маросими миллӣ, маводҳои васоити ахбори омма, интернет, бойгонӣ, осори мутафаккирони форсу тоҷик ва муосир, ки дорои маълумоти зарурӣ барои таҳқиқот мебошанд, ҳуҷҷатҳои

муассисаҳои зинаҳои гуногуни таҳсилот, таҷрибаи педагогӣ ва пажӯҳишии унвонҷӯ ва ғайраҳо хизмат кардаанд.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот.** Заминаҳои эмпирикии таҳқиқотро муносибати амалии муаллифи диссертатсия бо объекти таҳқиқ: омӯзиш ва таҳлили назариявии адабиётҳои фалсафӣ, психологӣ-педагогӣ, сотсиологӣ, этнографӣ, фарҳангӣ, таърихӣ, матбуоти даврӣ оид ба проблемаи таҳқиқшаванда; мушоҳидаи педагогии раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёна; методҳои сотсиологӣ (суҳбат, анкета, пурсиши хонандагон, падару модарон ва омӯзгорон оид ба нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ); омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи кории омӯзгорон; таҳлили барнома ва китобҳои дарсии муассисаҳои таҳсилоти миёна, нақшаҳои кори тарбиявии муассисаҳои таҳсилотӣ, роҳбарони синфҳо; озмоиши педагогӣ.

Усули асосии таҳқиқотро озмоиш (муқараркунанда ва ташаккулдиҳанда) ташкил намуд, ки дар рафти он фарзия ва шароити педагогии тарбияи ватандӯстии хонандагон дар асоси нақши ҷашну маросими миллӣ аз рӯи идеяҳои педагогикаи халқӣ санҷида шуд. Дар рафти озмоиш сӯҳбатҳо, усулҳои санҷиш, омори математикӣ ва арзёбии коршиносон истифода шуданд.

**Пойгоҳи таҷрибавӣ-озмоишии таҳқиқот.** Таҳқиқот дар заминаи кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии Муассисаи давлатии «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва 6 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ: №№ 8, 52 шаҳри Кулоб, №№10, 53 ноҳияи Восеъ ва №№1, 12 ноҳияи Шамсиддин Шоҳин гузаронида шуд. Дар марҳилаҳои гуногуни таҳқиқот дар маҷмуи умумӣ 1270 нафар категорияҳои мухталифи респондентон, аз ҷумла – 800 нафар хонандагон ва 201 нафар омӯзгорони муассисахои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ҳамчунин 269 нафар волидайни хонандагон иштирок доштанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки:

- ҳамаҷониба қонуниятҳои таърихию педагогии рушди фаъолияти ҷашну маросими миллӣ ҳамчун тарбияи ватандӯстӣ дар давраҳои гуногун ҳамчун раванди мураккаби динамикӣ аниқ карда шуд;

- маводҳои таърихӣ-педагогӣ ва бадеӣ-педагогӣ, этнографӣ, этнологӣ, ки ҷанбаҳои тарбияи ватандӯстӣ тавассути ҷашну маросими миллӣ ва ташаккули шахсияти хонандагонро фаро нагирифта буд ё ба қадри кофӣ омӯхта нашуда буд, мавриди таҳлил қарор дода шуд;

- аҳамияти таърихии инкишоф ва интиқоли ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагон муайян карда шуд;

- имконоти гуногуни истифодаи ҷашну маросими миллӣ вобаста ба тарбияи ватандӯстӣ дар низоми ягонаи таҳсилот ошкор карда шудаанд;

- вазъи истифодаи ҷашну маросими миллӣ вобаста ба тарбияи ватандӯстии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва баланд бардоштани маданияти педагогии омӯзгорон таҳлил карда шуд;

- роҳҳои истифодаи оқилонаи унсурҳои миллӣ ва умумибашарии педагогикаи халқӣ бо назардошти хусусиятҳои миллии онҳо, падидаҳои нави иҷтимоию педагогии ҷомеа муайян карда шуд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Дар шароити дигаргуниҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сохтмони давлати демократию дунявӣ муносибатҳои мухталиф дар шуури ҷамъиятӣ инкишоф меёбанд. Ин вазъият дар назди мактабу маориф вазифа мегузорад, ки хонандагонро бо шаъну шарафи баланди ахлоқӣ: поквиҷдонӣ, эҳтироми шаъну эътибори инсонӣ, ватандӯстӣ, меҳнатдӯстӣ ва дигар хислатҳои ҳамидаи инсонӣ тарбия карда шаванд. Ба ҳалли масъалаи мазкур нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун як ҷузъи таркибии педагогика таъсир расонида, воситаи муҳимми тарбияи ватандӯстии хонандагон мегардад.

2. Дар тӯли таърихи тӯлонии рушди худ, халқи тоҷик низоми мукаммал ва хеле муассири тарбияи ватандӯстии хонандагонро, ки бар пояи усулҳои анъанавӣ бунёд ёфтааст, таҳия намуда, ба насли оянда вогузор кардааст. Ин мероси гаронбаҳо таърихи бою фарҳанги ғанӣ, забон ва адабиёти нодири

тоҷиконро дар бар гирифта, барои тарбияи насли ватандӯсту худшинос заминаи мусоид фароҳам меорад.

3. Беэътиноӣ ё ноогоҳӣ аз аҳамияти ҷашнҳо ва маросимҳои миллӣ ҳамчун василаи тарбияи ватандӯстӣ бо дарназардошти вижагиҳои синну солӣ ва фардии хонандагон, сабаби коҳиши арзишҳои на танҳо педагогикаи халқӣ, балки тамоми педагогикаи илмӣ мегардад. Чунин беэътиноӣ ба арзишҳои миллию фарҳангӣ метавонад ба бегонашавии насли наврас аз решаҳои худ, аз даст додани ҳисси ватандӯстӣ ва дар ниҳоят, ба таназзули маънавии ҷомеа оварда расонад.

4. Яке аз шартҳои муҳимми эҳё ва инкишофи педагогикаи илмӣ ин истифода бурдани нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагон, дар ҳамаи соҳаҳои пешбарандаи назария ва амалияи тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад.

5. Ғояҳои тарбиявии педагогикаи халқӣ, махсусан ҷашну маросими миллӣ, расму одатҳо, докторинаҳо ва ғайра ба ташаккули ҷараёни тарбияи ватандӯстии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таъсири ҳалкунанда мерасонанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.**

- илман асоснок намудани тарбияи ватандӯстии хонандагон тибқи назарияи илмӣ-педагогӣ ва татбиқ намудани мероси чандинасраи халқи тоҷик дар шакли ҷашну маросимҳо;

- ошкор намудани нақши ҷашну маросими миллӣ дар назария ва амалияи тарбияи ватандӯстии хонандагон;

- ҳангоми инъикоси ҷашну маросими миллӣ, ба назар гирифтани рафтор, ҳиссиёт ва таасуроти хонандагон;

-хангоми баррасии усулу воситаҳои анъанавии тарбияи ватандӯстӣ ба назар гирифтани давраҳои гуногуни инкишофи шахсият, махсусан хусусиятҳои хонандагони синфҳои 9-11 муссисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

- асоснок намудани моҳияти ҷашну маросимҳое, ки дар муссисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавҷуд аст ва муайян намудани роҳҳои бартараф намудани камбудиҳо;

- инкишофи минбаъдаи назария ва амалияи тарбияи ватандӯстӣ ва такмил додани амалияи таъсири байниҳамдигарии мактабу ҷомеа.

**Дараҷаи эътимотнокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Ба манбаҳои таърихӣ-адабӣ ва илмӣ асос ёфтани хулосаҳо оид ба мақоми ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11 дар асоси ба назар гирифтани осори мутафаккирони форсу тоҷик дар низоми муосири тарбия, гузаронидани озмоишҳо оид ба нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ, инчунин дар нашрияҳои илмӣ нашр шудани мақолаҳои илмӣ, дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалӣ мавриди муҳокима қарор гирифтани натиҷаҳои пажуҳиш эътимотнокии таҳқиқоти мазкурро муқаррар мекунад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, иборат аст аз:**

- таҳлили амиқи маводҳои илмӣ, сарчашмаҳои илмӣ, баррасиву шарҳу тафсири маълумотҳои дарёфтшуда ва ба низом даровардани онҳо, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилгардида;

- муайянсозии нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагон дар низоми муосири тарбия ва дар ин асос муайян кардани асосҳои методологӣ ва назариявии истифодаи ин арзишҳои миллӣ;

- муайян намудани мундариҷа ва хусусиятҳои методикаи татбиқи марҳилаҳои алоҳидаи истифодаи ҷашну маросими миллӣ дар таълиму тарбияи насли наврас;

- санҷиш ва таҳлили самаранокии методикаи таҳияшуда, интишори мақолаву дастурҳои илмӣ доир ба мавзуъ ва дар семинару конференсияҳои

илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ ва умумидонишгоҳӣ бо маъруза баромад кардан.

**Тавсиб ва амалисози натиҷаҳои таҳқиқот.** Дастнависи рисола дар ҷаласаи кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифта буд. Муқаррарот ва натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои илмию амалии минтақавӣ муаррифӣ гардида, дар мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва маҷаллаҳои илмӣ чоп шудаанд, инъикос ёфтаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 6 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 3 номгӯй дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат аст. Мазмун ва мундариҷаи диссертатсия дар 180 саҳифа баён шуда, дар он 15 расм, 6 ҷадвал ва рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 164 номгӯй иборат аст.

# БОБИ I. ҲАДАФМАНДИИ ҶАШНУ МАРОСИМИ ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТИИ ХОНАНДАГОН

## 1. 1. Таҳлили назариявии ҷойгоҳи ҷашну маросими миллӣ дар тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11

Воқеан, ҳувияти миллӣ тавассути рамзу нишонаҳои миллӣ, такя кардан ба собиқаи таърихию фарҳангӣ зуҳур меёбад. Ҷашну маросими миллӣ ва тарбияи ватандӯстӣ падидаи иҷтимоӣ-педагогӣ ва фарҳангии мардум мебошанд, ки ҳанӯз дар замонҳои қадим ба вуҷуд омада, бо тағйири сохту мундариҷаи худ садсолаҳоро пасисар карда, то ба имрӯз расидаанд. Ҷашну маросими миллӣ, тарбияи ватандӯстӣ ҳамчун намунаҳои фарҳанги миллӣ дирӯзу имрӯзи ҳаёти халқро бо ҳам мепайвандад ва барои ваҳдату ягонагӣ, сулҳу амонӣ, дӯстӣ, арҷгузории арзишҳои маънавӣ, тарбиявӣ-ахлоқӣ ва мустаҳкам шудани худшиносю ватандӯстӣ воситаи муҳим мебошад.

Дар ҷаҳони муосир, аз як тараф, раванди ҳамгироӣ ва аз тарафи дигар, раванди парокандашавӣ рафта истодааст. Ин ду раванд табиатан якдигарро истисно карда, зиддият, муқобилат ва муқовиматро ба вуҷуд меоранд. Ҷустуҷӯи сарчашмаҳои ин раванд, бартараф кардани шиддати байни онҳо, масъалаи муҳимми илмӣ-назариявӣ мебошанд.

Ҳаёти имрӯзаи мо тасдиқ менамояд, ки нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ ганҷи бебаҳои мероси миллӣ ба шумор меравад. Аксар наслҳо онро нигоҳ дошта, ғанӣ мегардонанд ва ба насли нав мерос мегузоранд. Ва вақте ки ин робита қатъ мегардад, насл аз фарҳанги миллии худ дур мегардад.

Нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ дар сарнавишти миллати тоҷик бояд ҳамчун арзишҳои табиӣ ва ҷудонашавандаи фарҳангӣ-педагогӣ дониста шаванд. Ҷашну маросими миллие, ки аз замонҳои қадим вуҷуд доштанд ва дар марҳалаҳои муайяни таърихии рушди ҷомеа тағйир ёфтаанд, аз худ карда шуда, бо мазмуни нав, дар робита бо унсурҳои

фарҳангии тамаддунҳои дигар ва дар ин замина дар анъана ё ҷашнҳои мустақили миллӣ ё асосҳои динӣ ташаккул меёбанд.

Эҳёи падидаҳои фарҳанги куҳан ва ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ барои мардуми тоҷик имконоти мусоид фароҳам овард, то дар амри руҷӯъ ба таърихи гузашта ва зинда гардонидани бузургдошти мероси моддиву маънавии хеш талош варзад.

Сатҳи нави рушди фарҳанги иҷтимоии аҳолии кишвар дар шароити соҳибистиқлолӣ зарурати бетаъхир асоснок намудани қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро [59] ба миён овард, ки он на танҳо ташаккули ҷашну маросими миллиро дар марҳалаи нави тараққиёти ҷамъият ба танзим даровард, балки тадбирҳоеро амалӣ намуд, ки инкишофи минбаъдаи онро таъмин намуда, ахлокро на танҳо ҳамчун системаи назариявӣ, балки ҳамчун идеали амалӣ ба вуҷуд овард.

Дар ин ҷо арзиш ва саривақтӣ будани қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (тағйироти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18.06.2008, № 390, аз 21.07.2010, № 636, аз 30.05.2017, № 1461)-ро таъкид кардан ба маврид аст, ки давлат бо мақсади амалӣ намудани ҳадафҳои барномавии ин санади муҳим қариб ҳар рӯз дар бораи кӯдакон ғамхорӣ намуда, онҳоро бо таваҷҷуҳ ва меҳру муҳаббат фаро гирифт [59].

Таҳлили таъсири анъанаҳои маънавӣ ба ташаккули шахсияти миллӣ пеш аз ҳама, муайян кардани мафҳуми «фарҳанг»-ро тақозо менамояд. Фарҳанг «ин сохтори мураккаби иҷтимоӣ буда, муносибатҳои байни одамонро ифода менамояд, ки ба эҷод, азхуднамоӣ, нигоҳдорӣ ва паҳн намудани сарватҳои моддию маънавӣ, қонеъ гардонидани эҳтиёҷот ва манфиатҳои инсонӣ нигаронида шудааст ва таърихан инкишоф ёфтани низоми муаяйни арзишҳои шахсият ва дар баробари ин, шакли муайяни раванди истеҳсолоти моддӣ, фаъолияти эҷодии оммаро, ки ба аз худ кардан ва дигаргунсозии ҷаҳон равона гардидааст, дар бар мегирад» [57, 7].

Таркиби асосии фарҳанг *анъана* мебошад. Дар замони муосир афзудани шавқу ҳаваси мардум ба анъанаҳо пеш аз ҳама ба он вобаста аст, ки раванди пурталотуми худшиносии халқу миллатҳо ба вуҷуд омадааст. Муҳаққиқи рус И.В. Суханов таъкид менамояд, ки «Низоми анъана, ҷашну маросим ва суннатҳои ҳар як миллат натиҷаи заҳматҳои тарбиявии он дар давоми асрҳо мебошад. Тавассути ин низом ҳар як миллат фарҳанги маънавӣ, характер ва психологияи худро дар қатори ивазшавии наслҳо такрор менамояд» [125, 5].

Бояд тазаккур дод, ки аксар олимону пажуҳишгарон аз қабили Ш.И. Кӯчибоев, С. Исоев, Б. Маҷидова, Б. Раҳимов, С.И. Лучанкина, Э. Мирзохонов, М. Муродов, Ш.М. Сафаров, М. Сайфуллоева, И.В. Суханов, И.А. Панкеев, З.И. Яъқубов, И.Б. Юнусов, М. Шукуров, Ю. Акбаров ва диг. таҳқиқотҳои худро ба масъалаи анъана ва ҷашну маросими миллӣ бахшидаанд. Принсипҳои ахлоқӣ барои ҳимояи ҳуқуқҳои ҳаётӣ ва сазовор гардонидани ҳаёт муҳиманд. Сиёсати башардӯстонаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросими миллӣ» садди роҳи унсурҳои номатлуб дар ташкили тантанаҳо мегардад [55, 94].

Омӯзиши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ аҳамияти илмӣ ва амалӣ дорад ва барои тарғиби анъанаҳои пешқадам дар муассисаҳои таълимӣ мусоидат мекунад.

Дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои инсон, принсипҳои ахлоқӣ ҳамчун меъёрҳои муҳими арзёбӣ ва танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ амал мекунанд. Онҳо кафолати эҳтироми шаъну шараф, озодӣ ва ҳуқуқҳои бунёдии инсонро таъмин намуда, ба бунёди ҷомеаи адолатпарвар мусоидат менамоянд. Дар ин замина, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 14) ҳуқуқи ҳар як инсонро ба ҳаёт кафолат медиҳад ва давлатро вазифадор месозад, ки онро ҳифз намояд.

Сиёсати башардӯстонаи давлат дар самти танзими ҷашну маросимҳои миллӣ, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросими миллӣ» инъикос ёфтааст, ба ҳифзи арзишҳои фарҳангӣ ва пешгирии исрофкорӣ равона гардидааст. Ин қонун, ки соли 2007 қабул

шудааст, мақсад дорад, ки ҷараёни гузаронидани ҷашнҳо ва маросимҳоро ба низоми муайян даровварда, аз зуҳуроти номатлуб, аз қабили зиёдаравӣ ва хурофотпарастӣ пешгирӣ намояд.

Омӯзиши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ, махсусан дар муассисаҳои таълимӣ, дорои аҳамияти бузурги илмӣ ва амалӣ мебошад. Таҳқиқи таърихи пайдоиш, моҳият ва нақши ҷашнҳо дар ташаккули худшиносии миллӣ ба афзоиши ҳисси ватандӯстӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ ва фарҳанги умумӣ мусоидат менамояд. Ин амал ба таъмини ворисияти наслҳо ва ҳифзи мероси фарҳангии миллӣ равона шудааст.

Тарғиби анъанаҳои пешқадам дар муассисаҳои таълимӣ, аз қабили Наврӯз, Меҳргон ва Сада, имкон медиҳад, ки ҷавонон бо арзишҳои асили фарҳанги тоҷик шинос шуда, аз таърихи пурифтихори халқи худ огоҳ гарданд. Инчунин, ташкили чорабиниҳои фарҳангӣ, гузаронидани озмунҳо ва намоишҳо дар асоси анъанаҳои миллӣ ба ташаккули шахсияти комил ва ватандӯст мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, муттаҳидсозии принсипҳои ахлоқӣ, сиёсати башардӯстонаи давлат ва омӯзиши ҷашну маросими миллӣ дар якҷоягӣ ба таъмини ҳуқуқҳои ҳаётӣ, сазовор гардонидани ҳаёт ва тарбияи ватандӯстии насли наврас мусоидат менамояд. Ин равандҳо бояд дар асоси қонунгузории миллӣ ва меъёрҳои байналмилалӣ амалӣ карда шаванд, то ки ба рушди устувори ҷомеа ва таҳкими арзишҳои инсонӣ мусоидат намоянд.

Ҷашну маросими миллӣ ва тарбияи ватандӯстӣ, одамро аз хурдсолӣ ба олами инсонӣ, бо мафҳумҳои воло ва идеалҳои инсонӣ шинос намуда, қадам ба қадам шахсияти ӯро ташаккул медиҳад. Дар ин раванд дили инсон нозуктар шуда, бештар хислатҳои инсонӣ пайдо мекунад, фикраш шавқовару рангоранг мегардад, парвози фикраш боз ҳам баландтар мегардад. Ва эҷодиёти ӯ фаъолтар мегардад. Ҳамаи ин зарурати омӯзиш ва таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни арзишҳои ҷашну маросими миллиро тақозо менамояд.

На танҳо ахлоқ, балки тафаккури инсон низ бар ҷашну маросими миллӣ асос ёфтааст. Азбаски ахлоқ ва тафаккур ба ҳам зич алоқамананд, яке бе

дигаре вуҷуд дошта наметавонад. Онҳо якдигарро пурра карда, якҷоя ба шахс ва ҷамъият хизмат мекунанд. Бинобар ин, вақте сухан дар бораи эҳёи онҳо меравад, онро набояд рӯякӣ, бозгашт ба гузашта, ташаккули расму оинҳои маҳз бостонӣ ё асримиёнагӣ қабул намуд.

Баръакс, инро бояд ҳамчун озод намудани фарҳанги мардумӣ аз он масъалаҳое фаҳмид, ки ба маънои инсоният иснод мегузорад. Таваллуд маънои ба даст овардани ҳаёти воқеии инсон, бо миллату халқиятҳои гуногун, барпо намудани ҷаҳони нав, ҷаҳони бе ҷанг, бе харобӣ, ҷаҳони дӯстию бародарӣ, ҷаҳони хайрхоҳӣ ва гул-гулшукуфӣ ва дар оилаи бузурги халқҳои ҷаҳон мавқеи сазоворро ишғол намуданро дорад. Ҳамчунин ба назар гирифтан зарур аст, ки ҳар як халқу миллат дар байни қавму миллатҳои дигар маҳз ба туфайли хислатҳои хоси худ мавқеи худро меёбад.

Ҳамин тавр, ҷашну маросим, қоидаву тартибот ва таҳаммул дар халқу миллатҳои сайёраи мо бо назардошти талаботи замон ба вуҷуд омада, мувофиқи шароити объективӣ ва субъективии ҷомеа ва табиат ташаккул меёбад, аз насл ба насл гузашта, дар тарбияи хонандагон аҳмияти хоссаро соҳиб мегардад.

Аз ин рӯ, ҷашну маросими миллӣ на танҳо аҳамияти тарбиявӣ, балки арзиши бузурги иҷтимоию сиёсӣ низ доранд. Онҳо наслҳои имрӯзу ояндаро дар руҳияи эҳтиром нисбат ба арзишҳои миллию умумибашарӣ, бахусус анъана ва ҷашну маросимҳо, қоидаҳои тартибот ва тарзи зиндагии мардум тарбия мекунанд. Насли навро бо ҳаёти гузашта ва имрӯзаи миллатҳо шинос намуда, меҳру муҳаббатро нисбат ба халқ, Ватан ва эҳтиром гузоштан ба ҳамаи халқу миллатҳои рӯи замин ташаккул медиҳад.

Бинобар ин, корҳои тарбиявиро вобаста ба ҷашну маросими миллӣ бо насли наврас тавре бояд ташкил намуд, ки онҳо намуд, моҳият, мазмун, вазифа ва аҳамияти ҳар як анъана, ҷашн, маросим, расму оин, тартиботи қадима ва ҳаррӯзаи мардумро амиқ ва ҳамаҷониба дарк карда тавонад. Мақсаду орзуҳои деринаи халқи худро аз ҷиҳати мазмуну моҳияти худ дуруст фаҳмида, барои дар ҳаёт татбиқ намудани он кӯшиш намояд.

Аз ин рӯ, пеш аз ҳама мафҳум, намуд, мазмуну мақсад ва вазифаҳои онҳоро дуруст бояд дарк кард. Ва барои дуруст фаҳмидани он пеш аз ҳама қонуну қоидаи онҳоро амиқ ва дуруст дарк кардан зарур аст. Бе ин, онҳо наметавонад моҳияти мақсаду вазифаҳо, маънои инъикоси мафҳумҳои ин арзишҳо, ки маҳз аз ҳамин бармеояд, дарк намоянд. Тарбияи ҳар як фард дар руҳияи ин арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ аҳамияти бузурги таърихӣ, назариявӣ ва амалӣ дорад.

Бедоршавии худшиносии миллӣ дар хоҳиши олимон, мутахассисон, ходимони сиёсӣ ва журналистон барои пайдо намудани асли он анъанаҳое, ки ҳувияти мардумро ҳифз кардаанд; аз нав андеша кардан оид ба мероси фарҳангӣ, пайдо кардани лаҳзаҳое, ки метавонанд нақши стандартеро бозанд, ки наслҳои оянда аз он ибрат гиранд, ифода ёфтааст.

Акнун бо зикри мафҳумҳои арзишҳои миллӣ, ба тафсилоти бештари мақсади баррасии мавзуъ мегузарем. Вақте ки сухан дар бораи урфу одатҳо меравад, хонанда ба тафсир ва тавзеҳоти гуногун дучор мешавад.

Масалан, муҳақиқони тоҷик Маҳмадҷон Шукуров ва Юсуф Акбаров дар китоби худ «Анъана ва навоварӣ» мафҳуми «анъана»-ро чунин шарҳ додаанд. «Анъана – калимаи арабӣ буда, маънояш аз забони касе ҳикоят кардан, аз гузаштаи худ ифтихор кардан аст» [160, 3]. Баъдтар онҳо дар асоси маънои лотинии калима, маънои нави он: вогузор кардан, тақдим кардан, нақлу ҳикоят карданро, истифода бурдаанд. Дар фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ бошад, анъана ҳамчун расму қоида, урфу одатҳое, аз насл ба насл мегузарад, ё аз наслҳои гузашта мерос мондааст зикр гардидааст [144, 75].

Ба назари мо, тавзеҳоти боло моҳияту мақсад, вазифаю анъанаро ҳамаҷониба ва пурра инъикос карда наметавонанд. Бояд дар назар дошт, ки анъана мафҳуми хеле фаррох буда, тамоми паҳлуҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва шахсии инсонро фаро мегирад. Вай, на танҳо дар ҳаёти ҳаррӯза, балки дар адабиёт, санъат, дар истеҳсолот ҳам зоҳир мегардад ва дар ҳама ҷо вобаста ба соҳа ва характер аҳамияти хоса пайдо мекунад. Ва ҳар кадоми онҳо ба пешрафти соҳаҳои худ нигаронида шудааст. Аз ин рӯ, зарур аст, ки ба

маънои вожаи анъанавӣ муфассал шинос шавем.

Анъана риштаест, ки зиндагии гузашта ва ҳастии имрӯзаро бо ҳам мепайвандад. Ин хеле муҳим аст. Зеро агар насли нав таҷрибаи наслҳои пешинро наомӯзад ва ҷанбаҳои судманди онро қабул накунад, рушди ҷомеаеро, ки дар он зиндагӣ мекунад, таъмин карда наметавонад. Чунки маҳз анъана риштаҳои пайвасткунандаи наслҳо мебошанд, ки пешрафти ҷомеаро таъмин мекунанд. Ва баробари канда шудани ин риштаҳо дар ҳаёти иҷтимоии одамон ногузир бухроне ба миён меояд, зеро ҷудоии инсон аз арзишҳои инсонӣ ӯро ба гумроҳӣ ва бӯҳрони руҳонӣ мебарад, нотавон шуда нозукиҳои ахлоқию эстетикии халқи худро дарк намекунад. Зарурати рӯ овардан ба анъанаҳои ниёгонамон маҳз аз ҳамин андешаҳо ба миён меояд. Маҳз ҳамин аст, ки риояи анъана ва ҷашну маросим ба ояи қонун табдил ёфта, барои ҳама ҳатмӣ гардидааст.

Ба андешаи мо, ҷашну маросим инъикоси муҳимтарин ҷанбаи ҳаёти инсон буда, самараи ҳаёти ҷамъиятии инсон мебошад ва бо пешрафту таҳаввулоти ҷомеа он низ тағйиру такмил меёбад, тобишҳои нави хоси руҳи замонро касб мекунад. Вале он, бешубҳа асоси худро нигоҳ медорад.

Ҳамин тавр, ҷашну маросим паҳлуҳои гуногуни ҳаёти инсон ва ҷамъиятро фаро мегиранд. Дар ин ҷо, мо танҳо ба баъзе аз онҳо дахл кардем. Дар зиндагӣ доираи онҳо хеле васеъ аст. Барои мукаммалтар шудани ғояи урфу одатҳо як қатор ҷанбаҳои дигари анъанаро метавон ном бурд.

Азбаски анъана як қисми ҳаёти инсонро муайян мекунад, қисми дигари он мавҷудияти маънавии ӯро ташкил медиҳад. Он, дигаргуниҳои дар ҳаёти инсон ба амал омада - мавҷудияти маънавии инсонро қисман фаро мегиранд, муайян мекунад. Ҷашну маросим низ тағйир меёбанд, ба сифати нав пайдо мешаванд, дар пайдоиши анъанаҳои нав, фаъолона иштирок мекунанд. Аз ин рӯ, ҷашну маросим танҳо ҳамон вақт арзиши воқеӣ пайдо мекунанд, ки дар зиндагии инсон ва такмили сифатҳои ахлоқии ӯ саҳм гузоранд.

Дар таърих бисёр мавридҳое мушоҳида мешаванд, ки анъана ва ҷашну маросими як халқ ба расму оини халқҳои дигар табдил ёфта, дар пайдоиши

анъанаҳои нави муштарак иштирок кардаанд. Ин равиши табиии таърих аст. Омехтани анъанаҳо дар натиҷаи бархурдҳои бузурги таърихӣ, ки барои ба ҳам наздик шудани халқияту миллатҳо, саъю кӯшиши мақсадноки сохтмони ҷамъияти нав муттаҳид шудаанд, ба амал меояд.

Ҳамин тариқ, дар баъзе давраҳои таърихӣ муҳимтарин анъанаҳои як халқ барои халқҳои дигар аҳамияти калон пайдо карда, ба пайдоиши анъанаҳои нави якчанд халқҳои дигар мусоидат мекунанд.

Анъанаҳои як халқ ба халқи дигар танҳо дар сурате мегузарад, ки барои ин шароитҳои дахлдори объективӣ мавҷуд бошад. Зеро ба таври сунъӣ бо зурӣ ба дигар халқҳо додани он мумкин нест. Инро фақат вақте ба даст овардан мумкин аст, ки ин ё он халқ ба қабули анъанаҳои халқи дигар тайёр бошад, ё ба ин эҳтиёҷоти махсус дошта бошад.

Ягон анъана бе тағйироти махсус ба халқи дигар намегузарад, онҳо ҳангоми гузариш ҳатман тағйир ёфта, мазмунан нав шуда, ба шароити муосир мутобиқ мегардад. Аз ин хулоса мебарояд, ки анъанаи як халқ бе тағйироти мувофиқ ба халқи дигар интиқол намеёбад. Ҳар анъанаи ба халқи дигар интиқолёбанда, ба шароити муосир мутобиқ шуда, ҳаёти нав пайдо мекунад. Аммо ин раванд хеле тӯлонӣ ва хеле мураккаб аст.

Дар ин бора муҳаққиқони тоҷик М. Шукуров ва Ю. Акбаров чунин нигоштаанд: «амали мутақобили анъанаҳои омада ва анъанаҳои худӣ бағоят мураккаб аст. Анъанаҳои омада ва худӣ фаъолона ба якдигар таъсир мерасонанд, шаклан ва мазмунан якдигарро тағйир медиҳанд, ба ҳам меомезанд ва аз ин омезиш як синтез, як сифати нав ҳосил мешавад» [160, 28].

Ҳамчунин ин муҳаққиқон қайд менамоянд, ки «... ҳамин ки давраи болоравӣ сар шуд, анъанаҳои давраҳои гузашта, ҳатто баъзе фаромӯшшуда аз нав бо қувваи азиме ба ҳаракат меоянд, руҳи навоварӣ қувват мегирад ва натиҷаҳои ҷиддӣ ба даст меояд» [160, 30].

Дар ин ҷо, бисёр ба маврид аст ба осори олими маъруф И.С. Брагинский такя намоем. Ӯ қайд менамояд: «Аз қаъри асрҳо ба мо анъана, ҷашну

маросим ва ривоятҳое омада расидаанд, ки аз таҳаввули донишҳои фарҳангии гурӯҳи этникӣ, ки зуҳуроти бисёртарафаи олами атрофро азхуд кардаанд, дарак медиҳанд. Бархе аз ин расму оинҳо марҳалаҳои аввали фарҳанги иҷтимоӣ, дур шудани фикр аз воқеият, ақида ва таассуботи вайронро инъикос менамоянд» [33, 46].

Таърих собит месозад, ки тоҷикон он халқеанд, ки суннатҳои миллии худро муқаддасона арҷ мегузоранд, онро нигоҳ медоранд ва амалан дар заминаи аслии худ ба наслҳои оянда мерос мегузоранд. Мо гуфта метавонем, ки ҷашну маросими тоҷикӣ сарчашмаҳои қадима дошта, ҷузъи ҷудонашавандаи зиндагии мардуми кишварро ташкил медиҳанд. Мафҳуми «ҷашну маросими миллӣ» мазмуни нав пайдо карда, на танҳо он чиро, ки дар гузашта буд, балки он чиро, ки дар замони ҳозира таваллуд ва ташаккул меёбад, инъикос менамояд. Дар таҷрибаи халқҳои ҷаҳон исбот шудааст, ки шаклҳои миллӣ дар раванди муносибатҳои байниҳамдигарӣ, аз ҷумла анъанаҳои пурқиматтарин, фарҳанг ва ҳаёти ҳар як халқ тағйир меёбад. Олимон ҷашну маросими халқи тоҷикро омӯхта, кӯшиш кардаанд, ки онҳоро ба гурӯҳҳои зерин тақсим намоянд.

- ҷашну маросиме, ки бо таваллуд ва тарбияи фарзанд дар рӯз ва моҳҳои аввали ҳаёт алоқаманд мебошад;

- ҷашну маросиме, ки бо инкишофи кӯдак дар соли аввали ҳаёташ алоқаманд мебошад;

- ҷашну маросиме, ки давраи муайяни инкишофи шахсияти кӯдакро инъикос менамояд;

- ҷашну маросими марбут ба идҳо: - 1. Тақвимӣ: Сада, Наврӯз, Меҳргон, Тиргон, ҷашни гулҳо: «Сайри гули лола», «Бойчечак»; - 2. Динӣ: иди Қурбон, иди Рамазон, мавлуд (зодрӯзи ҳазрати Муҳаммад (с); - 3. Идҳои оилавӣ: рӯзи таваллуд, бори аввал ба синфи якум рафтан, хатми мактаб, дохилшавӣ ба донишгоҳ, ба кор даромадан ва гусел ба хизмати ҳарбӣ; - 4. Идҳои касбӣ, оилавӣ (вобаста ба машғулият ва касби падару модарон): рӯзи муаллимон, рӯзи кормандони тиб, роҳи оҳан, бинокор ва ғайра; - 5. Идҳои ҷамъиятӣ-

сиёсӣ: рӯзи ваҳдати миллӣ, Истиқлолияти давлатӣ, рӯзи Артиши миллӣ, 8 март…;

- ҷашну маросиме, ки ба муҳайё намудани муҳити мусбати ахлоқӣ нигаронида шудаанд;

- ҷашну маросиме, ки ба оила тааллуқ доранд: тӯйҳо, бурёкубон, рӯзи таваллуд, гусели фарзанд ба сафи қувваҳои мусаллаҳ;

- анъанаҳое, ки бо ҳаёти оилавӣ алоқаманданд;

- анъана ва урфу одатҳои марбут ба мотам: дафн, ёдбуд;

- анъанаҳои меҳнатӣ: ҳашар, шанбегиҳои оилавӣ;

- ҷашну маросиме, ки ҳурмату эҳтироми калонсолон, эҳтироми нон, меҳмоннавозӣ ва дигар хислатҳои наҷибонаи ахлоқиро тарбия мекунад;

- анъанаҳои марбут ба шомил шудан ба созмонҳои кӯдакону наврасон: «Ахтарон», «Сомониён», «Оли сомон», «Созмони ҷавонон».

- ҷашну маросими кӯчагӣ: намоишҳои фолклорӣ ва ғайра [62, С. 30].

Аз нигоҳи олимон, ҷашну маросимҳо на танҳо меъёрҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ, балки натиҷаи таҷрибаи ҷамъиятӣ низ мебошанд, ки характери муносибатҳои ҷамъиятиро ифода мекунанд. Тавассути асарҳои Пешвои миллат расму оинҳои неки ниёгон эҳё гардида, ҷашнҳои миллию мардумӣ, аз қабили Наврӯз, Тиргон, Меҳргон, Сада ва Ялдо аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфта шуданд. Ҷашнҳои миллии мавсимӣ падидаҳои педагогӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангие мебошанд, ки бо ҳодисаҳои табиат иртибот доранд ва дар таърих суғдиёну бохтариён, хоразмиён ва дигар мардуми ориёитабор онҳоро ҳамчун василаи пайвандгари байни инсон ва табиат гиромӣ доштаанд. Маъмултарин ҷашн дар байни мардум Наврӯз аст, ки ҷашни оғози сол мебошад ва қадимтарин ҷашн дар рӯйи олам аст [62, С. 30-31].

Наврӯз, ки ҳамчун ҷашни баҳор ва эҳёи табиат шинохта мешавад, дар тӯли асрҳо ҳамчун рамзи ягонагии фарҳангӣ ва таърихии мардумони ориёӣ хидмат кардааст. Таҳлили Наврӯз, ки дар сарчашмаҳои қадимӣ, аз ҷумла "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ, зикр шудааст, нишон медиҳад, ки ин ҷашн дорои таърихи тӯлонӣ буда, дар рушди тафаккури иҷтимоӣ ва фарҳангии мардум

нақши муҳим бозидааст. Наврӯз на танҳо ҷашни фарҳангӣ, балки падидаи иқтисодӣ низ ба шумор меравад, зеро он бо оғози кишоварзӣ ва давраи нав дар ҳаёти иқтисодии мардум алоқаманд аст.

Дар замони муосир, Наврӯз ҳамчун ҷашни байналмилалӣ аз тарафи ЮНЕСКО эътироф гардида, ба рӯйхати мероси фарҳангии ғайримоддии инсоният ворид шудааст. Ин эътироф на танҳо аҳамияти таърихӣ ва фарҳангии Наврӯзро таъкид мекунад, балки саҳми онро дар муколамаи байнифарҳангӣ ва таҳкими сулҳу дӯстӣ миёни халқҳо эътироф менамояд. Наврӯз дар шароити ҷаҳонишавӣ имконият медиҳад, ки арзишҳои миллии фарҳангӣ ҳифз ва ба ҷаҳониён муаррифӣ карда шаванд.

Таҷлили дигар ҷашнҳои миллӣ, аз қабили Тиргон, Меҳргон, Сада ва Ялдо, инъикоси эҳтиром ба табиат ва арзишҳои ахлоқии ҷамъият мебошанд. Тиргон, ки ҷашни об аст, эҳтироми мардумро нисбат ба манбаи ҳаёт – об ифода мекунад. Меҳргон, ки ҷашни хирман аст, шукронаи неъматҳои табиат ва заҳмати деҳқононро таҷассум менамояд. Сада, ки ҷашни оташ аст, рамзи нур ва гармӣ буда, умедро ба оянда бедор мекунад. Ялдо, ки шаби дарозтарин сол аст, бо ҷамъомади хешовандон ва ёдоварӣ аз гузаштагон таҷлил мегардад.

Эҳё ва гиромидошти ҷашнҳои миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сиёсати фарҳангпарваронаи давлат шаҳодат медиҳад. Таваҷҷуҳи хоса ба ин масъала имкон медиҳад, ки арзишҳои миллии фарҳангӣ ҳифз гардида, ба наслҳои оянда мерос гузошта шаванд. Инчунин, ин раванд ба таҳкими ҳувияти миллӣ ва ваҳдати ҷомеа мусоидат мекунад. Ҷашнҳо на танҳо вақтхушӣ, балки воситаи тарбияи насли ҷавон дар рӯҳияи ватандорӣ ва эҳтиром ба арзишҳои миллию фарҳангӣ мебошанд.

Ҷашни Меҳргон низ суннатҳои неки инсонӣ, файзу баракати хони пурнеъмати кишоварзонро таҷассум мекунад. Ҷашни Меҳргон дар сарчашмаҳои таърихӣ ва адабӣ, махсусан дар ашъори мутафаккирони форсу тоҷик ҳамчун тимсоли баракату фаровонӣ, файзи дастархони мардум инъикос ёфтааст. Таҷлили ҷашни Меҳргон дар тирамоҳ бо Наврӯзи баҳорӣ як

навъ тавозунро ба вуҷуд меоварад. Мардуми ориёӣ дар айёми баҳорӣ бо сад нияту умед ба корҳои кишоварзӣ ва боғпарварӣ шуруъ карда, дар фасли тирамоҳ ҳосили заҳмати худро гирдоварӣ мекарданд. Баъд аз ҷамъоварии ҳосил бо рамзи шукронаи неъматҳои худодод ҷашн мэоростанд, шодию хурсандӣ мекарданд. Арҷгузорӣ ба неъматҳои табиат ва меҳру илтифот ба эзади Меҳр густаришу шукуҳ пайдо карда, тадриҷан ба ҷашни бузурги минтақавӣ табдил меёбад.

Меҳргон ҷашни мардумӣ буда, аз тарафи шоҳони сосонию амирони сомонӣ ҷашн гирифта мешуд. Дар он корҳои кишоварзию боғдорӣ таблиғ шуда, мардум ба дӯстӣ ва корҳои нек даъват мешуданд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эҳёи онро муҳим шумоҳидааст. Ҷашни Сада бошад, ифодаи рамзи ҷовидонаи Хуршед ва муқаддас донистани оташ аст. Тиргон ҷашни тобистонаи мардуми эронитабор буда, 13-уми моҳи Тир таҷлил мегардид. Ин ҷашнҳо ба чор унсури муқаддас: Сада ба оташ, Наврӯз ба замин, Тиргон ба об ва Меҳргон ба рӯшноӣ иртибот доранд.

Дар замони муосир дар Тоҷикистон ҷашнҳои нави этникӣ, фарҳангӣ, ҳамгироӣ ва идҳои анъанавӣ - равонӣ таъсис дода шудаанд, ки дар баробари мафҳуми образҳои меҳнатии ҳосилот, ҷамъоварӣ ва баҳодиҳӣ, арзишҳои фарҳангиро дар бар мегирад, ки боиси муносибати эҳтиромонаи ҷомеа ба онҳо гардидааст. Ба онҳо метавон гиромидошти иди харбуза, иди асал, иди зардолу, ки бевосита ба суннатҳои Меҳргони бостонӣ дахл дорад (дар марҳалаи нав), дохил намуд [55, 60].

Мафҳуми «ҷашну маросими миллӣ» дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ паҳн шуда, муносибатҳои ҷамъиятиро инъикос менамояд ва падидаи иҷтимоӣ мебошад [96, 220]. Тибқи ҷанбаи сотсиологӣ мафҳуми анъана ва ҷашну маросими миллӣ чунин шарҳ дода мешаванд:

1. Унсурҳои мероси иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ки аз насл ба насл мегузаранд ва дар ҷомеа, синф ва гуруҳҳои муайяни иҷтимоӣ муддати дароз боқӣ мемонанд. Анъана объектҳои мероси ҷамъиятӣ (арзишҳои моддию маънавӣ)-

ро фаро мегирад.

2. Раванди мероси иҷтимоӣ ва усулҳои он.

3. Шарҳ ва интиқоли шифоҳии ҳама гуна маълумот.

4. Анъана ва тартиби муқарраршудаи рафтор дар ҳаёти ҳаррӯза. Нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ дар муносибатҳои инсонӣ ҳамчун стандарти рафтор ва муносибат бо шахсони алоҳида хидмат мекунанд. Дар қатори таҳқиқотҳои педагогию психологӣ ва фалсафию сотсиологӣ кӯшишҳои тавсифи механизми танзими ҳавасмандгардонӣ ва самтҳои рафтори инсонӣ дида мешаванд. Муҳаққиқи рус В. И. Левкович дар таҳқиқоти худ таъкид менамояд, ки анъанаҳо ва ҷашну маросимҳо метавонанд ба одамон таъсири эмотсионалӣ расонанд. Дар зери таъсири онҳо руҳияи одамон болида шуда, шодию фараҳ ҳувайдо мегарданд ё эҳсоси ғаму андухро зиёд мекунад [60, 36].

Аксари коршиносон иттифоқ доранд, ки ҷашну маросими миллӣ дар тарбияи ватандӯстию хештаншиносии насли наврас нақши муҳим доранд. Онҳо ҳамчун роҳнамо ва меъёри рафтор хизмат мекунанд. В.Д. Плахов таъкид мекунад, ки ҷашну маросимҳо муносибатҳои ҷамъиятиро интиқол медиҳанд ва мероси ҷамъиятӣ мебошанд. Ҷашну маросимҳо меъёрҳои ахлоқиро танзим мекунанд ва ҳамчун низоми тағйирёбандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ қабул мешаванд [96, С. 52].

Тағйирёбии муносибатҳои педагогӣ-психологӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ танзими анъанаҳо ва ҷашну маросимҳои миллиро тақозо мекунад. «Аксар вақт рисолати ислоҳи анъана ва ҷашну маросими миллиро шахсони алоҳида, гуруҳҳо ва ҳатто ташкилоту муассисаҳо ба дӯш мегиранд. Вале, дар баробари ин, хусусиятҳои стихиявии фаъолияти онҳо нигоҳ дошта мешавад, вагарна онҳо хусусияти сифатии худро гум карда, ҳамчун анъанаҳо боқӣ намемонданд» [60, 36]. Ин тағйироту ислоҳҳо дар тарбияи фарзандон, дар ҷомеа, мактаб ва оила бо назардошти мақсад, вазифа ва методҳои тарбияи фарзандон дар оила ва муассисаҳои тарбиявӣ амал мекунанд.

Дар замони муосир, ҷашну маросимҳои миллӣ на танҳо ҳамчун воситаи фароғат, балки ҳамчун механизми муҳими таҳкими ҳувияти миллӣ ва интиқоли арзишҳои фарҳангӣ ба насли ҷавон арзёбӣ мешаванд. Тавассути иштирок дар ин чорабиниҳо, ҷавонон бо таърихи халқ, анъанаҳо ва урфу одатҳои он ошно мегарданд, ки ин дар навбати худ, ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллиро дар онҳо тақвият мебахшад.

Муҳаққиқон бар ин назаранд, ки ҷашну маросимҳо дар ташаккули шуури миллӣ нақши муассир доранд. Чунончи, Э. Дюркгейм дар асари худ "Шаклҳои элементарии ҳаёти динӣ" таъкид мекунад, ки маросимҳо ва ҷашнҳо як навъ "ҳамбастагии иҷтимоӣ"-ро ба вуҷуд меоранд, ки дар он шахсон худро ба як гурӯҳи ягона мансуб медонанд ва арзишҳои муштаракро эҳсос мекунанд. Ин гуна эҳсосот барои таҳкими ваҳдати миллӣ ва муқовимат бо таҳдидҳои фарҳангии беруна муҳим аст.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ, ки равандҳои ҳамгироии фарҳангӣ шиддат мегиранд, ҳифзи анъанаҳо ва ҷашну маросимҳои миллӣ аҳамияти хоса пайдо мекунад. Ин чорабиниҳо имкон медиҳанд, ки фарҳанги миллии худро аз таъсири фарҳангҳои дигар муҳофизат намуда, ҳувияти худро нигоҳ дорем. Илова бар ин, ҷашну маросимҳо метавонанд ҳамчун воситаи муаррифии фарҳанги миллӣ дар арсаи байналмилалӣ хизмат кунанд ва ба рушди туризм мусоидат намоянд.

Аммо, бояд қайд кард, ки ҷашну маросимҳо бояд бо дарназардошти талаботи замон ва хусусиятҳои насли ҷавон ташкил карда шаванд. Барои он ки ин чорабиниҳо ҷолиб ва таъсирбахш бошанд, дар онҳо бояд унсурҳои муосир, технологияҳои иттилоотӣ ва шаклҳои нави фароғат истифода шаванд. Ҳамзамон, муҳим аст, ки мазмуни ҷашнҳо ва маросимҳо амиқ ва пурмаънӣ бошад ва арзишҳои ахлоқӣ, маънавӣ ва фарҳангии халқро инъикос намояд.

Гарчанде ки мафҳумҳои "анъана" ва "урфу одат" алоқаманданд, онҳо якхела нестанд. Ҳарду эътиқод, одат ва афкори ҷамъиятиро инъикос мекунанд, устувор, мустақил ва муносибатҳои иҷтимоиро таҷассум

мекунанд. Онҳо вазифаи иҷтимоӣ доранд: дар одамон сифатҳои маънавӣ, эҳсосот ва одатҳоро мувофиқи манфиатҳои ҷомеа ташаккул медиҳанд. Анъана ва урфу одатҳо аз ҷиҳатҳои гуногун (фалсафӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ғ.) вобаста ба ҳадаф ва хусусиятҳояшон таҳлил мешаванд.

Аз мавқеи фалсафӣ «урфу одат - расман таърихӣ ба вуҷуд омада, тартиби мусбати ҳуқуқӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ дорад ва ба услуби маъмулии умумибашарӣ, амал ва рафтор (одоб) табдил ёфтааст, ки қатъиян риоя кардани онҳо ҳам аз тарафи шахсони алоҳида ва ҳам ҷомеаи ҳукумрон талаб карда мешавад» [147, 314-315].

Урфу одатҳо аз анъанаҳо қадимтаранд ва дар асоси муносибатҳои ҷамъиятӣ пайдо шуда, роҳҳои амалишавии онҳоро муфассал танзим мекарданд. Онҳо барои танзими рафтор, ягонагии коллективӣ ва интиқоли таҷриба хизмат мекарданд. Баръакси анъанаҳо, урфу одатҳо дастурҳои мушаххас дода, ба сифатҳои маънавӣ аҳамият намедоданд. Мазмуни урфу одатҳо қоидаҳои муфассали рафтор дар вазъиятҳои мушаххас мебошанд.

Урфу одатҳо бо муносибатҳои идеологӣ алоқаманд буда, муносибатҳои мушаххасро танзим мекунанд (масалан, меҳмоннавозӣ). Урфу одатҳо усулҳои меҳнат, рафтор, тарзи зиндагӣ ва тарбияро низ дар бар мегиранд ва ба таври оммавӣ эътироф мешаванд.

Урфу одатҳо, дар муқоиса бо қонунҳо, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ муқаррар карда мешаванд, дар ҷараёни таърихии ҳамзистии инсонҳо ташаккул ёфта, тавассути такрор ва эътирофи умумӣ эътибори иҷтимоӣ пайдо мекунанд. Ин хусусият ба урфу одатҳо имкон медиҳад, ки ба дигаргуниҳои иҷтимоӣ ҳассос бошанд ва ба эҳтиёҷоти воқеии ҷомеа мутобиқ шаванд. Урфу одатҳо, ҳамчун меъёрҳои иҷтимоӣ, нақши муҳим дар нигоҳ доштани субот ва тартибот дар ҷомеа мебозанд.

Мувофиқи таҳқиқоти этнографӣ, урфу одатҳо дар ҷомеаҳои анъанавӣ на танҳо рафторро танзим мекарданд, балки инчунин воситаи муҳими ифодаи фарҳангӣ ва ҳифзи мероси миллӣ буданд. Маросимҳо ва анъанаҳои марбут ба урфу одатҳо, аз қабили тӯйҳо, маросими дафн ва идҳо, аҳамияти хоса дошта,

ҳисси ягонагӣ ва ҳамбастагии иҷтимоиро тақвият мебахшиданд. Ин маросимҳо нақши муҳим дар интиқоли арзишҳо ва меъёрҳои фарҳангӣ аз насл ба насл мебозиданд.

Бо вуҷуди тағйирот дар шароити иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, урфу одатҳо то ҳол дар ҳаёти муосир мавқеи худро нигоҳ медоранд. Гарчанде ки баъзе аз урфу одатҳои қадимӣ аҳамияти худро гум карда бошанд ҳам, урфу одатҳои нав ба вуҷуд меоянд, ки ба талабот ва арзишҳои ҷомеаи муосир мутобиқанд. Масалан, урфу одатҳои марбут ба истифодаи технологияҳои нав, муносибатҳои корӣ ва истеъмоли маҳсулот.

Дар ниҳоят, омӯзиши урфу одатҳо имкон медиҳад, ки фаҳмиши амиқтари сохтори иҷтимоӣ, арзишҳо ва эътиқодоти ҷомеа ба даст оварда шавад. Таҳлили таърихии урфу одатҳо нишон медиҳад, ки онҳо чӣ гуна тағйир ёфта, ба шароитҳои нави зиндагӣ мутобиқ мешаванд. Ин дониш барои рушди сиёсати иҷтимоӣ, ҳифзи мероси фарҳангӣ ва мусоидат ба ҳамдигарфаҳмии байни фарҳангҳо муҳим аст.

Маросимҳои миллӣ дар тарбияи насли наврас муҳиманд ва ба шиносоии фарҳанг мусоидат мекунанд. Маросимҳо, ки дар вақти муайян ва мавридҳои махсус гузаронида мешаванд, намунаҳои рафторро пешниҳод карда, ба ҳаёти шахс таъсир мерасонанд. Онҳо якпорчагии ҷомеаро ифода намуда, пайвастагии наслҳоро таъмин мекунанд. Урфу одатҳо, ҳамчун танзимгари рафтор, таҷрибаи иҷтимоиро интиқол дода, муносибатҳои ҷамъиятиро тағйир медиҳанд. Вазифаи асосии маросимҳо мерос гузоштани таҷрибаи иҷтимоӣ мебошад.

Маросимҳо, ҳамчун ҷузъи фарҳанги миллӣ, дар раванди иҷтимоигардонии насли наврас нақши муҳим доранд. Онҳо на танҳо арзишҳо ва меъёрҳои ахлоқиро ташвиқ мекунанд, балки ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллиро дар зеҳни ҷавонон ташаккул медиҳанд. Маросимҳои миллии Наврӯз, Меҳргон ва Сада, ки таърихи чандинҳазорсола доранд, бозгӯи таърихи пурғановати миллати тоҷик буда, ҷавононро бо анъанаҳои неки гузаштагон ошно месозанд.

Тибқи назарияи иҷтимоии омӯзиш, ки аз ҷониби Алберт Бандура пешниҳод шудааст, шахсон тавассути мушоҳида ва тақлид ба рафтори дигарон, аз ҷумла рафторҳои намоишдодашуда дар маросимҳо, меомӯзанд. Маросимҳо, аз ин лиҳоз, ҳамчун воситаи таълимӣ амал намуда, ба ҷавонон намунаҳои мушаххаси рафтори қобили қабулро пешниҳод мекунанд. Иштирок дар маросимҳо ба ҷавонон имкон медиҳад, ки худро ҷузъи ҷомеа эҳсос намуда, дар раванди иҷтимоӣ фаъолона ширкат варзанд.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ, ки фарҳангҳои гуногун ба ҳам омехта мешаванд, ҳифзи маросимҳои миллӣ аҳамияти хоса касб мекунад. Маросимҳо имкон медиҳанд, ки ҳувияти миллии ҷавонон ҳифз гардида, онҳо дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мавқеи худро муайян созанд. Таҷриба нишон медиҳад, ки кишварҳое, ки ба фарҳанги миллии худ арҷ мегузоранд, дар рақобати глобалӣ муваффақтар мебошанд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба масъалаи ҳифз ва рушди маросимҳои миллӣ диққати ҷиддӣ медиҳад. Қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашнҳо" аз ҷумлаи тадбирҳои муҳим дар ин самт мебошад. Ин қонун мақсад дорад, ки маросимҳо аз хурофотпарастӣ ва исрофкорӣ тоза карда шуда, ба арзишҳои асили фарҳанги миллӣ мувофиқ гардонида шаванд. Иҷрои ин қонун метавонад ба тарбияи насли наврас дар рӯҳияи ватандӯстӣ, худогоҳӣ ва худшиносӣ мусоидат намояд.

Ниҳоят, маросимҳои миллӣ дар тарбияи насли наврас нақши муассир дошта, барои ҳифзи фарҳанги миллӣ, таҳкими якпорчагии ҷомеа ва таъмини пайвастагии наслҳо мусоидат мекунанд. Барои баланд бардоштани самаранокии таъсири маросимҳо ба тарбияи насли наврас, зарур аст, ки дар ин раванд ҷомеаи шаҳрвандӣ, муассисаҳои таълимӣ ва оилаҳо фаъолона ширкат варзанд.

Механизми интиқоли таҷрибаи иҷтимоӣ бо ёрии ҷашну маросими миллӣ дар мустаҳкамсозии маҷмуи муайяни амалҳо, ҳамчунин тавассути такрори образҳои аллакай маълум ифода меёбад. Бо ҳамин роҳ, шаклҳои муносибат,

тарзи муошират ва рафтор дар шакли бутуни ҳолати эмотсионалии шахсони иштироккунанда, маҷмуи таассурот, фикр ва ғайраҳо интиқол дода мешаванд.

Хусусиятҳои фарқкунандаи интиқоли таҷрибаи иҷтимоӣ бо ёрии ҷашну маросими миллӣ ин устувории онҳо мебошад. Анъана, аз як тараф, бо нуфузи ниёгон («ҳама ҳамин тавр мекунад», «ҳамин хел қабул шудааст») ва аз тарафи дигар, бо майлу хоҳиши чандинкарата собитшудаи зиндагию амал мустаҳкам мегардад. Шояд азхудкунии одатҳои нав, ки бо амалия асоснок карда шудаанд, ҳамин тавр ба амал ояд, чунки то вақте, ки чизи нав санҷида ё тасдиқ карда нашавад, ба он бо эҳтиёт муносибат мекунанд. Илова бар ин, ҷорӣ намудани чизи нав таҷдиди сохтори рафтор, тағйир додани самтҳои арзишӣ ва ғайраро талаб мекунад, ки ин дар навбати худ, тарзи муқаррарии ҳаёт ва ҳолати руҳии шахсро вайрон мекунад.

Аз ин рӯ, анъана ва ҷашну маросимҳо метавонад ҳамчун қувваи консерватизм, ақибмонӣ ва ҳамчун шакли интиқоли таҷрибаи прогрессивии ҷамъиятӣ бошанд. Ҳама чиз аз мазмуну мундариҷаи он вобастагӣ дорад. Муайян кардан лозим аст, ки ҳудуде, ки устуворӣ ва мустаҳкамии анъанаҳоро аз доираи консерватизм берун мебарорад, кадом аст, агар онҳо ба шароити иҷтимоӣ мувофиқат накунанд.

Анъанаҳо на танҳо расму оин, балки маросим ва расму оинҳоро низ дар бар мегиранд. Аксаран дар адабиёти илмию амалӣ анъана ва расму оинҳо ҳамчун маросим ва расму русум маънидод карда мешаванд.

Маросимҳо ба ҳолати эмотсионалӣ ва равонии инсон таъсир расонида, сифатҳои ахлоқиро тарбия мекунанд, меъёрҳоро муқаррар ва рафторро танзим менамоянд [121, 208]. Шакли маросимҳо (амалҳои расмӣ) бо мазмуни онҳо (эҳсосот) алоқаманд аст. Масалан, маросимҳои оилавӣ бо хурсандӣ (суруд, рақс) ҳамроҳ мешаванд. Унсурҳои маросимҳо метавонанд бо талаботи ҷомеа тағйир ёбанд, аммо хусусиятҳои миллии онҳо мавҷудияти маросимҳои умумиро дар байни халқҳо истисно намекунанд.

Маросимҳо, ҳамчун як ҷузъи муҳими фарҳанг, на танҳо гузаштаро бо

имрӯз мепайванданд, балки барои наслҳои оянда арзишҳои маънавиро ҳифз мекунанд. Онҳо дар ташаккули ҳувияти миллӣ ва эҳсоси мансубият ба ҷомеа нақши калидӣ мебозанд. Маросимҳо метавонанд ҳам шакли динӣ ва ҳам дунявӣ дошта бошанд, вале дар ҳарду ҳолат онҳо барои ифодаи эҳтиром, муҳаббат, андӯҳ ва дигар эҳсосоти инсонӣ хизмат мекунанд.

Дар ҷаҳони муосир, ки бо суръати бесобиқа тағйир меёбад, маросимҳо аҳамияти худро гум намекунанд. Баръакс, онҳо ба мо имкон медиҳанд, ки дар гирдоби рӯйдодҳо решаҳои худро дар ёд дошта, робитаи худро бо гузашта мустаҳкам намоем. Ҳатто дар шароити глобализатсия, маросимҳо имкон медиҳанд, ки фарҳангҳои гуногун хусусиятҳои беназири худро нигоҳ доранд ва дар айни замон, бо ҳамдигар муошират намоянд. Ин муошират метавонад ба пайдоиши маросимҳои нав оварда расонад, ки дар онҳо унсурҳои фарҳангҳои гуногун омехта мешаванд.

Муҳаққиқи рус С.А. Арутюнов чунин меҳисобад, ки «урфу одат бояд чунин шаклҳои қолабии рафторро, ки ба фаъолияти аҳамияти амалдошта алоқаманд аст, дар бар гирад. Маросим бошад, танҳо ҳамон шаклҳои рафтореро фаро мегирад, ки сирф рамзӣ буда, аҳамияти амалӣ надоранд, гарчанде ки онҳо бевосита барои мақсадҳои амалӣ (муошират, муолиҷа ва ғайра) истифода мешаванд» [15, 97].

Маросим - одати расмии намоишӣ буда, ба эҳсосоти иҷтимоӣ-ахлоқии одамон таъсир мерасонад. Он ба тарбияи эътиқод, худшиносӣ, ватандӯстӣ ва муттаҳидсозии ақидаҳо мусоидат мекунад. Анъана ва маросимҳо вазифаи танзимкунанда доранд ва асоси меъёрҳои ахлоқиро ташкил медиҳанд. Онҳо намунаи устувори рафтор буда, аз насл ба насл мегузаранд. Дар ҷомеаи ибтидоӣ урфу одатҳо муносибатҳоро танзим мекарданд ва одати қадима ҳама чизро ҳал менамуд. Ба қавли Ф. Энгелс, дар ҷамъият ҳама чиз мувофиқи тартиби муқарраргардидаи худ бе зарурати аппарати махсуси ҳокимият амал мекунад, зеро «дар аксар мавридҳо одати қадима ҳама чизро ҳал менамояд» [163, 222].

Маросимҳо ҳамчун зуҳуроти фарҳангӣ, таърихи тӯлонӣ доранд ва дар

ташаккули ҷомеа нақши муҳим бозидаанд. Муҳаққиқон бар ин назаранд, ки маросимҳо дар ибтидо ҳамчун воситаи муошират бо қувваҳои ғайриоддӣ ва ҷаҳони арвоҳ ба вуҷуд омадаанд. Бо мурури замон, ин амалҳо аҳамияти рамзӣ пайдо карда, ба унсурҳои сохтори иҷтимоӣ табдил ёфтанд. Маросимҳо метавонанд дар шаклҳои гуногун зуҳур ёбанд: маросимҳои динӣ, миллӣ, оилавӣ ва ғайра, ки ҳар яке вазифаҳои мушаххаси худро иҷро мекунанд.

Дар ҷомеаи муосир маросимҳо аҳамияти худро гум накардаанд, балки баръакс, дар шароити глобализатсия ва тағйироти босуръати иҷтимоӣ, нақши онҳо дар ҳифзи ҳувияти миллӣ ва фарҳангӣ боз ҳам муҳимтар мегардад. Маросимҳо имкон медиҳанд, ки арзишҳои муҳими фарҳангӣ аз насл ба насл интиқол дода шаванд ва ҳисси мансубиятро дар байни аъзоёни ҷомеа тақвият бахшанд. Илова бар ин, маросимҳо метавонанд ҳамчун воситаи мубориза бо стресс ва номуайянӣ хидмат кунанд, зеро онҳо сохтор ва маъноро дар вазъиятҳои гуногун таъмин менамоянд.

Аз нигоҳи сотсиологӣ, маросимҳо ҳамчун механизмҳои иҷтимоӣ баррасӣ мешаванд, ки муносибатҳои иҷтимоиро мустаҳкам мекунанд ва меъёрҳои рафторро муқаррар менамоянд. Онҳо метавонанд барои ҳалли муноқишаҳо, таъмини ҳамбастагӣ ва муттаҳидсозии гурӯҳҳо истифода шаванд. Маросимҳо инчунин дар раванди ташаккули шахсият нақши муҳим доранд, зеро онҳо ба инсон имкон медиҳанд, ки ҷойгоҳи худро дар ҷомеа муайян кунад ва ба арзишҳои он пайваст шавад.

Бо вуҷуди ин, бояд қайд кард, ки маросимҳо метавонанд ҳамчунин унсурҳои манфӣ дошта бошанд. Онҳо метавонанд барои нигоҳ доштани тафриқаи иҷтимоӣ, таҳкими нобаробарӣ ва ё ҳатто саркӯб кардани андешаҳои дигар истифода шаванд. Аз ин рӯ, таҳлили интиқодии маросимҳо ва нақши онҳо дар ҷомеа барои фаҳмидани динамикаи иҷтимоӣ ва фарҳангӣ муҳим аст.

Хулоса, маросимҳо зуҳуроти мураккаби фарҳангӣ мебошанд, ки таърихи тӯлонӣ доранд ва дар ҳаёти ҷомеа нақши муҳим мебозанд. Онҳо ҳамчун воситаи муошират, интиқоли арзишҳо, танзими муносибатҳои иҷтимоӣ ва

муттаҳидсозии аъзоёни ҷомеа хидмат мекунанд. Бо вуҷуди ин, барои фаҳмидани таъсири онҳо ба ҷомеа, таҳлили интиқодии маросимҳо зарур аст.

Анъана ва расму оинҳои миллӣ воситаи муҳими тарбияи насли наврас ва ташаккули шахсият дар ҷомеа мебошанд. Онҳо доираи васеи ҳаёти инсонро фаро гирифта, ба эътиқод, ҷаҳонбинӣ ва рафтори ӯ таъсир мерасонанд. Риояи анъанаҳо зери назорати ҷомеа ва давлат қарор дорад. Баъзе анъанаҳои мардумӣ, аз қабили Наврӯз, дар давраи муайян фаромӯш шуда буданд, вале баъди соҳибистиқлолӣ эҳё гардиданд ва ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ хизмат мекунанд.

Мақсади мо ин аст, ки дар тарбияи насли наврас аз ин чорабиниҳо хулосаи дуруст бароварда, тарбияи насли наврасро дар асоси талаботи ҳаёти нав ба роҳ монем ва ба ин васила дониши хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва рушди илми педагогикаро дар Тоҷикистон таъмин намоем.

Арзиши дигари миллӣ ин «Оин» - қоидаҳо (таълимот) мебошад. Дар «Ғиёс-ул-луғот» омадааст, ки «Оин» - қоида (таълимот) аз вожаи арабии «Авом» (ҷамъ) ё «авн» (танҳо) гирифта шуда маънояш кумак расонидан дар шакли танҳо ё ҷамъ мебошад» [44, 74-103].

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» омадааст, ки «оин», яъне қоидаҳо (таълимот) - расму оин, корбурд, қоида, қонун, раванд, тартиб мебошад.

Ба андешаи мо, тарз, усул, роҳ, дастур, панду ҳикмат, барқарор маънои «анъана ва ҷашну маросимҳо»-ро дурусттар ифода мекунанд. Ҳамчунин, ин мафҳумҳо ба маънои такмили ҷанбаҳои муайяни ҳаётии инсон, яъне ёвари инсон будан, расонидани кумак ба инсон баррасӣ мешаванд. Моҳият ва арзиши педагогии он низ маҳз дар ҳамин аст. Аз ин рӯ, онро сарвати миллӣ низ номидан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, қоида ё таълимот руҳияи замонро инъикос менамояд. Онҳо паҳлуҳои гуногуни ҳаёти инсон ва ҷомеаро муайяну мушаххас мекунанд. Онҳо, ба одамон барои дар асоси қоида ва тартиботи муқарраршуда зиндагӣ намудан, кумак мерасонанд ва ба ин васила худро аз

хатогиҳо ва ё дуршавӣ аз меъёрҳои ҳаётӣ муҳофизат мекунанд. Аз тарафи ҳар як шаҳрванд риоя намудани меъёрҳои муқарраршудаи ҳаёти ҷамъиятӣ ва шахсӣ гарави ҳаракати устувору бомуваффақият, тараққиёти амиқ ва васеи ҷамъият мебошад. Ин, арзиши қоида ё таълимот аст. Аз ин рӯ, қоида ё таълимоти ҷомеаро арзишҳои миллӣ меноманд.

Халқи тоҷик дар таърихи ҳазорсолаи худ қоидаҳои (таълимоти) гуногун, аз ҷумла таълимоти зардуштиро аз сар гузаронидааст. Дар даврони муосир аксари аҳолии ҷумҳурӣ аҳкоми шариати мусулмониро дар ҳаёти худ истифода мебаранд. Дар замони муосир ҳар рӯз мо ибораҳои аҳком ва анъанаҳои ислом, таълимоти динӣ ва аҳкоми рӯзадориро мешунавем. Дар давлати демократӣ ҳамаи ин арзишҳо дар конститутсия дарҷ гардидаанд. Ҳамаи онҳо арзишҳои ҳаётӣ буда, барои ҳама муқаддасанд.

«Расму оин», расму одоб, қоида, урфу одат ё «расму», «русум» низ ба кор бурда мешавад, ки ин вожаҳо як маъно доранд, яъне мафҳуми одатро ифода мекунанд. Урфу одат ва тартибот низ ҳамин фикрро ифода мекунанд, зеро ҳамаи онҳо вазифаи умумӣ - танзими (ташкили) ҳаёти ҳар як одам ва тамоми ҷамъиятро иҷро мекунанд.

Ҳар як халқ, бахусус халқи тоҷик дар баробари як расму оини асосии умумӣ, маросими динӣ низ дорад.

Дар ин ҷо мо барои муайян кардани мафҳумҳои ин арзишҳо мақсад нагузоштаем. Ва мақсад аз он иборат аст, ки ҳангоми пешбурди корҳои тарбиявӣ ба кадом маъно истифода бурдани ин арзишҳои миллӣ, яъне бар асоси кадом мақсад ва вазифаҳо кори тарбиявӣ бурда мешавад, бояд ба назар гирифта шавад. Масалан, одати сокинони гуруҳи шимолии Тоҷикистон оид ба истиқбол ва гусели меҳмон вобаста ба ҷанбаҳои алоҳида, яъне тарзи дастархондорӣ, даъвати меҳмонон, додани таом, оғозу анҷоми зиёфат ва ғ. хусусиятҳои хоси худро доранд. Умуман, нуқтаҳои асосии одати меҳмоннавозӣ комилан як аст: барои тоҷикон меҳмон атои Худованд аст ва аз ин рӯ, бояд аз ҳар ҷиҳат эҳтиром гузошта шавад ва агар хоҳише дошта бошад, бояд иҷро карда шавад.

Аз ин рӯ, метавон хулоса кард, ки меҳмоннавозӣ падидаи педагогӣ-иҷтимоӣ буда, бо тағйир ёфтани мақоми иҷтимоии одамон, қоидаҳои меҳмондорӣ ва тафсири он низ тағйир меёбад.

Ба ғайр аз меҳмоннавозӣ, тоҷикон анъана ва ҷашну маросими ба худ хоси зиёде доранд: маросими гаҳворабандон, суннате, ки тибқи он волидайн фарзандони навзод (писар ва духтар)-ро чун қоида, дар байни хешу табор, аҷдодон дар байни дӯстон - падару модарон ҷашн мегиранд; келинталбон ба муносибати ба хонаи падару модар омадани духтар, домодталбон, ба муносибати ба хона омадани домод; хонадомод одати ба оила қабул кардани домод; маросими гусел кардани марҳум ба сафари охират ва ғайра.

Ҳар яке аз ин анъана ва ҷашну маросимҳо дар марҳалаҳои муайяни таърихии ҳар як халқ ба вуҷуд омада, инкишоф меёбад ва дорои аҳамияти хоси иҷтимоӣ, иқтисодӣ, педагогӣ ва фарҳангӣ гардида, аз сатҳи рушди иқтисодӣ ва фарҳангии як давраи муайян шаҳодат медиҳанд.

Вазифаи муҳими омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз он иборат аст, ки онҳо бо ҳамроҳии равоншиносон хислатҳои ҳар як кӯдакро сари вақт ва ҳаматарафа омӯхта, дар асоси маълумотҳои ба даст овардашуда ба характери индивидуалии фаъолияти тарбиявии хонандагон тадбирҳои мушаххаси тарбиявиро коркард ва амалӣ намоянд.

Бояд қайд намуд, ки баъзе ҷанбаҳо ё унсурҳои расму оин, маросим ва урфу одатҳоро аз рӯи намуди зоҳирӣ муайян кардан мумкин аст. Масалан, шахсе ки мотам дорад ҷома, тоқӣ мепӯшад ва ба камараш рӯймол мебандад. Ҳамчунин, аз рӯи либоси пӯшидаи соҳибхона муайян кардан мумкин аст, ки ба кадом ҷашн ё маросим ба бар кардааст.

Марди мотамдор, ҳатто берун аз хона, бар хилофи анъана ва урфу одатҳои табиӣ, тоқӣ мепӯшад ва бо риши нотарошида мегардад.

Тибқи маросими азодорӣ дар баъзе минтақаҳо мардон то 40 рӯз, дар минтақаҳои дигари ҷумҳурӣ то як сол сару ришашонро наметарошанд, яъне то як сол мотам мегиранд. Дар ин давра онҳо аз иштирок дар тӯй ва дигар чорабиниҳои фароғатӣ, маросим, расму оин ва ғ. худдорӣ мекунанд.

Занон низ либоси азодорӣ мепӯшанд. Дар баъзе минтақаҳо - кабуд ва дар дигар - либосҳои сиёҳ бо маҳсию калуш. Дар давоми сол дар тӯй ва дигар чорабиниҳои дилхӯшӣ низ иштирок намекунанд.

Моҳияти воқеаро аз рӯи мазмуни суруди иҷрошуда низ муайян кардан мумкин аст. Масалан, ба кадом муносибат таом ташкил карда шудааст? Кадом чорабинӣ ҷашн гирифта мешавад? Кадом унсури ин ё он расму оин, қоида, тартибот ё анъана иҷро карда мешавад? ва ғ. Ба ғайр аз ин, боз бисёр ҷиҳатҳои дигари расму оин ва ҷашну маросимҳоро номбар кардан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, дар асоси аломатҳои беруна муайян кардан мумкин аст, ки кадом унсурҳои анъана ва ҷашну маросимҳо, қоида, урфу одат иҷро карда мешавад. Ин аз бисёрҷониба будани анъана ва ҷашну маросимҳо шаҳодат медиҳад. Бесабаб нест, ки мақоли мардумӣ: «Ба ман бигӯ, ки падарат кист, ман ба ту гӯям, ки ту кистӣ» истифода бурда мешавад.

Ба андешаи мо, чунин муносибат ба арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, махсусан ҷашну маросими миллӣ имкон медиҳад, ки нақш, мақсад ва вазифаи онҳоро дар ҳаёти инсон ва ҷомеа дарк намуда, дар кори тарбиявӣ дуруст истифода барем. Яъне бо назардошти анъана ва ҷашну маросимҳо, чи тавр ба одамон муносибат кардан, чи тавр одоби муоширатро риоя намудан, ҳамаи ин арзиши тарбиявии онро ташкил медиҳад. Ҳамин тариқ, дар байни мардум расму оинҳои гуногун вуҷуд доранд, ки ҳар яки онҳо бо маросими махсуси худ вобастагӣ доранд. Маросимҳо сирф халқӣ буда, аз урфу одатҳои мардумӣ реша мегиранд ва динӣ мебошанд. Ба расму оинҳои мардумӣ дохил мешаванд: маросими баргузории тӯйҳо бо риояи тамоми расму оинҳо – аз фиристодани хостгор (хостгорӣ) то ба хонаи домод овардани арӯс; маросими хатнасур; маросими буридани мӯйи сари кӯдак; ё маросими динӣ: маросими дафн; маросими чил, сол ва маросими баромадан аз мотам ва ғ.

Истиқлолияти Тоҷикистон нишон дод, ки тоҷикон дорои арзишҳо, эътиқодҳо, анъанаҳо ва ҷашну маросимҳо мебошанд, ки ниёзҳои иҷтимоиро қонеъ мегардонанд ва ҳаёти ҷамъиятиро инъикос менамоянд. Ҷашнвораҳои

нав, ки дар солҳои истиқлолият таъсис ёфтаанд, намунаи фарҳанги иҷтимоии тоҷикон мебошанд ва онҳоро ба ҷашнҳои тақвимӣ, миллӣ ва давлатӣ гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст.

Ҷашнҳои тақвимӣ, аз қабили Наврӯз, Меҳргон ва Сада, ки аз замонҳои қадим боқӣ мондаанд, дар давраи истиқлолият эҳё ва таҷлил мешаванд. Наврӯз, ки рамзи эҳёи табиат ва оғози соли нав аст, бо қарори Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид аз соли 2010 ҳамчун ҷашни байналмилалӣ эътироф шудааст (Резолюцияи 64/253). Ин ҷашн на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар дигар кишварҳои минтақа низ бо шукӯҳу шаҳомати хоса таҷлил мегардад.

Ҷашнҳои миллӣ, ки дар давраи истиқлолият таъсис ёфтаанд, ба таҳкими ҳувияти миллӣ ва арҷгузорӣ ба таърихи пурифтихори халқи тоҷик равона шудаанд. Рӯзи Ваҳдати миллӣ (27 июн), Рӯзи Забони давлатӣ (5 октябр) ва Рӯзи Парчами давлатӣ (24 ноябр) аз ҷумлаи ин ҷашнҳо мебошанд. Ин ҷашнҳо имкон медиҳанд, ки шаҳрвандон дар атрофи арзишҳои умумимиллӣ муттаҳид шуда, мероси фарҳангии худро пос доранд. Таҷлили Рӯзи Ваҳдати миллӣ, ки ба хотима ёфтани ҷанги шаҳрвандӣ дар соли 1997 бахшида шудааст, рамзи сулҳу субот ва ҳамдигарфаҳмии миллӣ дар Тоҷикистон аст.

Ҷашнҳои давлатӣ, аз қабили Рӯзи Истиқлолияти давлатӣ (9 сентябр) ва Рӯзи Конститутсия (6 ноябр), ба муносибати рӯйдодҳои муҳими сиёсӣ ва ҳуқуқии кишвар таҷлил мешаванд. Рӯзи Истиқлолият, ки дар соли 1991 ба даст оварда шудааст, марҳалаи нави таърихи халқи тоҷикро ифода мекунад ва рамзи соҳибихтиёрӣ ва озодии миллат мебошад. Таҷлили Рӯзи Конститутсия бошад, ба аҳамияти қонуният ва волоияти қонун дар ҷомеа таъкид мекунад.

Ҷашнвораҳои нав, ки дар солҳои истиқлолият таъсис ёфтаанд, на танҳо як навъ вақтхушӣ, балки як воситаи муҳими таҳкими ҳувияти миллӣ, пос доштани арзишҳои фарҳангӣ ва муттаҳидсозии ҷомеа мебошанд. Ин ҷашнҳо имкон медиҳанд, ки наслҳои оянда бо таърихи худ ошно шуда, мероси

фарҳангии худро ҳифз намоянд ва дар рушди минбаъдаи кишвар саҳмгузор бошанд.

Мо, афкори як қатор муҳаққиқонро дастгирӣ карда, қайд менамоем, ки махсусан он чиз пурқимат аст, ки дар ҷомеаи мо тоҷикон аз қадим расму одати аҷоибе вуҷуд дошт, ки агар шахс ё хонадон ба кумаке ниёз дошт, пас ҳамаи дӯстон, хешу табор, ҳамсояҳо, шиносу ошно ба ёрии он мешитофтанд. Дар оянда ин шахс ба ёрии он касоне меомад, ки ба он ниёз дошт. Ин одати аҷиб - *ҳашар* ном дошт. Принсипи асосии он - дастгирии ҳамдигариро бо ин зарбулмасали хирадмандона ифода кардан мумкин аст: «Як кас барои ҳама, ҳама барои як кас». Дар ҳашар новобаста аз синну сол, маълумот, мақом, вазифа тамоми қишри ҷомеа ширкат меварзанд. Дар ин маърака ҳама баробар кор карда ба якдигар ёрӣ мерасонанд. Ин суннати ҳамкорӣ барои тарбияи наврасону ҷавонон таъсири мусбат мерасонад [93,126]. Онҳо чи тавр меҳнат кардан, чи гуна дар ҷомеа худро идора кардан ва меъёрҳои муносибату рафторро аз калонсолон меомӯзанд. Ташкили ҳашар ва маъракаҳои дастаҷамъона дар насли наврас ҳисси масъулиятшиносӣ, муҳаббат ба халқу Ватан, эҳтироми калонсолон ва меҳнатдӯстию инсонпарвариро инкишоф медиҳад.

Ҳашар аслан ихтиёрӣ бо хоҳиши худ гузаронда мешавад. Истифодаи усули ҳашар дар сохтмони биноҳои истиқоматӣ ва объектҳои маданию маишӣ ҳодисаи шоёни таҳсин мебошад, ки ин анъанаҳои беҳтарини беғаразона дар аксари халқҳои минтақаи Осиёи Миёна то ҳанӯз вуҷуд дорад. Ин анъанаҳо дар замони муосир тобиши нави сиёсӣ ва иҷтимоӣ гирифта истодааст. Умуман муттаҳидии халқҳое, ки дар як сарзамин ҳаёт ба сар мебаранд ва аз ҷанги шаҳрвандӣ наҷот ёфта, ба тарбияи анъана ва ҷашну маросими худ эҳтиром мегузорад, онро ҳамчун арзишҳои маънавӣ ва моддии халқи худ мешуморад, шоёни таҳсин аст.

Ҳамасола бо таҷлил гардидани ҷашнҳои суннатӣ мо итминон дорем, ки онҳо дар навбати худ ба таъмини ҳамбастагӣ дар таҳкими ваҳдати миллӣ таъсир расонида, дар тарбияи иҷтимоии ҷавонон нақши созгор мегузорад.

Воқеаи дигари муҳим дар ҳаёти насли муосир таҷлили ҳамасолаи (18 август) зодрӯзи Абӯалӣ ибни Сино - рӯзи кормандони тибб мебошад. Рӯзи 22 сентябр дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Рӯзи Рӯдакӣ - сардафтари адабиёти тоҷику форс ва гиромидошти ашъори ҷовидонаи ӯ таҷлил мешавад. Ҳамчунин, сар карда аз соли 2006 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол зодрӯзи мутафаккири барҷастаи тоҷик, мунодии ишқу муҳаббат, сулҳу ваҳдати кул Ҷалолуддини Балхиро бо «фақат ишқ, фақат ишқ, дигар ҳеҷ, дигар ҳеҷ» таҷлил намуда, ҳамоишҳои илмӣ-фарҳангӣ барпо мекунем ва бо ин, саҳми худро дар таблиғу тарвиҷ ва абадӣ кардани афкори оламгири ӯ мегузорем. Таҷлили ин санаҳо ба идҳои давлатӣ дохил шуда, дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Қонун амал мекунанд, ки ба рӯйдодҳои таърихӣ, анъана ва ҷашну маросимҳо, санаҳо, эҳтироми кормандони касбу кори гуногун ва ғайраҳо бахшида мешаванд.

Рӯзҳои истироҳатӣ - рӯзҳои идҳои зерин мебошанд: 1 – январ - соли нави мелодӣ, 8 - март - Рӯзи Модар, 21-23 март - ҷашни Наврӯз, 1 май - Рӯзи байналмилалии якдилии меҳнаткашон, 9 май - Рӯзи Ғалаба (дар Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ), 27 июн - Рӯзи Ваҳдати миллӣ, 9 сентябр - Рӯзи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 6 – ноябр - Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин - Иди Рамазон ва Иди Қурбон.

Таҳқиқи ҳаматарафа ва баҳодиҳии оммавии асосҳои умумии ҷашну маросими миллии халқи тоҷик ва дигар халқҳои ҷаҳон, аз ҷумлаи муҳимтарин вазифаи илми педагогика ба шумор меравад.

Идҳои давлатӣ ҳамчун воситаи муҳими қонеъ гардонидани талаботи оммавӣ-ҷамъиятӣ, моддию маънавии одамон мебошад, ки самти гуманистӣ дошта, ба ташаккул ётани шахсият мусоидат менамояд. Дар истилоҳи педагогию психологӣ анъана ва ҷашну маросими оилавӣ маҷмуи амалҳои аъзоёни оила (хешовандони наздик, дӯстони онҳо) мебошанд, ки аксар вақт ба ягон ҳодисаи оилавӣ ва шахсӣ рост меояд ва дар оилаи муосир бошад ба санаи тақвимӣ.

Бояд қайд намоем, ки солҳои охир конфронсҳои илмию амалӣ ва мизҳои мудаввар бо иштироки олимону шоирони маъруфи тоҷик вобаста ба таҷлили анъана ва ҷашну маросими миллӣ пайваста баргузор мегарданд, ки албатта аз аҳамият орӣ нест.

Ҳаёт собит месозад шахсе, ки таърихи гузаштаи худро намедонад, Ватанашро дӯст намедорад, аз шаъну шараф ва фарҳанги ниёгони худ ифтихор намекунад, ба расму оин, фарҳанг ва эҳсоси миллии халқи дигар ҳеҷ гоҳ эҳтиром намегузорад.

Чи тавре ки таҷрибаҳо нишон медиҳад, истифодаи анъана ва ҷашну маросими миллӣ зикргардида дар ташаккули сифатҳои ахлоқии шахсияти ҷавонон аҳамияти калони тарбиявӣ дорад. Агар наврасону ҷавонон дар асоси қоидаҳои анъанаҳои халқӣ тарбия карда шаванд, он гоҳ онҳо соҳиби хислатҳои накуи ахлоқӣ, монанди хоксорӣ, инсондӯстӣ, мардонагӣ, садоқатмандӣ, ватандӯстӣ мегарданд. Шахсе ки халқи худро дӯст медорад, анъана ва ҷашну маросими онро низ дӯст медорад. Инсон бо донистани таърих, анъана ва ҷашну маросими худ, эҷодиёти шифоҳӣ ва фолклори худ, мероси халқи худро қадр карда метавонад.

Ҳамаи ин ҷашну маросими миллӣ маҳз бо ҳаёти халқ алоқаманд буда, дар ташкили ҳаёти ҷамъиятӣ нақши бориз дорад. Бинобар ин, аҳамияти ҷашну маросимҳо, малакаи истифода бурдани онҳо дар ҳаёт ба сохтори оқилонаи ҷомеа мусоидат мекунад.

Ин хусусиятҳои ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ дар тарбияи насли наврас ба зиммаи омӯзгорон масъулияти калон мегузорад. Ба он муваффақ шудан лозим аст, ки хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ на танҳо аз рӯи асосҳои илму техника, табиат ва кайҳон дониш гиранд, балки ҷашну маросимҳои халқи худро амиқ донанд ва дар мавридҳои зарурӣ онро ба кор бурда тавонанд.

Моҳият ва ҷанбаҳои муҳими пешқадами ҷашну маросими миллӣ бояд чунин бошад:

*Моҳияти пешқадам:*

1) Гузариш аз ҳолати пасттар ба ҳолати болотар ва мукаммалтар.

2) Усулҳои таъсиррасонии тарбиявӣ ва ташаккули шахсият.

3) Самаранокии баланди тарбия дар давраҳои гуногуни ҳаёт.

*Арзишҳои маънавию ахлоқӣ:*

1) Некӣ, меҳнатдӯстӣ, сулҳдӯстӣ, эҳтиром ба инсон, сабру таҳаммул ва ғайра.

2) Ин арзишҳо инсони комилро дар байни халқҳои ҷаҳон муаррифӣ мекунанд.

*Меъёрҳои рафтори иҷтимоӣ:*

1) Ташкили ҷамъият ва мустаҳкам намудани оила.

2) Оила ҳамчун институти асосии иҷтимоӣ барои ташаккули шахсият замина мегузорад.

*Самти гуманистӣ ва демократӣ:*

1) Идеяи тарбия ва ташаккули инсони комил.

2) Камолоти ахлоқӣ, психологӣ, эстетикӣ ва ҷисмонӣ.

*Ҷузъҳои фарҳанги педагогӣ:*

Эҳтиром ба калонсолон, меҳмоннавозӣ, хоксорӣ, шафқат, меҳнатдӯстӣ, муҳаббат ба фарзанд, модар ва Ватан.

*Нақши таърихӣ:*

1) Ҳифзи сарватҳои маънавӣ ва моддӣ аз ҳуҷуми бегонагон.

2) Барқароршавии давлатдорӣ, фарҳанг ва маориф пас аз истилоҳо.

3) Мусоидат ба ташаккул ва рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, дунявӣ ва ягона.

4) Ба даст овардани ваҳдати миллӣ ва сулҳу субот пас аз ҷанги шаҳрвандӣ.

*Такя ба арзишҳои маънавӣ:*

1) Ислом ҳамчун як ҷузъи муҳими шуури мардум ва воситаи тарбияи ахлоқӣ.

2) Мероси классикони адабиёти тоҷику форс.

*Истифодаи фолклор:*

Эътимоднокии истифодаи анъанавии фолклор, махсусан афсона, зарбулмасалу мақол дар тарбияи ахлоқӣ.

*Хусусияти коллективии тарбия:*

1) Иштироки ҳамаи аъзоёни оила, хешу табор ва маҳалла.

2) Муттаҳид шудани қувваҳои тарбиявӣ ва ҳамкорӣ байни наслҳо.

Ин ҳама ба таври ҳамаҷониба нақши ҷашну маросимҳои миллиро дар рушди ҷомеа ва фарҳанги тоҷик тасвир мекунад, арзишҳои онҳоро муайян месозад ва таъсири онҳоро ба тарбияи насли наврас нишон медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки тағйироти иҷтимоӣ-сиёсӣ ва ахлоқӣ, педагогӣ ва психологии замони муосир дар аксар одамон чунин таассуроте бахшидааст, ки анъанаҳои фарҳангӣ ва маърифатӣ гӯё нақши муҳиме надошта бошанд. Аммо ин таассурот нодуруст аст, чун ки анъана ва ҷашну маросими миллӣ имрӯз ҳам як механизми умумибашарӣ буда, ба шарофати маҷмуи таҷрибаи зиндагӣ, ҷамъоварӣ ва интиқоли фазою вақт, устувории ҳаёти ҷомеа ва аъзои онро таъмин менамояд. Таҷрибаи тарбияи муосир таҳқиқоти наверо тақозо менамояд, ки зарурати истифодаи анъанаҳоро бо назардошти минтақа, синну сол, фарқияти ҷинсӣ, вазъи иҷтимоӣ, фаъолияти кӯдакон ва калонсолон аз ҷиҳати илмӣ исбот намояд. Бинобар ин, дар он ҷое, ки ҷашну маросими миллиро дар асоси талаботи ҷойдошта ва вазифаҳои ба миён гузошташуда тағйир додан ё дигаргун сохтан мумкин аст, бисёр ҳам муҳим аст. Татбиқи ин вазифа бо таҳлили муназзаму ҳамаҷонибаи динамикаи анъанаҳои тарбиявӣ алоқаи зич дорад, ки ин кор таҳияи усулҳои нави таҳқиқотро талаб менамояд.

Илми педагогика вазифадор аст, ки ҳама чизи беҳтарин ва муфидро тадриҷан ошкору таҳқиқ намуда ба хидмати тарбия ва ташаккули сифатҳои ахлоқии шахсият гузорад ва асосҳои илмии педагогикаи халқиро, ки дар худ анъана ва ҷашну маросими тарбиявиро инъикос менамояд, инкишоф диҳад.

## 1.2. Таҳаввули моҳияти арзишҳои ахлоқию хештаншиносии ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ

Дар замони сохтмони ҷамъияти демократӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ шомили он аст, муайян намудани нақши арзишҳои миллӣ ва робитаи онҳо бо анъанаҳо аҳамияти илмӣ дорад. Ҷашну маросимҳои миллӣ, ки дар тӯли таърих ташаккул ёфтаанд, динамикӣ буда, бо рушди ҷомеа тағйир меёбанд ва барои тарбия аҳамияти калон доранд. Пеш аз таҳлили нақши ҷашну маросимҳо дар тарбияи ватандӯстӣ, омӯзиши мазмун, арзиш ва шароитҳои таърихии онҳо зарур аст.

Оид ба мазмуни ҷашну маросимҳои миллӣ ва аҳамияти онҳо дар тарбияи ватандӯстӣ ягонагӣ вуҷуд надорад. Баррасии арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ бояд манфиатҳои ҳар ду ҷонибро ба назар гирад ва аз муболиға худдорӣ кард. Таҳқиқи зиддиятҳои инкишофи ҷашну маросимҳо аҳамияти педагогӣ дорад, вале дар ин пажуҳиш диққат ба ҷиҳатҳои педагогии онҳо ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ равона шудааст.

Дар шароити муосир, ки ҷомеаи Тоҷикистон ба самти таҳкими худшиносии миллӣ ва рушди ҳувияти ватандорӣ қадам мегузорад, таваҷҷуҳи хоса ба арзишҳои миллӣ, аз ҷумла ҷашну маросимҳои суннатӣ, ба мушоҳида мерасад. Ин ҷашнҳо, ки дар тӯли асрҳо ташаккул ёфтаанд, на танҳо падидаи фарҳангӣ, балки воситаи муҳими интиқоли арзишҳо аз насл ба насл, ҳамчунин, омили муттаҳидсозии ҷомеа ба шумор мераванд.

Дар адабиёти илмӣ, аз ҷумла, дар асарҳои академик М. Диноршоев ("Фалсафаи миллӣ", 2009) ва профессор Н. Салимов ("Арзишҳои миллӣ ва умумиинсонӣ", 2012), масъалаҳои арзишҳои миллӣ, робитаи онҳо бо фарҳанг ва таърих мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Чунин таҳлилҳо барои дарки амиқтари нақши ҷашну маросимҳо дар тарбияи ватандӯстии насли наврас мусоидат мекунанд. Муайян гардидааст, ки ҷашнҳои миллӣ, аз қабили Наврӯз, Сада, Меҳргон ва дигар маросимҳо, намунаи равшани таҷассуми

ҳувияти миллӣ буда, дар зеҳни хонандагон эҳсоси ифтихор аз таърих, фарҳанг ва анъанаҳои халқи хешро бедор месозанд.

Ҳамзамон, таҳлили адабиёти мавҷуда нишон медиҳад, ки дар омӯзиши масъалаи мазкур бояд аз яктарафагӣ худдорӣ карда, ба муносибатҳои мутақобилаи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ диққати ҷиддӣ дод. Таъкид танҳо ба арзишҳои миллӣ метавонад ба хурофотпарастӣ ва тафриқаандозӣ оварда расонад, дар ҳоле ки эътибор надодан ба онҳо боиси аз байн рафтани ҳувияти миллӣ мегардад. Аз ин рӯ, дар раванди тарбияи ватандӯстӣ, мувозинати байни арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ аҳамияти ҳаётӣ дорад.

Дар робита ба ин, пажӯҳиши ҷиҳатҳои педагогии ҷашну маросимҳои миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ имкон медиҳад, ки роҳу усулҳои самараноки истифодаи онҳо дар раванди таълим муайян карда шаванд. Муаллимон ва тарбиятгарон метавонанд, бо дарназардошти хусусиятҳои синнусолӣ ва психологии хонандагон, барномаҳои таълимиро таҳия намоянд, ки дар онҳо ҷашну маросимҳои миллӣ ҳамчун манбаи дониш, арзиш ва таҷриба истифода шаванд. Чунин муносибат ба тарбияи насли ватандӯст, худогоҳ ва соҳибмаърифат мусоидат хоҳад кард.

Дар ҳама давру замон арзишҳои миллию умумибашарӣ бо назардошти дастовардҳои моддию маънавии халқ арзёбӣ мегардиданд, зеро онҳо саҳми миллатро дар рушди тамаддуни ҷаҳонӣ муайян мекунанд. Арзишҳои миллӣ ҷашну маросимҳоро дар бар мегиранд, ки қонун ва воситаи танзими ҳаёти ҷомеа буда, аз анъана, урфу одат, расму маросим, фикру андеша, зарбулмасалу мақол, нутқ ва ҳунар иборат мебошанд [122, С. 73]. Ин ҷашну маросимҳо дар ҳар давраи таърихӣ ҳамчун дастурамал хизмат мекунанд ва ба ҳаёти инсон тартибот меофаранд. Ҷашну маросимҳои миллӣ ба ду қисм ҷудо мешаванд: ифодакунандаи манфиатҳои миллӣ ва дорои аҳамияти умумибашарӣ. То ҳол мафҳуми дақиқи арзишҳо вуҷуд надорад, аз ин рӯ, таҳияи маънои педагогии онҳо зарур аст [41,11,63].

Арзишҳои миллию умумибашарӣ, ки меъёрҳои ахлоқӣ ва фарҳангиро дар бар мегиранд, дар ташаккули шахсияти инсон нақши муҳим мебозанд.

Таърихи тамаддуни башарӣ гувоҳ аст, ки арзишҳои миллии ҳар як халқ дар якҷоягӣ бо арзишҳои умумибашарӣ асоси пешрафти ҷомеаро ташкил медиҳанд. Чунончи, академик М. Диноршоев дар асари худ "Фалсафаи миллӣ" таъкид мекунад, ки арзишҳои миллӣ ҳамчун унсурҳои муҳими фарҳангӣ, ҳувияти миллиро таҷассум мекунанд ва дар рушди маънавии ҷомеа нақши басо муассир доранд.

Маросим ва ҷашнҳо, ки ҷузъи таркибии арзишҳои миллӣ ба ҳисоб мераванд, дар ҳифзи мероси фарҳангӣ ва интиқоли он ба наслҳои оянда саҳмгузоранд. Дар ин замина, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи арзишҳои миллиро кафолат дода, рушди фарҳанги миллиро ҳамчун самти афзалиятнок муайян намудааст. Ҷашнҳои Наврӯз, Меҳргон ва Сада, ки таърихи чандинҳазорсола доранд, намунаи барҷастаи арзишҳои миллии тоҷикон мебошанд, ки дар таҳкими ваҳдати миллӣ ва рушди фарҳанги миллӣ нақши муҳим мебозанд.

Дар баробари арзишҳои миллӣ, арзишҳои умумибашарӣ, аз қабили сулҳ, адолат, баробарӣ ва ҳуқуқи инсон, аҳамияти бузург доранд. Арзишҳои умумибашарӣ, ки дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар эълон шудаанд, барои тамоми инсоният арзишҳои муштарак ба ҳисоб мераванд ва дар таъмини сулҳу субот дар ҷаҳон нақши муҳим мебозанд.

Бо дарназардошти аҳамияти арзишҳои миллию умумибашарӣ, таҳияи маънои педагогии онҳо барои тарбияи насли наврас дар рӯҳияи ватанпарастӣ ва эҳтиром ба арзишҳои умумиинсонӣ зарур аст. Ин маънои онро дорад, ки дар раванди таълим ва тарбия бояд ба арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ диққати махсус дода шавад, то ки насли наврас ҳамчун шахсиятҳои комил ва дорои ахлоқи ҳамида ба воя расанд.

Ниҳоят, арзишҳои миллию умумибашарӣ ҳамчун ду рукни муҳим дар ташаккули ҷомеаи солим ва пешрафта нақши муҳим мебозанд. Ҳифз ва рушди арзишҳои миллӣ, ҳамзамон эҳтиром ба арзишҳои умумибашарӣ, шарти асосии пешрафти ҷомеа ва таъмини сулҳу субот дар ҷаҳон мебошад.

Арзишҳои миллӣ низоми мураккабест, ки дастовардҳои халқро дар соҳаҳои гуногуни ҷомеа (фалсафа, дин, ахлоқ, фарҳанг ва ғайра) дар тӯли таърих инъикос мекунад. Онҳо анъанаҳо, урфу одатҳо, эътиқодҳо ва принсипҳои таълиму тарбияро дар бар мегиранд.

Арзишҳои умумибашарӣ бар пояи арзишҳои миллӣ бунёд ёфта, натиҷаи фаъолияти муштараки халқҳои гуногун мебошанд. Ҳар ду мафҳум тамоми ҷанбаҳои ҳаёти ҷомеаро фаро мегиранд. Арзишҳо бояд арзишмандтарин, муфидтарин ва намунавӣ бошанд. Арзиш инсонро пок ва ба роҳи рост ҳидоят мекунад, ба донишҷӯӣ даъват менамояд. Хулоса, арзиш ин зебоӣ, Ватан ва ҳама чизест, ки муҳаббат ба вуҷуд овардааст.

Арзишҳои миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ аҳамияти хосса касб мекунанд, зеро онҳо василаи муҳими ҳифзи ҳувияти фарҳангии миллат ва таъмини устувории иҷтимоӣ ба ҳисоб меравaнд. Таъмини пойдории арзишҳои миллӣ дар замони муосир вазифаи муҳими давлат ва ҷомеа буда, ба онҳо эҳтиром гузоштан ва онҳоро ба наслҳои оянда интиқол додан зарур аст. Ин раванд бояд дар асоси омӯзиши амиқи таърихи миллат, фарҳанг ва анъанаҳои он амалӣ карда шавад.

Дар консепсияи арзишҳои миллӣ масъалаи ватандӯстӣ мақоми махсус дорад. Ватандӯстӣ, чунон ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ватандӯстӣ" муқаррар шудааст, "ҳиссиёти муқаддаси ифтихор аз Ватан, садоқат ба он, ҳифзи манфиатҳои давлат ва ҷомеа, ҳифзи истиқлолияти миллӣ ва тамомияти арзии он" мебошад. Ватандӯстӣ инчунин эҳтиром ба забони давлатӣ, рамзҳои миллӣ ва арзишҳои фарҳангиро дар бар мегирад.

Арзишҳои умумибашарӣ, дар навбати худ, инъикоскунандаи таҷрибаи умумии инсоният буда, дар асоси эътирофи арзиши волои инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ, адолат, сулҳ ва ҳамкорӣ байни халқҳо бунёд ёфтаанд. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, ки аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид қабул шудааст, яке аз ҳуҷҷатҳои асосии байналмилалӣ мебошад, ки арзишҳои умумибашариро муқаррар менамояд.

Таносуби арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ масъалаи мураккаб ва бисёрҷанба буда, баҳсҳои зиёдро ба бор меорад. Муҳим аст, ки арзишҳои миллӣ ба арзишҳои умумибашарӣ муқобил гузошта нашаванд, балки ҳамчун унсурҳои муҳим дар ғановатмандии фарҳангии ҷаҳонӣ баррасӣ шаванд. Ҳифзи арзишҳои миллӣ набояд боиси инзивогароӣ ва худдорӣ аз ҳамкорӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ гардад.

Дар ҷомеаи муосир, ки бо равандҳои ҷаҳонишавӣ ва таъсири фарҳангҳои гуногун тавсиф мешавад, муҳим аст, ки арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ дар мувозинат бошанд. Танҳо дар ин сурат метавон рушди устувори ҷомеа, ҳифзи ҳувияти миллӣ ва таъмини ҳамзистии осоиштаи халқҳоро таъмин кард.

Дар таърихи тамаддуни қавмҳои Шарқ, аз ҷумла тоҷикон, намунаҳои фаровоне мавҷуданд, ки аз ҷиҳати хусусиятҳояшон ба меъёрҳои дар боло зикршуда комилан мувофиқат мекунанд. Аз ҷумла:

1. Дар арсаи мусиқӣ - «Шашмақом»; Фалак ва оҳангҳои маросимию мавсимӣ, ки аз анъанаҳои Борбади Марвизӣ сарчашма мегиранд, то имрӯз дар миёни мардумони Осиёи Марказӣ, Эрон ва Афғонистон иҷро мешаванд.

2. Дар соҳаи эҷодиёти мардумӣ - достони қаҳрамонии «Гӯрғулӣ», ки дар байни қавмҳои Осиёи Марказӣ, Афғонистон ва Қафқоз шуҳрат дорад. Нусхаи тоҷикии он аз асри XVII маълум аст ва то ҳол иҷро мешавад; «Ҳазору як шаб», ривояти арабӣ, ки аз асри VIII маъруф аст, ҳамчунин зарбулмасалу мақолҳо, панду ҳикматҳо, масалҳо ва монанди инҳо.

3. Дар самти адабиёт - «Авесто» (асри VII пеш аз милод), «Қуръон» (асри VII), «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ (асри X), «Самаки айёр» (асрҳои XI-XII), «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ (асри XIII) ва ғайраҳо.

4. Дар соҳаи ҳунармандӣ – ҳайкалтарошӣ, оҳангарӣ, чӯбкорӣ, гаҳворасозӣ, сандуқсозӣ, сангтарошӣ, наългарӣ, бофандагӣ, заргарӣ, танурсозӣ, адрасбофӣ, чакандузӣ, бурёбофӣ, қошуқу табақтарошӣ, қолинбофӣ, кордсозӣ, шонасозӣ ва дигар навъҳои ҳунар то ҳол мардум ба ин маҳсулотҳо талабот доранд.

5. Ҷашнҳои бостонӣ – ҷашнҳои тақвимӣ, ки вобаста ба фаслҳои сол ва дар замони муайян баргузор мегарданд: «Наврӯз», «Меҳргон», «Сада», «Тиргон», «Ялдо» ва ғ.; Ҷашнҳои маишӣ-иҷтимоӣ, ки вобаста ба имконият, рух додани ягон ҳодисаи нишотбахш ва омилҳои дигари иқтисодию иҷтимоии одамон баргузор мегарданд: «тӯй» «ҷашни арӯсӣ», «гаҳворабандон», «таҷлили зодрӯзи фарзанди нахустин», маросими «хатна», «дастрӯғангирии арӯс», «арӯсбинон», «ҳашар» ва ғайра.

6. Дар соҳаи меъморӣ ва сиккасозӣ - а) меъморӣ: - «Тоҷмаҳал» - бузургтарин намунаи меъмории ҳиндуисломии замони Темуриён (1526 - 1858) номи меъмораш Усто Исо мебошад: - оромгоҳи зани Шоҳҷаҳон - Мумтоҷиаҳал (1630 - 32), дар наздикии шаҳри Агра, соҳили дарёи Ҷамна (Ҳиндустон) сохта шудааст.

«Тоҷмаҳал» бо сохтори меъморӣ, зебоӣ ва ороиши худ, бо такомул ва мураккабии худ, яке аз муъҷизаҳои ҷаҳон мансуб мешавад. Бинои панҷгунбазаш 74 метр баландӣ дошта, дар кунҷҳо 4 манора - 45 метр баландӣ дорад. Деворҳо аз мармари сафед сохта шуда, бо сангҳои қиматбаҳо пӯшонида шудааст;

Мақбараи «Гӯри Мир» ин ёдгории меъморӣ соли 1404 дар Самарқанд бо фармони амир Темур сохта шудааст. Меъмори он усто Муҳаммад ибни Маҳмуди Исфаҳонӣ мебошад. Иншоот ҳашткунҷа буда, гунбази мудаввар дорад, ки диаметраш 15 метр аст. Деворҳояш аз мармари сафед бо нигориш аз матнҳои Қуръон сохта шудааст. Баландии ҳар як ҳарф беш аз 2 метр буда, гунбази ранга, дарҳои кандакорӣ, рангҳои гуногун - ҳама дар якҷоягӣ ҳисси бузурги шукуҳу сокитии абадиро эҷод менамояд. «Гӯри Мир» бузургтарин дастоварди санъати меъмории асримиёнагӣ ба ҳисоб меравад; «Мадрасаи Улуғбек» (меъмор - Исмоил ибни Тоҳир ибни Маҳмуди Исфаҳонӣ) бузургтарин ёдгории меъмории асри XV дар Бухоро буда, соли 1417 бо фармони Улуғбек сохта шудааст. Ин таърихи якунимҳазорсолаи санъати меъмории халқи тоҷик мебошад.

Чунин шоҳасарҳои санъати меъморӣ дар Осиёи Миёна кам нестанд. Аз ҷумла, «Мадрасаи Барокхон» дар Тошканд, охири асри XV, ибтидои асри XVI; «Мадрасаи Говкушон» дар Бухоро, асри XVI; «Мадрасаи Кукалтош» дар Бухоро, асри XVI; «Мадрасаи Мири Араб» дар Бухоро, асри XVI; «Мадрасаи тиллокорӣ» дар Бухоро, асри XVII; «Мадрасаи шердор» дар Бухоро, асри XVII; «Мадрасаи Мирраҷаб Додхоҳ» дар Конибодом, асри XVII.

«Мадрасаи куҳна» - дар ноҳияи Ҳисор, асри XVIII; «Мадрасаи Миролим Додхоҳ» - дар шаҳри Панҷакент, асри XVIII; «Мадрасаи Раҳмонқул» дар Бухоро, асри XVIII; «Мадрасаи Турсунҷон» дар Бухоро, асри XIX; «Мадрасаи Халифа Ниёзқул» дар Бухоро, асри XIX ва ғайраҳо.

Арзишҳои миллӣ на танҳо дар ганҷинаи осори санъат, адабиёт ва меъморӣ таҷассум меёбанд, балки дар ҳунарҳои мардумӣ низ ҷилвагар мешаванд, ки шаклҳои рангини либоси миллӣ ва шукӯҳи намоишҳои оммавӣ, аз қабили ҷашнҳои бостонии «Наврӯз», «Меҳргон», «Сада», «Тиргон» ва «Ялдо» аз он ҷумлаанд. Ҳамчунин, рамзҳои муқаддаси давлатӣ, чун Нишони давлатӣ, Суруди миллӣ, Парчами давлатӣ, пули миллӣ ва Конститутсияи кишвар низ ба силсилаи арзишҳои миллӣ шомиланд.

Арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ бо назардошти аҳамият, мақсаду вазифа, муқаррароту хусусият ба панҷ гурӯҳ тақсим мешаванд:

Арзишҳои иҷтимоӣ;

Арзишҳои маънавӣ;

Арзишҳои моддӣ;

Арзишҳои сиёсӣ;

Арзишҳои тиббӣ.

Арзишҳои умумибашарӣ инсонпарварӣ, адолат, сулҳ, озодӣ, баробарӣ ва ҳамбастагии башарро дар бар мегиранд. Ин арзишҳо барои тамоми инсоният муҳиманд ва барои бунёди ҷомеаи адолатпарвар ва устувор равона шудаанд. Дар Тоҷикистон, арзишҳои умумибашарӣ дар Конститутсия ва дигар

санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ инъикос ёфтаанд ва ҳамчун заминаи рушди иҷтимоӣ ва фарҳангӣ хизмат мекунанд.

Арзишҳои иҷтимоӣ муносибатҳои байни одамон, гурӯҳҳо ва ҷомеаро танзим мекунанд. Онҳо эҳтиром ба пиронсолон, ғамхорӣ нисбат ба ниёзмандон, дастгирии ҳамдигарӣ, вафодорӣ ба ватан ва ҳифзи муҳити зистро дар бар мегиранд. Арзишҳои маънавӣ ба рушди шахсият, ахлоқ, маърифат ва фарҳанги инсон равона шудаанд. Онҳо илм, санъат, адабиёт, таърих ва дигар дастовардҳои фарҳангиро дар бар мегиранд. Арзишҳои педагогӣ тарбияи насли навро дар рӯҳияи ватанпарастӣ, инсонпарварӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ таъмин мекунанд.

Арзишҳои моддӣ ба таъмини зиндагии шоистаи инсон, рушди иқтисодӣ ва истифодаи самараноки захираҳои табиӣ равона шудаанд. Арзишҳои сиёсӣ ба таъмини сулҳ, субот, демократия, волоияти қонун ва иштироки шаҳрвандон дар идораи давлат равона шудаанд. Арзишҳои тиббӣ ба ҳифзи саломатии инсон, дастрасии хизматрасониҳои тиббӣ, тарзи ҳаёти солим ва пешгирии бемориҳо равона шудаанд.

Дар маҷмӯъ, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ дар Тоҷикистон як низоми мукаммали арзишҳоро ташкил медиҳанд, ки барои рушди устувори ҷомеа, таъмини сулҳу субот ва пешрафти фарҳанги миллӣ ва ҷаҳонӣ равона шудаанд. Ҳифз ва таҳкими ин арзишҳо вазифаи муҳими ҳар як шаҳрванд ва давлат аст.

Дар рисола кӯшиш карда шудааст, ки ҷанбаҳои педагогӣ ва равонии арзишҳои ахлоқӣ ҳамчун арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ ошкор карда шаванд.

Таърихи ҷашну маросимҳои миллии тоҷикон решаҳои қадимӣ дорад. Халқи тоҷик дар тӯли ҳазорсолаҳо мероси фарҳангии ғанӣ эҷод кардааст. Гузаштагони тоҷикон, суғдиён, алифбо ва адабиёти хос дошта, дар рушди адабиёт, мусиқӣ ва санъат саҳм гузоштаанд. Дар Суғд фаъолияти тарҷумонӣ равнақ ёфта, асарҳои динӣ ба забони суғдӣ тарҷума мешуданд. Чунон ки муҳаққиқи эронӣ Забеҳулло Сафо қайд мекунад; "Гузаштагони халқи тоҷик -

суғдиён алифбо ва адабиёти махсуси худро доштанд. Онҳо дар забони суғдии худ адабиёт, мусиқӣ ва дигар навъҳои санъатро инкишоф дода, матнҳои китоби муқаддаси худро паҳн мекарданд. Дар Суғд фаъолияти тарҷумонӣ густариш ёфта, асарҳои гуногуни динии насронӣ, монӣ ва буддоӣ ба забони суғдӣ тарҷума ва нашр шуданд" [120, 64].

Мувофиқи изҳороти муҳаққиқ, табодули фарҳангӣ байни Шарқу Ғарб аз замонҳои қадим вуҷуд доштааст, ки дар давраи Ҳахоманишиён ва Кушониён равшан инъикос ёфтааст. Дар замони Кушониён тоҷикон на танҳо зери таъсири фарҳанги кишварҳои ҳамсоя монданд, балки ба фарҳанги халқҳои Ғарб низ таъсир расониданд. Таъсири мутақобилаи фарҳангҳо дар даврони Юнону Бохтарӣ низ эҳсос мешавад.

Таъсири фарҳанги тоҷикон дар фалсафа, адабиёт ва санъати юнониён ба шарофати тарҷумаи "Авесто" ба юнонӣ ба вуҷуд омадааст. Таҳқиқот ба баррасии арзишҳои маънавии анъанаҳо, урфу одатҳо, ахлоқ, таълимот, илм, фалсафа, санъат, дин ва ғайра бахшида шудааст, ки инъикоскунандаи ваҳдати миллӣ ва хештаншиносӣ мебошанд. Дар кор ҷанбаҳои таърихии ҷашну маросимҳои миллӣ ва аҳамияти педагогии онҳо баррасӣ мешаванд. Ҷашну маросимҳои миллии тоҷикон таърихи тӯлонӣ доранд ва ба давраи пайдоиши зардуштӣ рост меоянд. Афкори иҷтимоӣ-фалсафии мутафаккирони атиқа низ дар пайдоиш ва инкишофи ҷашну маросимҳои миллӣ таъсир доштааст.

Пажӯҳишҳо нишон медиҳанд, ки робитаҳои фарҳангӣ ва тиҷоратӣ дар давраи Ҳахоманишиён (асри VI-IV пеш аз милод) ва Кушониён (асри I-III мелодӣ) боиси паҳн шудани ғояҳо, технологияҳо ва ашёи санъат дар байни тамаддунҳои Шарқ ва Ғарб шуданд. Ин раванд ҳамчунин ба ташаккули фарҳанги тоҷикон таъсир расонд ва онҳоро ҳамчун воситаи муҳими мубодилаи фарҳангӣ муаррифӣ намуд.

Мавҷудияти давлати Юнону Бохтарӣ (асри III-II пеш аз милод) як марҳилаи муҳими таърихӣ буд, ки дар он фарҳангҳои юнонӣ ва маҳаллӣ ба ҳам омехта шуданд. Ин мубодилаи фарҳангӣ дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла санъат, меъморӣ, адабиёт ва фалсафа инъикос ёфтааст. Таъсири фарҳанги

тоҷикон ба тавассути тарҷумаи "Авесто" ба забони юнонӣ мусоидат намуд, ки ин боиси шиносоии ҷаҳони юнонӣ бо афкори динӣ ва фалсафии мардуми ориёӣ гардид.

Дар таҳқиқот таъкид мешавад, ки анъанаҳо, урфу одатҳо ва арзишҳои маънавии тоҷикон нақши муҳим дар таҳкими ваҳдати миллӣ ва хештаншиносӣ доранд. Ин унсурҳои фарҳангӣ аз насл ба насл гузашта, асоси маънавии ҷомеаро ташкил медиҳанд. Ҷашнҳо ва маросимҳои миллӣ, ки таърихи тӯлонӣ доранд, ҳамчун як воситаи муҳими нигоҳдорӣ ва интиқоли арзишҳои фарҳангӣ ба ҳисоб мераванд.

Таърихи пайдоиш ва инкишофи ҷашну маросимҳои миллӣ ба давраи пайдоиши зардуштӣ рост меояд, ки ин дин дар ташаккули ҷаҳонбинии мардуми ориёӣ нақши муҳим бозидааст. Ғайр аз ин, афкори иҷтимоӣ-фалсафии мутафаккирони атиқа низ дар ташаккули ин ҷашнҳо ва маросимҳо таъсир гузоштаанд. Ин ҷашнҳо ва маросимҳо ҳамчун як платформаи муҳими муошират ва муттаҳидсозии ҷомеа хизмат мекунанд ва инчунин арзишҳои маънавӣ ва фарҳангиро аз насл ба насл интиқол медиҳанд.

Ба ин муносибат олими маъруфи англис Ҷеймс Фрейзер чунин навиштааст: «Мо дар таҳкурсие, ки наслҳои пештара ба вуҷуд овардаанд, дар бораи қуллаҳои фатҳшуда, ки ба инсоният гузаштани онҳо хеле тулонӣ ва душвор буд, аз меҳнаткашони беном, ба шарофати меҳнати пурарзиш ва пурсамарашон, ки мо имрӯз чуноне ки ҳастем, миннатдорем. Аз ин рӯ, агар мо ба анъана ва расму оинҳои мардумоне, ки фарҳангашон он қадар баланд набуд, мисли ҷустуҷӯи ҳақиқат эҳтиром гузорем, хеле оқилона рафтор мекунем»[154, 298].

Ин изҳороти Ҷеймс Фрейзерро метавон комилан ба ҷашну маросими миллии мардуми тоҷик нисбат дод, ки аз замони Зардушт ва ҳатто то замони ӯ вуҷуд доштааст.

Барои таҳлили ҳамаҷонибаи арзишҳои ҷашну маросими миллӣ ва робитаи онҳо ба омилҳои таърихӣ-педагогӣ муроҷиат кардан зарур аст. Давраи таърихии инкишофи ҷашну маросими миллӣ дар марҳилаҳои гуногун

хеле дигаргун аст. Омӯзиши умумӣ ва хусусиятҳои ҷашну маросими миллии тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон имкон медиҳад, ки дастовардҳои онҳо дар тӯли ҳазорсолаҳо инъикос ёбанд. Ҷанбаҳои муайяни ҷашну маросими миллӣ дар осори мутафаккирони бузурги асрҳои миёна, аз қабили Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино ва дигарон инъикос ёфтаанд. Дар ашъори Рӯдакӣ арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, аз қабили илм, дониш, шукргузорӣ, хоксорӣ, бародарӣ, ватандӯстӣ ва ғайра инкишоф ёфтааст [72, 243-288].

Дар эҷодиёти Абулқосими Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибни Сино ва Низомулмулк арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, аз қабили қаҳрамонӣ, адолат, ақл, ростгӯӣ, саховатмандӣ, ваҳдат, эҳтиром, тарбияи ахлоқӣ, илму дониш мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифтаанд, ки дар илми педагогика аҳамияти хоса доранд [4, С. 18], [83, С. 13-14], [149, 150].

Дар "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ, шахсиятҳои марказӣ, аз қабили Рустам, Сиёвуш ва Каюмарс, ҳамчун намунаҳои олии ватандӯстӣ ва садоқат ба арзишҳои миллӣ таҷассум ёфтаанд. Ин асар, ки ба қавли адабиётшинос З.А. Раҷабов "эҳёи ҳувияти миллии тоҷикон"-ро ифода мекунад [Раҷабов, З.А. "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ ва ҳувияти миллӣ. Душанбе, 2001. саҳ. 15], на танҳо як манбаи муҳими таърихӣ, балки як дастури амалӣ оид ба тарбияи насли наврас дар рӯҳияи ватанпарастӣ мебошад. Фирдавсӣ, бо истифода аз усули талқини ғояҳои миллӣ тавассути образҳои адабӣ, дар ташаккули ҷаҳонбинии насли ҷавон саҳми арзанда гузоштааст.

Абӯалӣ ибни Сино, ҳамчун як донишманди энсиклопедӣ, дар асарҳои фалсафӣ ва тиббии худ, ба масъалаҳои ахлоқ ва тарбия диққати ҷиддӣ додааст. "Қонуни тиб" ва "Китоб-уш-шифо"-и ӯ, дар баробари арзиши илмӣ, дорои аҳамияти педагогӣ низ мебошанд. Ибни Сино, бо таъкид ба аҳамияти ақл ва дониш дар раванди ташаккули шахсият, таълимро ҳамчун воситаи асосии ноил шудан ба камолот арзёбӣ мекунад. Муҳаққиқон, аз ҷумла, С.Н. Комилов, дар таҳқиқоти худ оид ба афкори педагогии Ибни Сино, ба нақши муҳими муаллим дар тарбияи насли наврас ишора мекунанд [Комилов, С.Н. Афкори педагогии Ибни Сино. Душанбе, 1980. саҳ. 45].

Низом-ул-Мулк, вазири маъруфи давлати Салҷуқиён, дар "Сиёсатнома"-и худ, масъалаҳои идораи давлат ва тарбияи кадрҳоро баррасӣ кардааст. Ӯ, бо дарназардошти аҳамияти адолат ва хирад дар идораи давлат, ба тарбияи ахлоқии мансабдорон диққати махсус додааст. Низом-ул-Мулк, таълимро ҳамчун воситаи асосии омода намудани кадрҳои роҳбарикунанда арзёбӣ мекунад ва таъкид менамояд, ки роҳбари хуб бояд дорои дониш, ақл ва ахлоқи ҳамида бошад. Аз нигоҳи Низом-ул-Мулк, роҳбар бояд намунаи ибрат барои дигарон бошад ва ба манфиати халқ хизмат кунад.

Ҳамин тариқ, эҷодиёти ин се шахсияти барҷаста, на танҳо сарчашмаи илҳом барои наслҳои оянда, балки як манбаи муҳими дониш дар соҳаи педагогика мебошад. Арзишҳои миллию умумибашарӣ, ки дар асарҳои онҳо инъикос ёфтаанд, имрӯз низ аҳамияти худро гум накардаанд ва метавонанд дар тарбияи насли наврас дар рӯҳияи ватандӯстӣ, адолатпарварӣ ва инсондустӣ нақши муҳим бозанд.

Низомулмулк асоси пойдорӣ ва устувории давлатро дар ростқавлӣ, поквиҷдонӣ ва адолатпарварӣ дида, таъкид мекунад, ки «Дар ҳама давру замон - аз Одам то замони ӯ - дар тамоми кишварҳои дунё мардум талош мекарданд, ки бо ростӣ, ҳалол ва поквиҷдонона зиндагӣ кунанд, то ки аъмоли онҳо ба наслҳои оянда ба мерос бирасад» [83, 40].

Проблема ва паҳлуҳои гуногуни ҷашну маросими миллӣ дар осори мутафаккирон ва шоирони бузурги асрҳои XI - XIX-и тоҷик - Унсурӣ, Манучеҳрӣ, Фаррухӣ, Асадии Тусӣ, Масъуди Саъди Салмон, Анварӣ, Қатрони Табрезӣ, Сӯзанӣ, Амир Муиззӣ, Мунҷикии Тирмизӣ, Умари Хайём, Низомии Ганҷавӣ, Носири Хусрав, Саъдии Шерозӣ, Имом Ғазолӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Камоли Хуҷандӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Камолиддин Биноӣ, Аҳмади Дониш ва ғайраҳо ҳамаҷониба асоснок карда шудаанд.

Омӯзиш ва таҳлили афкори мутафаккирони тоҷику форс нишон медиҳад, ки дар таълимоти онҳо ҷанбаҳои мухталифи ҷашну маросими миллӣ баръало баррасӣ шудаанд. Дар ашъори онҳо мазмуну мундариҷаи ҷашну маросими миллӣ, хислату рафтори нек, ақлу хирадмандӣ, адолату

виҷдон, хирад ва меҳру муҳаббат ба Ватан, ватандӯстӣ, пойдории ирода, тозагӣ, дӯстии байни халқҳо, сулҳу осоиш, ободонии кишвар, ҳамдигарфаҳмӣ, ваҳдати миллат, шафқат ва ғ., тараннум гардидааст. Ҳамаи ин ва паҳлуҳои дигари арзишҳои маънавии миллӣ ва умумибашарӣ дар марҳалаву давраҳои гуногуни таърихӣ, ҳамчунин талаботи замон, рушди муназзам имрӯзҳо моли тамоми халқияту миллатҳои олам гардидааст.

Қобили зикр аст, ки як қатор ҷанбаҳои муҳими ҷашну маросими миллӣ дар китоби муқаддаси мусулмонон – Қуръони Карим инъикос ёфта, қариб тамоми арзишҳои асосии маънавӣ гирд оварда шудаанд. Беҳуда нест, ки онро кодекси ахлоқӣ ва қонуни зиндагии ҳар як мусалмон меноманд. Он тамоми талаботи асосиро муайян мекунад, ки иҷро ва риояи онҳо барои мусулмонон ҳатмист.

Шариат - маҷмуи қонунҳои ҳаётест, ки барои мусулмонон дар асоси Қуръон тартиб дода шудааст. Ин меъёри зиндагии ҳар як мусалмон аст.

Қуръон дар асоси шартҳои эҳтиром гузоштан ба якдигарфаҳмии одамон, эҳтиром ба эҳсосу ҳиссиёти дигарон ва идеали олии инсондӯстӣ тартиб дода шудааст. Маънои аслии Қуръон дар риояи аҳкоми динӣ, некуаҳволӣ, ахлоқи ҳамида, покизагӣ, якдилӣ ва зуҳд дар асоси эътирофи Худои якто ба сифати офаринандаи ҳама чиз дар осмон ва замин, мебошад. Дар ин бобат ҳамаи динҳои ҷаҳонӣ муттаҳиданд. Ҳеҷ кадоме аз динҳои ҷаҳонӣ бародаркушӣ, дуздӣ, ғоратгарӣ, бераҳмӣ, тамаъҷӯӣ, пулпарастӣ ва фиребро таълим намедиҳад.

Файласуф Ёқуб Одинаев таъкид менамояд, ки: «Агар таълимоти диниро амиқтар маърифат намоем, онҳо моҳиятан як ва шаклан мухталифанд. Ва моҳияташон – пандомӯзӣ, риояи қавоиди беҳдошт ва покизагиву парҳезкорӣ, қаробат ва ҳамфикрӣ дар заминаи эътирофи Худои ягона аст, чун Офаридгори ягона қарор мегирад… Ягон дин бародаркушию дуздӣ, яғмогарию бераҳмӣ, ғаразу тамаъ, фиребгарию дурӯғгӯиро илҳо намекунад...

Ва пӯшида нест, ки бисёр сиёсатмадорон динро чун аслиҳаи барангехтани оташи ҷангҳои байни миллату давлатҳо баҳри ба даст овардани

ҳокимият, ба худ ҷалб намудани таваҷҷуҳи омма, баҳри расидан ба мақсади худ истифода мебурданд ва истифода мебаранд, ки ин набояд боиси инкори арзишоти динӣ гардад, чунки барои шавқмандони ҳокимият ва чоҳу ҷалол бидуни армону мақсади эшон дигар чизи муқаддас вуҷуд надорад.

Ҷавҳари тамоми динҳои ҷаҳон ҳамин чиз аст, ки онҳо дар тӯли қарнҳо арзишоти бузурги маданӣ - ахлоқӣ, беҳдоштӣ, эстетикиро на барои шоҳон, балки барои мардуми одӣ, нодору бепаноҳ чун такягоҳи маънавӣ, воситаи таскину тасалло ва ҳимоятгари беғаразу одил ба вуҷуд овардаанд» [89, 3].

Ҳамчунин, муаллиф дар мавриди мафҳумҳои тарбиявии ихлос ва руҳ баррасӣ карда, ба хулосаи ҷолибе меояд, ки: «Даъват ба маърифатнокию равшанфикрӣ тавассути пок сохтани дилу руҳ аз кинаву адоват, фиребу нопокӣ, ҳирси ҳокимият ва сарватғундорӣ барои тарбия намудани мардум дар руҳи дӯстӣ ва ёрии ҳамдигарӣ, накукорӣ, адлу инсоф дар ҷомеа асло аҳамияташро гум намекунад» [89, 4].

Ҳамаи инҳо арзишҳои миллӣ мебошанд, ки аҳамияти умумибашарӣ пайдо кардаанд. Омӯзиши арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ асосан аз охири асри XIX таваҷҷуҳи олимони соҳаҳои гуногуни илмро ба худ ҷалб кардааст, аз қабили этнографҳо, файласуфон, муаррихон, ҳуқуқшиносон, омӯзгорон, равоншиносон, сиёсатмадорон, иқтисоддонҳо ва ғайраҳо.

Ва ҳар таҳқиқотчӣ аз рӯи ихтисоси худ масъалаҳои мухталифи арзишҳои миллӣ ва умумибашариро таҳқиқ кардааст. Дар омӯзиши ин масъала, махсусан накши этнографҳо И.И. Зарубин, А.А. Семёнов, Л. Н. Писарчук, М. Раҳимов ва дигарон бениҳоят калон аст.

Ин муаллифон ҷашну маросимҳои миллии тоҷиконро ба таври густурда ҷамъбаст ва таҳлил намуда, пайдоиш ва татбиқи онҳоро дар оила ва рӯзгор баррасӣ кардаанд. Арзишҳо аз рӯи маъно ва вазифа ба гурӯҳҳо тақсим шуда, аҳамияти прогрессивӣ ё реаксионии онҳо таъкид гардидааст. Сабабҳои пайдоиш, татбиқ ва давомнокии анъанаҳо, расму оинҳо ва қоидаҳои зиндагӣ ошкор шуда, тағйирёбии шаклу мазмуни арзишҳои миллию умумибашарӣ бо назардошти шароити таърихӣ нишон дода шудааст.

Аз асри XIX сар карда то инҷониб таҳқиқотҳои этнографӣ перомуни арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, махсусан оид ба анъана ва ҷашну маросимҳо, урфу одат, қонуну қоидаҳо, ки ба тарбияи фарзанд дар оила бахшида шудаанд, босуръат инкишоф меёбад.

Олимони этнограф дар пажуҳишҳои худ ҷанбаҳои гуногуни ҷашну маросими миллиро, ки дар байни онҳо арзишҳои педагогию психологӣ ҷойгоҳи муайян доранд, мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор доданд.

Дар баробари ин бояд гуфт, ки бархе аз донишмандон дар пажуҳишҳои худ барои ҷудо кардани арзишҳои миллӣ аз сиёсат, аз дахолати давлат талош кардаанд, зеро ба ақидаи онҳо, ташаккули арзишҳои миллӣ дар марҳалаи кунунии рушди таърихӣ дар самтҳои зерин бояд сурат гирад:

- тадриҷан озод кардани арзёбии арзишҳо аз рӯи категорияҳои арзишҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ;

- озод кардани арзишҳо аз ҳар гуна идеология ва мутобиқ гардонидани онҳо ба фаъолияти сиёсию ҳизбӣ ва иттиҳодияҳо;

- озод кардани арзишҳо аз инъикоси нодуруст ва объективияти воқеӣ;

- ба арзишҳои умумибашарӣ наздик кардани арзишҳои миллӣ;

- бартараф намудани ҷудоии арзишҳои миллӣ аз рушду тараққиёти умумиҷаҳонӣ;

- аз дахолати низоми маъмурӣ ва диктатура озод кардани арзишҳои миллӣ.

Агар мо дахолат ва назоратро ба арзёбии арзишҳои миллӣ роҳ диҳем, он гоҳ арзишҳои пешрафтаи демократӣ ва прогресивии худро аз даст медиҳаем. Дахолати шахсӣ, ки танҳо дар бораи худ ғамхорӣ мекунад, метавонад ба он оварда расонад, ки он ҳамчун арзишҳое, ки ба руҳияи муосир мувофиқ нест, нодуруст ва ғайритабиӣ тафсир карда шавад.

Аз ин рӯ, ҷиҳати арзёбии воқеияти арзишҳое, ки дар тӯли қарнҳо аз ҷониби халқ эҷод шудаанд, муҳаққиқ вазифадор аст, ки муносибати беғаразонаро риоя намояд. Ин масъала новобаста аз алоқамандии ӯ ба

ҳизбҳо, ҳаракатҳо, иттиҳодияҳои мушаххас, сохти иҷтимоӣ ва сиёсати элитаи ҳоким ба танзим даровардa мешавад. Зеро арзишҳо мероси таърихии халқ ба ҳисоб рафта, бояд ба манфиати умум, яъне кулли мардум ва тамоми башарият хизмат намоянд, на танҳо ба манфиати гурӯҳҳои алоҳида ё элитаи ҳоким. Арзишҳо, ба ҳайси ҷузъи фарҳангии халқ ва миллат, бояд руҳияи замонҳои мушаххаси таърихиро таҷассум намоянд.

Аз ин рӯ, ягон афроди мушаххас ҳақ надорад ва набояд, бо як зарби қалам офаридаҳои бузурги халқи худро аз таърих нобуд созад.

Солҳои охир масъалаи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ бештар таваҷҷуҳи роҳбарияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба худ ҷалб кардааст. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китоби худ «Тоҷикон дар оинаи таърих» ба масъалаи арзишҳои миллӣ дахл карда, менависад: «Мо ба истиқболи сазовори ин ҷашни сегона аҳамияти хоса медиҳем, зеро ин далели равшани он аст, ки Тоҷикистони соҳибистиқлол ба пои худ устувор аст ва ҳеҷ гоҳ аз роҳи интихобкардааш бар намегардад, мо ворисони арзандаи мероси фарҳангии ниёгон будани худро бори дигар бо ифтихори тамом намоиш дода, дар чашми оламиён собит менамоем, ки халқу миллати мо аз қадимулайём ба хотири дӯстӣ ҳаёт ба сар бурда, ба хотири дӯстӣ донаеро, ниҳолеро сабзондааст ва ҳарҷӣ ёфтааст, аз дӯстӣ ёфтааст» [162, 126].

Андешаҳои худро дар бораи арзишҳои миллӣ идома дода, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамояд, ки «…Ва мо ҳамагон бояд фахр кунем, ки мардуми тоҷикро оинаи таърих ҳамеша бо хислатҳои нек, фазилату дурандешӣ, хайрхоҳӣ ва тарғибгари дӯстию рафоқат нишон додааст» [162, 126].

Бояд қайд намуд, ки арзишҳои миллию умуминсоние, ки Президенти кишвар дар бораи онҳо сухан ронданд, решаи чандинасраи худро доранд. Ҳанӯз дар замонҳои қадим Афлотун, дар асрҳои миёна Абулқосим Фирдавсӣ ва Абуалӣ ибни Сино борҳо дар ин бора таъкид кардаанд.

Ҳарчанд ин пажуҳишгарон, шоирон ва файласуфон, дар назди худ мақсади омӯзиши хоси проблемаи ҷашну маросими миллиро нагузошта бошанд ҳам, вале дар осорашон оид ба зарурати эҳтиёткорона муносибат кардан ба ҳифзи арзишҳои халқу миллат андешаҳои нодир ва бамаврид баён кардаанд, ки барои наслҳои минбаъда, ин ё он ҷиҳати арзишҳои миллӣ ва умумибашариро равшан мекунанд. Ҳангоми таҳлили ҷанбаҳои гуногуни арзишҳо, муҳаққиқон мавқеи таърихии худро инъикос намуда, диди замони худро ифода мекунанд, ки ин барои илм ва амалия аҳамияти калон дорад. Чунин равиш имкон медиҳад, ки тағйироти арзишҳо дар ҷараёни таърих муайян карда шаванд.

Хизмати арзандаи ин донишмандон дар он аст, ки дар асарҳои худ оид ба ҷашнҳо ва маросимҳо, пеш аз ҳама, маълумоти куллӣ дода, зарурати омӯзиши амиқи ҳар як масъаларо таъкид кардаанд. Ин мулоҳизаҳо барои рушди педагогикаи муосир аҳамияти вижа доранд.

Вале бояд қайд намуд, ки дар асарҳои онҳо вобаста ба ҷашну маросими миллӣ ва диалектикаи пайдоишу инкишофи онҳо маълумоти саҳеҳ оварда нашудааст. Зеро онҳо дар назди худ чунин вазифа нагузошта буданд. Дар ин асарҳо низоми ҷашну маросимҳо муайян карда нашуда, таҳлили педагогии онҳо низ вуҷуд надошт.

Ҳамин тавр, ҳар чанд мутафаккирони мо дар назди худ вазифа нагузошта бошанд, ҳам ҳаёти ҳаррӯза, шароити ҷамъиятӣ ва таҷрибаи рӯзгор онҳоро маҷбур кардааст, ки дар бораи ин ё он арзишҳои миллӣ фикри худро иброз доранд, ки ин аз аҳмият холӣ нест. Ҳар як ақидаи пурқимати онҳо вобаста ба тарбияи насли наврас оид ба ҳифзу ба мерос гирифятани ҷашну маросими миллиамон дар рушди комили ҷомеаи муосири тоҷик аҳмияти бузург дорад.

## Хулосаи боби якум

Дар боби мазкур таҳлили назариявии ҷойгоҳи ҷашну маросими миллӣ дар тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11, заминаи таърихӣ, ҷойгоҳ ва нақши онҳо ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ дар ҳаёти инсон ва ҷомеа баррасӣ шудааст. Аз он ҷумла, қайд карда мешавад, ки арзишҳои миллӣ натиҷаи фаъолияти хоси ҳар як халқ дар шароити таърихию замонӣ буда, доимо дар ҳаракат ва рушд мебошанд. Ҷашну маросимҳо низ мутобиқи рушди ҷомеа тағйир ёфта, шакли нав пайдо мекунанд ва ба талаботи нави маънавии ҷомеа мутобиқ мешаванд.

Дар замони муосир, ки ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии фарҳангӣ авҷ гирифтааст, аҳамияти ҳифз ва рушди арзишҳои миллӣ, аз ҷумла ҷашну маросимҳо, ҳамчун омили муҳими тарбияи ватандӯстӣ ва худогоҳии миллӣ афзоиш меёбад. Ҷашну маросимҳои миллӣ, ки ифодагари таърихи пурғановати халқ, анъанаҳо ва расму оинҳои он мебошанд, нақши муассир дар ташаккули ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар байни насли наврас мебозанд.

Таҳқиқоти илмӣ собит месозанд, ки ҷашну маросимҳои миллӣ ҳамчун воситаи муҳими тарбиявӣ, дар раванди интиқоли арзишҳои ахлоқӣ, маънавӣ ва фарҳангӣ аз насл ба насл хидмат мекунанд. Аз ҷумла, Э. Дюркгейм дар асарҳои худ таъкид менамояд, ки маросимҳо ва ҷашнҳо на танҳо василаи муттаҳидсозии ҷомеа, балки инчунин роҳи тақвияти эҳсоси мансубият ба гурӯҳ ва ҷомеа мебошанд.

Дар робита ба ин, ҷойгоҳи ҷашну маросимҳои миллӣ дар низоми таълиму тарбияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, бахусус дар тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои болоӣ, аҳамияти вижа касб мекунад. Иштироки фаъолонаи хонандагон дар баргузории ҷашнҳои миллии Наврӯз, Меҳргон, Сада ва дигар маросимҳо имкон медиҳад, ки онҳо бо таърихи халқ, фарҳанги ғанӣ ва анъанаҳои неки он шинос шуда, ҳисси ватандӯстии онҳо тақвият ёбад.

Ҳамзамон, дар раванди тарбияи ватандӯстӣ тавассути ҷашну маросимҳои миллӣ, истифодаи усулҳои муосири таълим ва тарбия, аз қабили муҳокимаҳо, семинарҳо, конфронсҳо ва намоишҳои мавзӯӣ зарур аст. Ин усулҳо ба хонандагон имкон медиҳанд, ки дар бораи аҳамияти ҷашну маросимҳои миллӣ дар ҳаёти шахсӣ ва ҷамъиятӣ андеша ронда, нақши онҳоро дар таҳкими ваҳдати миллӣ ва худогоҳии миллӣ дарк намоянд.

Ҷашну маросимҳои миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ аз рӯи арзиш, вазифа, мақсаду моҳияти худ ба арзишҳои иҷтимоӣ, маънавӣ, педагогӣ, психологӣ, моддию маънавӣ, сиёсӣ ва тиббӣ ҷудо мешаванд, ки ҳар кадоми онҳо самтҳои илмии худро доранд.

Дар асоси таҳлилҳои анҷомшуда, хулосаи боби мазкурро ба таври зерин баён менамоем:

1. Аҳамияти таълимии нақши ҷашнҳо ва маросимҳои миллиро ҳамчун василаи тарбияи ватандорӣ, ки дар ҳар марҳилаи таърихӣ ба сифати шиор, даъват, оиннома, низом, дастур, қонун ва тартибот амал карда, иҷрои он барои пайравонаш ҳатмӣ буд, тибқи таҳқиқоти илмӣ муайян гардид. Ин таъкид ба аҳамияти ҷашнҳо ҳамчун воситаи интиқоли арзишҳои миллӣ ва ватандорӣ мусоидат мекунад.

2. Арзишҳои педагогӣ ва нуқтаи назар, шоҳкориҳои миллӣ ва умумибашарӣ, ки инсонро ба сӯи роҳи рост раҳнамоӣ мекунанд ва ба ақлу хирад, зарурати омӯзиш ва азхудкунии донишҳо барои устувории нақши ҷашнҳо ҳамчун василаи тарбияи ватандорӣ ташвиқ мекунанд, дар асоси методологияи таҳқиқот асоснок карда шуданд. Ин арзишҳо ба ташаккули ҷаҳонбинии ватандӯстона ва худшиносии миллӣ мусоидат менамоянд.

3. Заминаҳои таърихӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, маънавӣ ва сиёсии пайдоиш ва рушди ҷашнҳо ҳамчун василаи тарбияи ватандорӣ дар давраҳои гуногуни таърихӣ ошкор карда шуданд. Ҷашнҳо ва маросимҳо дар таълимоти сиёсӣ, назарияҳои илмӣ, меъёрҳои ахлоқӣ, динӣ ва осори адабию фарҳангӣ инъикос меёбанд. Арзишҳое, аз қабили Наврӯз, Меҳргон, Сада, Тиргон, Ялдо, ваҳдат, дӯстӣ ва рафоқат насли наврасро дар рӯҳияи инсондӯстӣ, ватандорӣ, сулҳҷӯӣ

ва озодӣ тарбия мекунанд.

Ин арзишҳо ҳамчун риштаи асосӣ дар тамоми мазмуни барномаҳои раванди таълим, воситаҳои таълимӣ, методӣ ва визуалӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ татбиқ мешаванд.

Дар боби мазкур, ҳамчунин, корҳои зерин амалӣ карда шуданд:

- робитаи диалектикӣ ва вобастагии байни арзишҳои миллӣ, аз ҷумлаи ҷашну маросимҳои миллӣ ва тарбияи ватандӯстӣ асоснок карда шуд.

- моҳият, мақсад, вазифа, мазмун ва мафҳуми тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути ҷашну маросимҳои миллӣ ва аҳамияти онҳо дар тарбия ошкор карда шуд.

Илова бар ин собит карда шудааст, ки ҳар халқу миллате, ки дар бораи моҳият, мазмун, мақсад, вазифа ва арзишҳои миллии худ, махсусан ҷашну маросимҳои миллӣ ва тарбияи ватандӯстии насли наврас аҳамият намедиҳад, шуури миллӣ, ифтихори миллӣ ва истиқлолияти миллиро дуруст дарк карда наметавонад.

Ҳамин тавр, тарзи зиндагӣ, ҳастӣ, одоб, муошират, рафтор низ аз ҷашну маросими миллӣ сарчашма мегирад. Аз ин рӯ, агар тарбияи ватандӯстӣ тавассути ҷашну маросимҳои миллӣ дар ҳаёти инсон ҷой нагиранд, инсоният оҳиста-оҳиста симои инсонии худро аз даст медиҳад, беодобӣ ва бадахлоқӣ асоси муоширати байни одамон мегардад, бепарвоӣ, беандешагӣ, беодобӣ дар ҳар қадам пайдор мешавад. Ҳамаи ин аз моҳият ва аҳамияти нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагон, ки дар боло зикраш рафт, дар ҳаёти инсон шаҳодат медиҳад.

# БОБИ II. ЗАРУРАТИ МУТОБИҚСОЗИИ ҶАШНУ МАРОСИМИ ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР НИЗОМИ ТАРБИЯ ВАТАНДӮСТИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ 9-11

## 2.1. Хусусиятҳои таснифоти анъана ва ҷашну маросимҳои халқи тоҷик дар тарбия ватандӯстии хонандагон

Дар таърихи фарҳанги маънавии инсоният анъана ва ҷашну маросимҳо дар тарбия ватандӯстӣ, чи гуна тобишу характере надошта бошад, хоҳ тарбиявӣ, хоҳ меҳнатӣ, хоҳ сиёсӣ, хоҳ динӣ дар онҳо руҳияи мардум, этнос, миллат, ҳамчун тантанаи давру замон равшану возеҳ зоҳир мегардад. Анъана ва ҷашну маросимҳои миллӣ на танҳо шодӣ ё зуҳуроте, ки ҷомеашиносон мегӯянд - сифати баланди ҳаёт, балки умеди тантанаи озодӣ, адолат, ахлоқ, поквиҷдонӣ ва ёрии ҳамдигариро дар бар мегирад.

Аз файласуфи бостонии Чин Конфутсий (551-479 пеш аз милод) пурсидаанд, ки: «Чаро одамон идҳоро ҷашн мегиранд?» Ӯ посух медиҳад, ки «Барои он ки дили одамон таскин ёбад ва барои он ки изтиробу ташвишҳои доимии зиндагии худро фаромӯш созанд» [58, С. 277].

Дар таърихи пеш аз исломии халқи тоҷик анъана ва ҷашну маросимҳои бисёре вуҷуд дошт, ки мувофиқи талаби ҳамон замон буда, муносибати ниёкони моро ба табиат, замин, коинот ва олами иҳотакарда дар умум, инъикос менамояд. Ин ҷашнҳо чунинанд: «Наврӯз»- соли нав, «Меҳргон» - баробаршавии шабу рӯзи тирамоҳӣ ва «Сада», ки дар рӯзи даҳуми моҳи баҳман (21 январ - 19 феврал) таҷлил мешуданд. Барои ҷилавгирӣ аз нофаҳмиҳо қайд карданием, ки мо барои шарҳ додани яке аз ин шаклҳои фарҳанги маънавии тоисломии тоҷикон ҳеҷ асосе намеёбем, ки гӯем инаш олӣ, инаш бад ва ё инаш арзишмандтар. Баръакс, сабабҳои асоснок мавҷуданд, ки арзишҳои якхелаи маънавӣ доштани онҳоро дар баробари камолоти маънавии табиати инсон дар замони муосир эътироф менамоянд.

Бояд гуфт, ки ин ҷашнҳои дунявӣ сарнавишти якхела доштанд. Дар замонҳои гуногун ва дар аҳди ҳокимони гуногун ҷашнҳои мазкур аз тарафи

равияҳои динию мазҳабӣ ва идеологӣ таъқиб шуда, мамнуъ эълон мегардиданд. Вале ин ҷашнҳо дар хотири халқ нақш баста, дар ҳаёти рӯзмарраи онҳо амал мекард. Хоҳиши ҳаёти рангину зебо бахту саодат, ки дар мазмуну мундариҷаи ин ҷашнҳо маҳфӯз буд, тамоман аз байн нарафт. Ин орзую омол дар ашъори шоирон, сурудҳои мардумӣ, рақсу бозиҳои мухталифу пурмуҳтаво инъикос меёфтанд. Дар ин маросимҳо на танҳо идеалҳои хайрхоҳӣ ва ҷустуҷӯи ҳақиқат таблиғ мешуданд, балки хислатҳои номатлуби инсонӣ, аз қабили худпарастӣ, ғурури мутакаббирона ва аблаҳӣ, ки дар ҳаёти ҷамъиятии инсонҳо мушоҳида мешаванд, маҳкум карда мешуданд. Ин раванд ба мубориза бо зуҳуроти манфӣ дар ҷомеа мусоидат мекард.

Характери пайдоиш, мазмун ва аҳамияти ин ё он анъана ва ҷашну маросимҳо, пеш аз ҳама, ба дараҷаи истифодаи натиҷаҳои моддию маънавии фаъолияти меҳнатии одамон, вобастагии қатъии он ба усулҳои истеҳсолоти моддӣ ва маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятию иқтисодии одамон дар давраҳои мушаххас муайян карда мешавад.

Ҷашну тантанаҳо оинаи «ҳаёти рӯзмараи ғайриистеҳсолӣ, анъанаҳои маишӣ ва дигар анъанаҳо, дараҷаи инкишофи шуури ҷамъиятӣ ва шахсӣ, тафаккур ва ҷаҳонбинии одамон, хусусиятҳои ахлоқ, тарбия, завқи эстетикии одамонро инъикос менамоянд» [24, 4]. Дар он муносибатҳои гуногуни одамон, манфиат ва саъю кӯшиши онҳо равшан ифода ёфтааст. Аз ин ҷост, ки дар ҷашнҳо фақат «амали дилхушӣ»-ро ҷустан нодуруст аст. Ҷашну тантанаҳо унсури зарурии ҳаёти ҷамъиятии инсон, моҳияти иҷтимоии ӯ, ифодаи дастаҷамъонаи ҳиссиёти дилхушӣ ва ҳолати рӯҳии одамон нисбат ба ҳодисаи муайяни дастаҷамъона ё шахсӣ мебошанд, зеро «... ҷашнҳо, пеш аз ҳама, як намуди санъат, илова бар он, санъати оммавӣ - халқӣ дар маънои васеъи калима мебошад» [24, 156]. Бо ибораи дигар, ин як падидаи таърихӣ ва комилан табиии иҷтимоӣ мебошад.

Дар бораи ҷашнҳои оммавӣ сухан ронда, муҳаққиқи рус Д. М. Генкин чунин қайд кардааст: «Баррасии мухтасари таърихи идҳои оммавиро аз

давраи Юнони Қадим ва Рим оғоз кардан мумкин аст. Албатта, ҷашнҳо хеле пештар вуҷуд доштанд, ки онҳо рушди ҷомеаи инсониро аз марҳилаҳои аввали мавҷудияташ ҳамроҳӣ мекарданд» [42, 68].

На ҳама анъана ва ҷашну маросимҳо дар тӯли асрҳо боқӣ монда, оммавӣ ва барои одамону ҷомеа муфид мешаванд. Пеш аз ҳама, ҳамон ҷашну анъанаҳое, ки дар ташаккули маънавии одам нақш бозида, ба меҳнату истироҳати ӯ саҳм мегузоранд ва бо беҳтарин орзую умедҳои ҳаётӣ иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, ахлоқӣ-эстетикии одамон муносибатҳои муфид доштанду доранд, ҳифз ва нигоҳ дошта мешаванд.

Новобаста аз гирудорҳои сиёсию иқтисодӣ, фарҳангию мазҳабӣ, анъана ва ҷашну маросимҳои халқи тоҷик дар бораи тарбияи ватандӯстии насли наврас аз гузаштаҳои дур то имрӯз эътибору манзалати иҷтимоии хешро ҳифз намуда, то замони мо омада расиданд.

Соҳибистиқлолии давлатӣ ва бахусус, ташаббусҳои Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон дар арсаи эҳёи суннатҳо ва маросимҳои миллии тоҷикон, заминаи мусоидро барои амалӣ намудани иқдомот дар самти бозгашт ба таърих ва эҳёву гиромидошти мероси фарҳангии моддӣ ва маънавӣ фароҳам овард. Ин иқдомҳо имкон доданд, ки мардуми тоҷик дар роҳи шинохти амиқи гузашта ва арҷгузорӣ ба арзишҳои миллии худ, саъю талош намоянд. Чӣ тавре ки Президенти мамлакат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамоянд: «Миллате, ки аз урфу одат, расму оин ва қоидаҳои мардуми худ фахр намекунад, ҳеҷ гоҳ неъматҳои истиқлолиятро таҳаммул карда наметавонад, дар бунёди давлати нави демократӣ ва идораи он саҳм гузошта наметавонад» [99].

Сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон моро ба эҳёи арзишҳои миллӣ, суннатҳо, расму оинҳо ва ҷашнҳои таърихӣ водор месозад. Ҷашнҳои Сада, Наврӯз, Меҳргон ва Тиргон бо чор унсури муқаддаси табиат - оташ, хок, ҳаво ва об иртибот доранд.

Аз ҷумлаи ҷашнҳое, ки ба ҳамаи сифатҳои мусбию воло ҷавобгӯ аст, Соли нав (барои тоҷикон ва форсизабонон - Наврӯз) мебошад, ки онро тамоми мардуми олам таҷлил мекунанд.

Зеро Наврӯз худ мактабест бузург, таҷрибаест бебаҳо. Пас инсон ва фарзандони ӯ аз ин мактаби бузурги ҳаёт, аз ин таҷрибаи ҳаётӣ чӣ меомӯзад? Одаму одамгариро, ифтихори миллиро, муоширату муносибатро, некию некукориро, шарму ҳаёро, меҳнату меҳнатдӯстиро, хештаншиносиву ватандориро, мушоҳидаву табиатдӯстдориро, ҷасурию далериро, зебоиву зеписандиро ва ғ.

Наврӯз, ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ, бо ҳодисаҳои табиӣ робитаи қавӣ дошта, аз ҷониби ориёиҳо, аҷдодони мо, асос гузошта шудааст. Дар тӯли таърихи пурпечутоб ин ҷашн ҳамчун воситаи пайванди инсон бо табиат, шахс бо ҷомеа ва омили муҳими таҳкими муҳаббат ба Ватан арзёбӣ ва эҳтиром карда шудааст.

Бешубҳа, ҳар як ҷашн мақом, замон ва тарзи баргузории хоси худро дорад, аммо Наврӯз дар миёни ҷашнҳои аҷдодони мо мақоми аввалиндараҷаро ишғол мекунад. Наврӯз, ҳамчун қадимтарин ва муборактарин ҷашни ҷаҳонӣ, паёмбари эҳёи табиат, тарғибгари арзишҳо ва ғояҳои беҳтарини инсонӣ, пайвандгари дӯстӣ ва амонӣ, ваҳдат ва ягонагии инсон бо табиат ва ибтидои корҳои кишоварзӣ ва боғдорӣ шинохта мешавад.

Наврӯз ба ягон воқеаи таърихии иҷтимоӣ, лашкаркашию забткорӣ ва суннатҳои мазҳабию динӣ иртибот надорад, балки он бар асоси ҳодисаи тавозуни табиат, баробар шудани шабу рӯз бунёд ёфтааст. Аз ин рӯ, муҳаққиқон онро ҷашни эътидоли табиат ва таҳкими адлу инсоф хондаанд.

Ҷашни Наврӯз, ҳарчанд ки аз даврони қадим марзҳоро убур намуда, ба фарҳанги як қатор кишварҳои минтақа роҳ ёфта буд дар оғози садаи XXI ба таври расмӣ аз ҷониби созмонҳои бонуфӯзи байналмилалӣ тасдиқу тасвиб шуд. Нахуст онро созмони ЮНЕСКО соли 2009 ба Феҳристи репрезентативии мероси фарҳанги ғайримоддии башарият ворид намуд ва

соли 2016 шумораи кишварҳои узви парвандаи Наврӯз зиёд шуда, ҳуҷҷатҳо мукаммал ва аз нав тасдиқу имзо гардиданд.

Дар иҷлосияи 64-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид, санаи 18 феврали соли 2010, дар доираи моддаи 49, резолюцияи «Рӯзи ҷаҳонии Наврӯз» қабул гардид. Ин қатънома бо таклифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар давлатҳои минтақаи Наврӯз пешниҳод шуда, мавриди муҳокима ва тасдиқ қарор гирифт. Тибқи ин санад, ки дар тамоми ҷаҳон ҳар сол 21 март ҳамчун «Рӯзи байналмилалии Наврӯз» ҷашн гирифта мешавад. Аз кишварҳои ҳавзаи Наврӯз даъват карда мешавад, ки ҳамасола онро бошукуҳ ҷашн гирифта, дар густариш ва рушду таблиғи суннатҳои Наврӯз саҳмгузор бошанд. Муассисаҳои илмии кишварҳои мазкур бояд таърих, одобу русум ва анъаноти неки Наврӯзро таҳқиқ карда, ба ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ намоянд [110].

Роҷеъ ба шинохти Наврӯз, таърихи пайдоиш, анъана ва ҷашну маросимҳои он дар замонҳои пешин, шеваи таҷлили он дар ин ё он маҳал, ҷанбаҳои нуҷумию фарҳангӣ ва иҷтимоию фалсафии он рисолаву мақолаҳои зиёде ба табъ расидаанд. Осори марбут ба Наврӯзро метавон ба якчанд даста тасниф намуд: - маълумоти сарчашмаҳои таърихии даврони қадим ва асрҳои миёна; - Наврӯз дар тасвири ховаршиносон ва мардумшиносони рус то ибтидои садаи XX; - таҳқиқи Наврӯз дар замони Шӯравӣ; - омӯзишу пажуҳиши он давраи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Таърихи ҷашни Наврӯзро баъзе муҳаққиқон панҷҳазор сол, бархе шашҳазор сол мегӯянд, аммо аксари онҳо дар вақти ҳисоб ба ривояту нақлҳои омиёна такя кардаанд. Мантиқан, Наврӯз аз он замонҳо сарчашма мегирад, ки инсонҳои ибтидоӣ аз чанголи зимистони бераҳм берун омада, бо баҳори зебову хуррам рӯбарӯ мешуданд. Баробари фарорасии баҳор медиданд, ки барфу яххо об мешаванд, офтоб медурахшад, ҳаво гарм шуда, гулу гиёҳҳо аз замин мерӯянд ва табиат зебову дилкаш мешавад. Одамон ин манзараҳоро дида, шодию хурсандӣ мекарданд ва мепиндоштанд, ки эзади гармию равшанӣ бар деви зимистони тираву қаҳратун пирӯз шудааст.

Тавре ки аз мазмуни устураҳои бостонӣ бармеояд, зимистон давраи ҳукмронии девҳо ва махлуқоти аҳриманӣ шумурда шуда, тобистон замони салтанати неруҳои аҳуроӣ маҳсуб меёфтааст. Ҳукмронии девҳо то Наврӯз идома меёфт, пас аз иҷрои маросимҳои наврӯзӣ ва ҷашнгирии бошукуҳ салтанат ба дасти махлуқони офаридаи Аҳурамаздо мегузашт [31, 90].

Аз ин навиштаҳо маълум аст, ки Наврӯз ҳамчун ҷашни баробарии рӯзу шаб дар баҳор таҷлил мешудааст, аммо бинобар иди табиат ҳисоб ёфтанаш ба дини зардуштӣ ворид нагаштааст ва дар осори динии зардуштӣ танҳо ба он ишораҳо шудаанд.

Оре, бузургӣ ва муҳташамии ҷашни Наврӯз ҳам дар ҳамин аст, ки он дар домани табиат, дар ҳавои кушод, лаби ҷӯй, рӯи сабзаву себарга, зери чатри гардун доир мешавад. Мутафаккири барастаи халқи тоҷик Бадриддин Ҳилолӣ Наврӯзро рӯзи ҷамъ омадани дӯстон медонад, зеро бо омадани баҳор, бахусус, ҷашни Наврӯз мардум ба дашту саҳро мебароянд ва бо ҳам менишинанд. Яъне, Наврӯз ҷашни ба ҳам омадани мардум, рамзи ваҳдату якдилист, мегуяд шоир:

Рӯзи Наврӯз аст, сарви гулъизори ман куҷост?
Дар чаман ёрон ҳама ҷамъанд, ёри ман куҷост…? [18, 29]

Дар ғазали дигар Ҳилолӣ аз баробар шудани шабу рӯз ва омадани Наврӯз дарак медиҳад. Яъне гузаштагони мо баробарии шабу рӯзро ба Наврӯз марбут медонистанд. Шоир аз омадани Наврӯз ва баробаршавии шабу рӯз, шикаст хурдани лашкари сармо, пирӯзии гармо, хандидани офтоби оламоро қаноатманд аст, вале аз дурии маҳбубаи худ эҳсоси хастагию норизоятӣ мекунад:

Аз он чи суд, Наврӯз шуд ҷаҳонафрӯз?
Ки бе ту рӯзу шаби мо баробар аст имрӯз.
Ба дафъи лашкари ғам сад сипаҳ барангезам,
Вале чӣ суд, ки бахтам намешавад пирӯз? [18, 140]

Устод Садриддин Айнӣ дар асари таърихӣ-адабии худ – «Ёддоштҳо» аз Наврӯзи Файзобод ва сайри Ширбадан ҳикоят кардааст, ки ҳар ду ҳам дар

садаи XIX -ум дар Бухоро таҷлил мешудаанд. Муаллиф дар фаслҳои муайяни асари мазкур оид ба сайрҳои баҳорӣ ва ҷалби мардум ба онҳо, бозиҳои бачагона ва мусобиқоти варзишӣ, фурӯши маҳсулоти хӯрокворӣ ва ҷанбаҳои иҷтимоию сиёсии Наврӯз дар аморати Бухоро маълумоти муътамад додааст.

Мардум гирди хони Наврузӣ ҷамъ омада, хурсандӣ мекарданд, ҳама масрур, либосҳои тоза ва нав дар тан. Дар ин рӯзҳо кинаҳо аз дилҳо шуста мешавад, қаҳриҳо бо ҳам оштӣ мешаванд, машшоқону ҳофизон ва раққосон менавозанду месароянду мерақсанд. Ҷавонону духтарон ба як дигар ошиқ мешаванд. Аксар вақт воқеъ мешавад, ки оилаҳо бунёд мегарданд. Одатан чунин оилаҳо хело устувор ва то охири умранд, зеро ба он худи табиат асос гузошта, офтоб нур пошидаанд.

Ба ҳамин маъно Ҳилолӣ низ Наврӯзро ба ҷавонию шукуфоӣ ташбеҳ додааст. Яъне айёми беғамию зебоӣ, шукуфоию фараҳмандӣ мансуб ба ҷашни Наврӯз аст, ҷавонию шубоб низ мисли Наврӯз фасли зебои ҳаёт аст, мегӯяд шоир:

Эй гули боғи латофат, зи хазон эмин бош,
Ки ҳанӯз аввали Наврӯзи ҷамол аст туро…[18, 24].

Баъд аз хӯроку дастархондорӣ гӯштингирӣ ва бозиҳои дигар сар мешавад. Дар ин гуна маъракаҳо одатан аввал бачагону наврасон даврадорӣ мекунанд, сипас паҳлавонони номӣ ба майдон медароянд. Гӯштин низ ба мисли Наврӯз умри ҳазорсола дорад. Бисёр паҳлавонон чи дар гузашта ва чӣ дар имрӯз маҳз аз ҳамин майдонҳо ба камол расидаанд.

Дар сарчашмаҳои таърихӣ ва адабӣ, ба монанди «Осор-ул-боқия» ва «Ат-тафҳим»-и Абурайҳони Берунӣ, «Зайн-ул-ахбор»-и Абулсаиди Гардезӣ, «Наврӯзнома»-и Умари Хайём, «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ, инчунин, дар қасидаву ғазалҳои Манучеҳрӣ, Фаррухӣ, Унсурӣ ва дигар шоирон ҷашни Наврӯз борҳо тасвиру тавсиф шудааст. Дар ин манобеъ бештар ба ривояту устураҳои марбут ба Ҷамшеди пешдодӣ ишора шуда, аз бунёд гузоштани Наврӯз сухан меравад. Аз байни муаллифони мазкур

Абурайҳони Берунӣ (973-1048) нисбатан назари илмӣ дошта, дар асарҳои хеш бештар ба маълумоти табиӣ, нуҷумӣ ва ҷуғрофии Наврӯз такя кардааст.

Берунӣ дар асари дигари мондагораш «Осор-ул-боқия» қайд мекунад, ки: «Баъзе аз уламои Эрон мегӯянд: «Сababи ин ки ин рӯзро Наврӯз меноманд, ин аст, ки дар айёми Таҳмурас собиа ошкор шуданд. Ва чун Ҷамшед ба подшоҳӣ расид, динро аз нав кард. Ва ин кори хеле бузург ба назар омад ва он рӯзро, ки рӯзи тозае буд, Ҷамшед ид гирифт, агарчи пеш аз ин ҳам Наврӯз бузургу муаззам буд. Ва боз ид будани Наврӯзро чунин гуфтаанд, ки чун Ҷамшед барои худ тахт бисохт ва дар ин рӯз бар он савор шуд ва ҷину шаётин онро бардоштанд. Ва ба як рӯз аз кӯҳи Дамованд ба Бобул омад. Ва мардум барои дидани ин амр дар шигифт шуданд ва ин рӯзро ид гирифтанд. Ва дастаи дигар аз эрониён мегӯянд, ки Ҷамшед зиёд дар шаҳрҳо гардиш менамуд ва чун хост ба Озарбойҷон дохил шавад, бар сарире аз зар нишаст ва мардум бар дӯши худ он тахтро мебурданд. Ва чун партави офтоб бар он тахт битобид ва мардум онро диданд, ин рӯзро ид гирифтанд» [28, 233-234].

Агар нуктаи зикрнамудаи Беруниро, ки гуфтааст: «...пеш аз ин ҳам Наврӯз бузургу муаззам буд» баррасӣ кунем, маълум мешавад, ки Наврӯз пеш аз ҷашнгирии Ҷамшед низ маъмул будааст.

Ҳаким Умари Хайём дар рисолаи худ моҳияти илмии Наврӯзро шарҳ дода, Ҷамшедро кошифи ин асрори табиат шумурдааст, дар ҳоле ки бисёр муаллифон ва шоирону таърихнигорон рӯй ба асотиру ривоёт овардаанд. Чунончи, Абулқосими Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» роҷеъ ба оғози ҷашни Наврӯз дар достони Ҷамшед ба мазмуни устураҳо руҷуъ карда навиштааст:

“Ҷаҳон анҷуман шуд бари тахти ӯй,
Фурӯ монда аз фарраи бахти ӯй.
Ба Ҷамшед-бар гавҳар афшонданд,
Мар-он рӯзро рӯзи нав хонданд” [148, 64].

Умари Хайём дар рубоиёти дигараш мавзуи Наврӯзро барои ифодаи афкори риндонааш ба кор бурда, ба воситаи он масоили хушгузаронии

рӯзгор, аз ҷумла, хушиву хурсандӣ, шодию фараҳмандӣ ва дилафрӯзию озодии инсониятро таҷассум кардааст:

Бар чеҳраи гул насими Наврӯз хуш аст,
Дар саҳни чаман рӯйи дилафрӯз хуш аст.
Аз дай, ки гузашт, ҳар чӣ гӯйӣ, хуш нест,
Хуш бош, зи дӣ магӯ, ки имрӯз хуш аст [136, 23].

Мавзуи тасвири табиат, хусусан, Наврӯз ва суннатҳои он дар таърихи адабиёти форсу тоҷик ба гунаи эҷоди бадеӣ бозтоб шудаанд. Ин анъана дар ашъори шоирони адабиёти классикии форсу тоҷик идома ёфтааст, ки намунаи барҷастаи он «Бихандад лола бар саҳро» ва «Омад баҳори хуррам бо рагу бӯйи тииб»-и Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мебошад. Баъдтар, ин мавзуъ дар ашъори шоирони дигар, амсоли Фирдавсӣ, Дақиқӣ, Адиб Собири Тирмизӣ, Қатрони Табрезӣ, Носири Хусрав, Фаррухии Систонӣ ва махсусан, Манучеҳрии Домғонӣ мушоҳида мешавад.

Ба андешаи мо, дар табиат ҳама чи дар робитаи ҳамдигаранд: агар некӣ кунӣ, неки мебинӣ ва агар бадӣ кунӣ бадӣ мебинӣ. Хоҳӣ, ки аз ҳайфонот бештар фоида гирӣ, нисбат ба онҳо бештар ғамхорӣ бояд кунӣ. Инак, насли наврас маърака ва давраҳои ҷашну маросими миллиро тамошову мушоҳида карда, яз як тараф, дар рӯҳияи нотарсиву далерӣ тарбия меёбад ва аз тарафи дигар, ҳамеша дар хотир мегирад, ки ғамхорӣ дар ҳаққи якдигарӣ ва ҳайвону парандагон низ қарзи инсонӣ мебошад.

Дар тӯли садсолаҳо Наврӯз ва оину маросимҳои марбути он вобаста ба идеологияи давлатҳои ҳукмрон борҳо ба тағйироту дигаргуниҳо мувоҷеҳ шудааст ва мардуми тоҷику халқҳои дигари эронӣ дар ҳама давру замонҳои душвору пур аз ҷангу офатҳо аз таҷлили ин ҷашни зебои ниёгони худ даст накашидаанд.

Наврӯз қадимтарин ва зеботарин ҷашни ориёиҳо мебошад. Имрӯз беш аз 300 миллион нафар Наврӯзро дар саросари ҷаҳон ҷашн мегиранду гиромӣ медоранд. Бузургдошти Наврӯз – бузургдошти решаҳо, таърих ва арзишҳои таммадунҳои дурахшони башарист.

Ҳамин тавр, ниёгони мо, ориёиҳои бостонӣ, воқеан, дурандеш, донишманд ва бедордил будаанд, ки Наврӯзро дарёфта, онро ҳамчун рамзи меҳрварзӣ, ватандӯстӣ, равшангарӣ, зебопарастӣ, ҳамдилӣ, ҳамнавоӣ бо табиат ва посдорӣ аз маҳалли зист ҷашн гирифтаанд, нигоҳ дошта, ба ҷаҳониён тақдим намудаанд.

Иди Меҳргон дар таърих ва тамаддуни халқҳои ориёӣ ҳамчун яке аз ҷашнҳои муҳим ва маъмул дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти мардуми тоҷик, аз ҷумла табиат, ҷомеа, иқтисод ва фарҳанг, эътироф мешавад. Меҳргон иди тирамоҳӣ ба ҳисоб рафта, аз ҷониби аҷдодони мо ҳамчун изҳори сипос ба неъматҳои табиат таҷлил мегардид.

Меҳргон иди марбут ба қонунҳои табиат, мусовӣ шудани шабу рӯз дар фасли тирамоҳ, ҷамъоварии ҳосили зироат ва боғдорӣ мебошад. Моҳияти ахлоқии Меҳргон дар намунаи архетипии пирӯзии Фаридун бар Заҳҳоки ситамгар – ғалабаи некӣ бар бадӣ, рӯшноӣ бар торикӣ ва дӯстӣ бар душманӣ таҷассум ёфта, инсонро дар тӯли таърих ҳамеша ба сӯи адолатхоҳӣ, баробарӣ, сулҳпарварӣ, ватанпарастӣ, инсондустӣ ва некӯкорӣ ҳидоят менамояд.

Роҷеъ ба муаррифии Меҳр устурашиноси эронӣ Меҳрдоди Баҳор навиштааст: «Меҳр эзаде аст ҳиндуэронӣ, ки номи ӯ дар ҳиндӣ маънои «дӯст»-ро дорад ва дар Авесто ба маънои «паймон» ва дар форсӣ ба маънои дӯстӣ ва хуршед аст» [22, 332].

Дар замони қадим ориёиҳо Митраро чун худои осмонӣ ва яздони бузург мепарастиданд. Баъди зуҳури Зардушт мавқеи Митра тадриҷан коҳиш ёфта, аз худо ба эзад табдил ёфт. Бисёр сифатҳои Митра ба Аҳура Маздо нисбат дода шуданд, аммо дар Авесто Митра бештар аз дигар эзадон тавсиф шудааст ва дар паҳлӯи Аҳура Маздо зикр мегардад, ки ин нишонаи қудрати ӯст. Ба вижа дар «Меҳр-яшт» ба ин маънӣ омадааст: «Бад-он ҳангом ки ман Меҳри фарохчарогоҳро ҳастӣ бахшидам, ӯро дар ситоиш ва барзандагии ниёиш, баробар бо худ, ки Аҳура Маздоям биофаридам» [7, 250].

Митраизм (меҳрпарастӣ) аз Эрону Осиёи Миёна берун рафта, дар

Шарқи Наздик ва Аврупо паҳн шуд. Император Константин пеш аз масеҳӣ шудан пайрави Митра буд. Митраизм дар Аврупо маъруфият пайдо кард, ки осори он дар муҷассамаҳо, аз ҷумла дар Ватикан, боқӣ мондааст. Рӯзи таваллуди Митра 22 декабр аст, ки баъди он рӯзҳо дароз мешаванд. Ба номи Митра савганд ёд мекарданд, зеро ӯ нигаҳбони аҳду паймон буд. Митра ҳамчун Худои рӯшноӣ ва дӯстӣ дар байни ориёиҳо мақоми бузург дошт ва ба расму анъанаҳо таъсир расонд. Таъсири он дар фарҳанги Шарқи Наздик ва Аврупо низ мушоҳида мешавад. Ниёгон эътидолҳоро кашф карда, солро ба чор фасл тақсим карданд ва ду ҷашнро расм карданд. Фслҳои солро ба давраҳои зиндагии инсону кайҳон нисбат дода, баҳору тобистонро ба ҷавонӣ ва тирамоҳу зимистонро ба пирӣ ташбеҳ доданд [155, 276].

Митраизм, ки дар забони паҳлавӣ ҳамчун Миҳр шинохта мешавад, баъдтар дар Империяи Рум ҳамчун сирри Митра ё Митраизм машҳур гардид. Ин мазҳаб дар давраи рушди худ дар байни аҳолии империя, бахусус дар артиш, хеле маъруф шуд. Аксари маъбадҳои бостонӣ (митреумҳо) дар шаҳрҳои назди сарҳадӣ ва гарнизонҳо ёфт шудаанд, ки ин маъруфияти мазкурро дар байни сарбозон нишон медиҳад.

Дини Митраизм дар Эрон ва Осиёи Марказӣ пайдо шуда, баъдтар ба империяи Рум ворид гардид ва дар он ҷо тағйироти назаррасро аз сар гузаронд. Дар Рум, Митра ҳамчун худои офтоб ва пирӯзӣ бар торикӣ ибодат мешуд. Маросимҳои махфӣ ва дараҷаҳои ибтидоӣ дар ин мазҳаб мавҷуд буданд, ки ба пайравон имконият медоданд, то ба таври рамзӣ аз марҳилаҳои гуногуни ҳаёт гузаранд ва ба маърифати олӣ бирасанд.

Мувофиқи таҳқиқоти археологӣ ва матнӣ, дини Митраизм дар Империяи Рум дар асрҳои II-IV милодӣ ба авҷи маъруфияти худ расид. Митреумҳо, ки маъбадҳои махсуси Митра буданд, дар тамоми қаламрави империя, аз Британия то Сурия ёфт шудаанд. Ин маъбадҳо аксар вақт дар зери замин ҷойгир буданд ва бо нақшҳо ва муҷассамаҳое оро дода шуда буданд, ки саҳнаҳои таваллуд аз санг, қурбонии буқом ва дигар унсурҳои асотирии марбут ба Митраро тасвир мекарданд.

Митраизм таъсири назаррасро ба дигар фарҳангҳо ва мазҳабҳои замонавӣ расонидааст. Баъзе аз муҳаққиқон таъкид мекунанд, ки баъзе унсурҳои Митраизм, аз қабили ҷашни рӯзи таваллуди Митра 25 декабр ва ғояи зиёфати муқаддас, ба дини масеҳӣ таъсир расонидаанд. Бо вуҷуди ин, робитаи мустақим ва таъсири мушаххаси Митраизм ба дигар динҳо мавзуи баҳсҳои илмӣ боқӣ мемонад.

Мусаллам аст, ки бештар ба ҷанбаи табии Меҳргон ҳамчун ҷашни тирамоҳӣ бо нияту орзуи баракату фаровонӣ таваҷҷуҳ мешудааст, ки Рӯдакию Дақиқӣ ва Фирдавсӣ дар ашъори худ онро бо тамоми зебоиҳояш истиқбол ва онро ба ҳайси як ҷашни фарруху хусравонӣ васф намудаанд. Чунончи, устод Рӯдакӣ гуфтааст:

“Малико! Ҷашни Меҳргон омад.
Ҷашни шоҳону хусравон омад.
Хаз ба ҷойи мулҳаму хиргоҳ,
Бадали боғу бӯстон омад” [112, 70].

Ҳамин тавр, Меҳргон на танҳо ҷашни баракату фаровонӣ, ранҷи кишоварзону боғдорон, балки ҷашни офарандаи унсурҳои фарҳангӣ низ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, эҳтиром гузоштан ба суннату оинҳои миллӣ, бахусус, ҷашни Меҳргон, арҷгузорӣ ба миллату давлат, сарзамини муқаддас ва таъриху фарҳанги куҳанбунёди халқи тамаддунсози халқи тоҷик мебошад.

Аз ҷиҳати ҳаҷм ва миқдори маълумот калонтарин ва аввалин таҳқиқот оид ба анъана ва ҷашну маросимҳои мардумӣ, махсусан, Сада осори донишманд-энсиклопедисти барҷаста Абурайҳони Берунӣ (973-1048) мебошад [28, 432]**.** Ӯ пайдоиш ва моҳияти ин анъана ва ҷашну маросимҳоро шарҳ дода, тақвимро баррасӣ ва асосгузоронро номбар намуда, дар бораи пайдоиши баъзе анъана ва ҷашну маросимҳои қадим як қатор қисса ва ривоятҳои форсу араб ва яҳудиёнро оварда, андешаҳои олимони дигарро дар бораи ин ҷашнҳо муфассал тасвир менамояд.

Дар достони ҷовидонаи мутафаккири барҷастаи тоҷик Абулқосим Фирдавсӣ - «Шоҳнома»-и безавол Садаро қадимтарин ҷашн донista, ибтидои

онро бо номи шоҳи афсонавӣ Ҳушанг ибни Сиёмак - «кашфкунандаи оташ» вобаста медонад [151, 51].

Зи Ҳушанг монд он Сада ёдгор,

Басе бод чун ӯ дигар шаҳрёр [151, 24].

Устурае, ки Фирдавсӣ дар ибтидои достони худ ба риштаи назм кашида, ба он тобиши таърихӣ ва бадеӣ додааст, гувоҳӣ аз умри тӯлонии ин маросими аҷдодӣ медиҳад. Бар асоси маълумоти дигари Ҳаким Фирдавсӣ, ҷашни Сада дар замони шоир маъруф буда, сокинон барои баргузории он омода мешуданд ва онро бо шукӯҳ таҷлил мекарданд:

“Биҳиштам биёмад зи оташкада,

Чу наздик шуд рӯзгори Сада” [152, 921].

Дар ин баёни Фирдавсӣ зуҳури оташ ва нур рамзи муқовимат бо зулмот буда, эҳёи ҷашни Сада василаи шодмонии авом аст, ки ба ин васила онҳо ба изҳори сурур мепардозанд, ба якдигар некӯаҳволӣ таманно мекунанд ва кинаву душманиро аз дил дур месозанд. Ин унсурҳо баъдан ба суннати миллӣ мубаддал гашта, таҳаввул меёбанд ва дар миёни қавм мақоми вижа касб намуда, дар ёдбуди таърихию фарҳангии онҳо сабт мегарданд ва то кунун идома меёбанд. Мувофиқи маълумоти “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ, Сада ҳамчун ҷашни мубориза бар зидди торикӣ ва сармо ба шумор меравад.

Дар робита ба вожаи «Сада» андешаҳои мухталиф вуҷуд дошта бошанд ҳам, онҳо дорои хусусиятҳои муштарак буда, собиқадории ин ҷашнро таъйид менамоянд. Таҳқиқоти этнографӣ низ аз қадима будани ин ҷашн гувоҳӣ медиҳанд.

Дар «Луғатномаи Деҳхудо» оид ба ҷашни Сада изҳор шудааст, ки: «Сада… Луғатан ба маънии мансуб ба шумораи сад. Дар бораи иллати интисоби ин ҷашн ба шумораи мазбур гуфтаҳои бисёр овардаанд...» [46, 192].

Фаррухии Систонӣ омадани Садаро фоли ҳузури муждаи Наврӯз унвон мекунад ва таъкид медорад, ки ин ҷашн барои он омада, ки омадани Наврӯзро паём расонад:

“Сада омад, ки туро мужда диҳад аз Наврӯз,

Мужда бипзиру бидеҳ хилъату кораш ба тароз” [141, 72].

Комилан маълум аст, ки пайдоиши Сада аз фаъолияти меҳнатӣ дарак медод, на аз тасодуфан кашф кардани Ҳушанг оташро. Иди Сада дар замонҳои қадим барои деҳқон муждаи фарорасии баҳор ва Наврӯз (баробаршавии шабу рӯз) буд.

Умуман, ин ҷашни тақвимӣ ба шумораи сад иртибот дорад. Дар бораи интисоби он ба шумораи сад дар сарчашмаҳои таърихӣ мисолҳои зиёде овардаанд. Берунӣ дар «Ат-тафҳим» менависад: «Ва аммо чунон аст, ки аз он (ҷашни Сада) то Наврӯз панҷоҳ рӯз аст ва панҷоҳ шаб» [29, 201], яъне бист рӯз аз моҳи Баҳман ва сӣ рӯз аз моҳи Исфанд, ки (баробари аввали феврал то 20 март) панҷоҳ шабонарӯз якҷоя панҷоҳ шабу панҷоҳ рӯз ба сад баробар аст. Манучеҳрӣ ҷашни Садаро талояи Наврӯзи навбаҳор унвон мекунад. Вожаи «талоя» дар луғат ба маънии аввалин нишонае, ки аз ҳар чизе намоён ва ҷилвагар мешавад, тавзеҳ ёфтааст. Аз ин ҷост, ки Манучеҳрӣ Садаро нишоне аз ҳузури Наврӯз унвон мекунад, ки мардумро аз омадани ин ҷашни хуҷаста паём мерасонад:

“В-инак биёмадааст ба панҷоҳ рӯз пеш,

Ҷашни Сада талояи Наврӯзи навбаҳор” [64, 100].

Аз ин рӯ, ҷанбаи дигари афрӯхтани оташ, ки арзиш ва аҳамияти ахлоқӣ низ ҳисоб меёбад, марбут ба ҳамин паёмрасонии Сада аз омадани Наврӯз мебошад, зеро мутобиқ ба ақидаи ниёкони мо оташи афрӯхта, маҷмӯи касифиву палидиҳоеро, ки фасли зимистон ва сармо эҷод мекунад, месӯзанд. Баробари ин, тавассути афрӯхтани оташ ба замин нафаси гармӣ ато намуда, онро аз карахтиву хомушӣ наҷот медиҳад, то ба сӯи баҳор дар ҳаракат ояд.

Аз рӯи маълумоти Умари Хайём дар «Наврӯзнома», ҷашни Сада ба пирӯзии Фаридуни тилисмшикан бар Заҳҳоки морбардӯш (Аджи Даҳака) нисбат дода шудааст. Ӯ дар асари ёдшуда навиштааст: «...Ҳамон рӯзе, ки Заҳҳокро бигрифта ва мулк бар вай (яъне Фаридун – Ҳ.С.) рост гашт, ҷашни Сада бинҳод ва аз ҷиҳати фоли нек он рӯзро ҷашн кардандӣ ва ҳар сол то ба

имрӯз оини он подшоҳони некаҳд дар Эрону Тӯрон ба ҷой меоранд» [53, С. 49].

Яке аз махсусият ва вижагии ҷашни Сада ҳамкории мардум ва ба таври дастҷамъӣ ё ҳашар анҷом додани корҳо мебошад. Дар гузашта анъана шуда буд, ки барои ҷашн ҳезум ва хору хошокро дастҷамъона гирд меоварданд. Ба қавли донишманди тоҷик Рӯзӣ Аҳмад «ин кор фаризаи динӣ ва савоб маҳсуб мешуд. Ҳар кас аз рӯи тавоноӣ ҳезуму чӯб гирд меоварл. Касоне, ки ба мисли амирону амирзодагон ва сарватмандон агар худашон ҳезум гирд оварда натавонанд, дигаронро мардикор карда, пул дода ин корро анҷом медоданд» [115 , С. 201]. Инро ба хотири он иҷро мекарданд, ки ҳарчи тезтар оташи Садаро афрӯзанд ва бад-ин васила ҷашнро бо шодиву сурур таҷлил намоянд.

Дар фарҳанги ориёӣ оташ мақоми вижа дошта, дар Авесто ва адабиёти паҳлавӣ ривоятҳо дар бораи қудрати он дар нест кардани бадиҳо зиёд аст. Гузаштагон оташро дар оташкадаҳо афрӯхта нигоҳ медоштанд. Ҷашни Сада, ки бо таълимоти мазҳабӣ ва миллӣ робита дорад, дар байни мардум маъруф буд ва шоҳон низ дар таҷлили он ширкат мекарданд.

Дар замони Сосониён, маросими Сада ҳамчун як ҷузъи муҳими ҳаёти динӣ ва иҷтимоӣ арзёбӣ мешуд. Мувофиқи маълумоти "Корномаи Ардашери Бобакон", Ардашери I, асосгузори сулолаи Сосониён, шахсан дар ҷашнҳои Сада ширкат варзида, ба густариши он мусоидат намудааст. Оташ дар ин давра на танҳо ҳамчун унсури поккунанда, балки ҳамчун рамзи қудрат ва ҳукмронии шоҳӣ эътироф мешуд. Оташкадаҳо, ки дар саросари империя бунёд гардида буданд, ҳамчун марказҳои динӣ ва фарҳангӣ хизмат мекарданд ва нигоҳдории оташи муқаддас вазифаи муҳим ба шумор мерафт.

Аз нигоҳи таърихнигории динӣ, оташ дар зардуштия мақоми хоса дорад. Дар "Ясна" (бахше аз Авесто), оташ ҳамчун "Атар" ёд шуда, ҳамчун яке аз ҳафт офариниши Аҳура Маздо эътироф мегардад. Атар ҳамчун қувваи поккунанда ва муҳофизаткунанда аз бадиҳо эътибор дорад ва дар маросимҳои динӣ аҳамияти калон дорад. Оташ дар зардуштия рамзи нур, ҳақиқат ва покӣ аст, ки инъикоси ахлоқи баланди дини зардуштӣ мебошад.

Ҷашни Сада, ки дар моҳи Баҳман (дар охири зимистон) баргузор мешавад, рамзи пирӯзии нур бар зулмот ва гармӣ бар сардӣ аст. Ин ҷашн бо афрӯхтани оташи бузург ва маросимҳои махсус, аз қабили қироати Авесто ва шеърхонӣ, ҷашн гирифта мешавад. Тавре ки дар "Бундаҳишн" зикр шудааст, Сада ба кашфи оташ аз ҷониби Ҳушанг, яке аз пешвоёни афсонавӣ, алоқаманд аст, ки бо ёрии санг оташро кашф намуда, ба инсоният хайр овард.

Ҳамчунин, ҷашни Сада бо масъалаҳои кишоварзӣ ва оғози мавсими кишт алоқаманд аст. Дар замонҳои қадим, афрӯхтани оташ дар Сада ҳамчун рамзи мусоидат ба гарм шудани замин ва оғози нашъунамои растаниҳо арзёбӣ мешуд. Ин ҷашн ҳамчунин ҳамбастагии мардумро тақвият дода, ҳамчун як фурсати ҷамъиятӣ барои таҷлили дастовардҳо ва умед ба оянда хизмат мекард.

Бо вуҷуди тағйирот дар ҷомеа ва фарҳанг, ҷашни Сада то ҳол дар байни мардуми ориёитабор, аз ҷумла тоҷикон, эрониҳо ва дигарон, гиромӣ дошта мешавад. Ин ҷашн на танҳо ёдгории таърихи қадим, балки рамзи ифтихори миллӣ ва арзишҳои фарҳангии воло мебошад. Таҷлили Сада дар замони муосир нишон медиҳад, ки мероси фарҳангии ориёӣ то ҳол дар қалби мардум зинда аст ва ба наслҳои оянда интиқол дода мешавад.

Роҷеъ ба ҷашни Тиргон нисбат ба ҷашнҳои дигар сарчашмаҳои адабию таърихӣ ва динӣ камтар маълумот дода шудааст. Маълумотҳои ба даст омадаро оид ба ҷашни Тиргонро метавон ба панҷ манба тақсим намуд: 1. Авасто; 2. Сарчашмаҳои паҳлавӣ; 3. Асарҳои таърихӣ «Осор-ул-боқия» ва «Зайн-ул-ахбор»; 4. Луғатнома ва фарҳангҳо; 5. Байтҳои ҷудогонаи манзум. Таҳқиқотҳои олимони замони муосири тоҷику русу аврупоӣ ва эронӣ бар пояи ҳамин манбаъҳо таълиф шудаанд. Маълумоти ин сарчашмаҳо асосан асотирӣ буда, муҳаққиқони баъдина кӯшидаанд, ки баъзе маълумотҳоро ба шахсони таърихӣ ва ҳодисаҳои воқеӣ нисбат диҳанд. Тавре ки аз маъхазҳои таърихӣ маълум аст. Ҷашни Тиргон дар рӯзи 13 - уми моҳи тир (он рӯзро Тир низ меноманд), баргузор мегашт. Тибқи сарчашмаҳо, Тиргон чашни даъвати борон аст ва такрибан ба оғози моҳи июл рост меояд. Мардуми ориёнажот ин

ҷашнро дар сатҳи баланд таҷлил мекардаанд ва зикри он дар «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ гувоҳи ин гуфтаҳоянд:

“Туро тир аз Тири фирӯзӣ аст,

Дар ин подшоҳӣ туро рӯзӣ аст” [152, 6].

Вобаста ба он, ки ин ҷашн дар соҳили дарёҳо ва бо маросими марбут ба об таҷлил мегардид, бо номҳои гуногуни "Обрезгон", "Обпошон", "Саршӯён" маъруф гаштааст. Дар фарҳанги тоҷикон, боварҳо ва расму оинҳои қадимӣ дар робита ба об, аз ҷумла боронталабӣ ва қатъи боду борон ва жола, хеле зиёданд. Маросимҳои ашаглон, сусхотун, чилахотун дар минтақаҳои гуногуни кишвар то солҳои наздик барои ҷалби борон иҷро мешуданд.

Абусаид Абдулҳай ибни Маҳмуди Гардезӣ дар асари таърихии худ "Зайн-ул-ахбор" дар бораи расми зарфшиканӣ ва обтанӣ дар ин ҷашн дар байни эрониёни қадим ёдовар шуда, ривоятеро дар бораи пайдоиши ин ҷашн зикр кардааст: «… ва андар Тиргон порсиён ғусл кунанд ва сафолинҳо ва оташдонҳо бишкананд. Ва чунин гӯянд, ки мардумон андар ин рӯз аз ҳисори афросиёб бирастанд ва ҳар касе ба сари кори хеш шуданд. ва ҳам андар ин айём гандум ё мева бипазанд ва бихӯранд ва гӯянд: андар он вақт ҳама гандум пухтанд ва хӯрданд, ки орд натавонистанд кард. Зеро ҳама дар ҳисор буданд» [40, 518].

Ин ривоятро Абӯрайҳони Берунӣ дар «Осор-ул-боқия» таъкид кардааст: «… ва чун дар вақти муҳосира кор ба Манучеҳр ва эрониён сахту душвор шуда буд, ба қисме, ки дигар ба орд кардани гандум ва пухтани нон намерасиданд, гандум ва мева кол (хом) мепухтанд. Бад-ин ҷиҳат шикастани зарфҳо ва пухтани меваи кол ва гандум дар ин рӯз расм шуд» [27, 252].

Мисли ин, дар маросими оббозӣ ё ғусл низ, ин гуна тақлид ба назар мерасад. Масалан, оббозӣ ё ғусл дар чашмаҳо ва ҷӯйҳо, ин тақлидест ба шустушӯи Кайхусрав, ки ҳангоми бозгашт аз ҷанги Афросиёб ба кӯҳсор рафта, дар чашмае ғусл намуд. Ин амал, ки дар "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ низ тасвир шудааст, на танҳо як амали поксозӣ, балки рамзи эҳё ва таҷдиди қувваҳо низ мебошад. Албатта, шустушӯй кардан маънову рамзҳои дигар низ

дорад. Пеш аз ҳама, ин амал рамзи покию беолоишӣ буда, баъдан тавассути он неру гирифтан аст, ки дар фарҳанги ориёӣ решаҳои амиқ дорад.

Аз ин ҳама ривояту нигоштаҳои гузаштагони мо чунин хулоса кардан мумкин аст, ки Тиргаи яке аз куҳантарин ҷашнҳои мардумони ориёӣ буда, дар маҷмуъ, муборизаи мардумро барои дастёб гардидан ба зиндагии шоиста инъикос менамояд. Яъне, аз ҳамон давраҳо об чун неъмати бебаҳо қадр мешуд. Ин аст, ки имрӯз ин иқдом беш аз пеш риоя ва роҳандози мегардад. Ҳамаи талошҳо баҳри таъмини зиндагии босаодат бо оби тозаи ошомиданӣ ва обёрии соҳаи кишоварзӣ, дар маҷмӯъ ҳамаи мавҷудоти зинда равона гардидааст.

Шоир Рудакӣ вобаста аз борон ато гардидани ин ҷашнро чунин ба қалам додааст:

“Гарчи бештарро ато борон бувад,
Мар туро дурру гуҳар бошад ато” [113, 65].

Чунончи, дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ рангинкамоне, ки ҳангоми офтобборон ва ё баъд аз борон дар осмон намоён мешавад, «тиру камон» меноманд. Воқеан ҳам рангинкамон ба сурати камон аст, аммо тираш куҷост? «Аслан, ин ибораи қадимӣ буда, шакли дурусташ «Тиркамон» аст, яъне камони эзад Тир. Зеро Тир (Тиштар) эзади борон аст ва чи тавре ки болотар зикр шуд, дар устураю афсонаҳои бостонӣ омадааст, ки ӯ бо деви хушксолӣ Апаоша дар набард аст. Ин рангинкамони пас аз боронро, албатта, ниёкони мо камони ҳамон эзади паҳлавон Тир медонистанд» [158]. Ба қавли Ҳаким Саноӣ:

Тири чарх ар дар камон бошад мисоли ҳикматат,
Дарзамон ҳамчун камон кӯзӣ пазирад ҷирми Тир [2, 67].

Ҷашни Тиргон ва одобу расму русуми он ба ҷорӣ шудани дини ислом ва баъдтар бо ғасби Эрону Осиёи Миёна аз ҷониби муғулон коста шуд ва танҳо баъзе расму отатҳои он дар деҳоти дурдаст боқӣ монд.

Ҳамин тавр, агар мо ривоятҳои Тиргонро ҷамъбаст намоем, чунин хулоса кардан мумкин аст:

- ҷашни Тиргон ба монанди Сада, Наврӯз ва Меҳргон вобаста ба гоҳшуморӣ ё солшумории пешиниён буда, то густариши мардуми ориёитабор вуҷуд доштааст.

- моҳи Тир дар фасли гармо, дар тобистон рост меояд. Дар ин давра гандум расида, меваҳо мепазанд. Ҷамъоварии ҳосили ғаллакорон оғоз мешавад. Барои идомаи кишту кор дар ин айём об аҳамияти вижае дошт.

- Тиргон – ҷашни сулҳ аст. Манучеҳр, шоҳи Эронзамин мехоҳад бо шоҳи Тӯронзамин Афросиёб сулҳ намояд. Ҳар ду ба чунин натиҷа мерасанд, ки камонваре тире раҳо намояд ва он тир дар ҳар ҷое, ки афтад, марзи Эрону Тӯрон таъйин шавад.

- Тиргон ҳамномии моҳ ва рӯз аст. Дар замонҳои қадим номҳои моҳҳо 30 рӯз буда, ҳар рӯз номе дошт.

- Тиргон ҷашни борону об бар зидди хушксолист.

- Тиргон оини обпошон аст. Шоҳи Эронзамин Кайхусрав дар чашмае танашро шуста, фариштаеро мебинаду беҳуш мешавад. Ба рӯяш об мепошанд. Ба ҳуш меояд.

- Тиргон - ситораи Тиштар (Суҳайл). Дар қисми ҷануби осмон, дар фасли тобистон ситораи дурахшоне пайдо мешавад, ки онро «Суҳайл» мегӯянд.

- Тиргон - ситораи  нависандагон аст. Ниёгони мо дар канори фарҳанги гуфторӣ, ба осори навишторӣ низ эҳтиром доранд. Ин аст, ки дар замонҳои пеш Тиргон рӯзи бузургдошти нависандагон низ будааст.

- Тиргони кучак ва Тиргони бузург. Ба мисли Наврӯзу Меҳргон ҷашни Тиргон низ хурду бузург доштааст.

- оинҳои Тиргонӣ. Ҷашни Тиргон дар байни ниёгони мо шуҳрат доштаст, ки шодмониҳо ва баъзе аз нишонаҳои вобаста ба он то имрӯз дар ёди калонсолон мондаасту. Ҳангоми ҷуфтронӣ деҳқонон дар шабҳои тобистон сурудхонӣ мекарданд.

- ҷашни Тиргон – ҷашни расиши гандуму нон, ҷашни Ораши сулҳофари Ватан, ҷашни обу ободии инсон, ҷашн нависандагон, ҷашни тобистон, ҷашни ҷавонмардии хуршеди тобон мебошад.

«Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ, ки воридшавии унсурҳои бегонаро ба фарҳанги миллӣ осон гардонидааст, рӯ овардан ба таърих ва огоҳ будан аз аслу насаби хеш барои ҳар як фарди миллат, хусусан, насли наврасу ҷавон зарур ва ҳатӣ мебошад» [92].

Истилоҳи «Ялдо» ба фарҳанги эронитаборон аз забони қадимаи сурёнӣ гузаштааст. Дар фарҳангу луғатномаҳо ба маънии шаби торик ва тӯлонӣ зикр шудааст, ҳамчунин «Ялдо» ба маънои маҷозии сиёҳ ва торик ва киноя аз зулфи маҳбуб низ ба кор бурда шудааст [145, С. 634; С. 414]. Мутаасифона дар таъриху луғатномаҳо ин истилоҳ камтар шарҳу эзоҳ ёфтааст. Вожаи «Ялдо» маънои таваллуд ё зода шуданро низ дорад.

Истилоҳи "шаби Ялдо" дар адабиёти бадеӣ низ бо ҳамин мазмун, дар ифодаи матолиб ва тасвири образҳои бадеӣ ба кор рафтааст. Чунончӣ, Масъуди Саъди Салмон, устоди сухан, дар баёни қудрати шоҳона ва тасвири шикасти аду, чунин таъкид менамояд:

“Карда хуршеди субҳи мулки ту,

Рӯзи ҳама душманон шаби Ялдо” [65, 14].

Дар ин байт, шоир бо истифода аз ташбеҳи мураккаб, рӯзи адуро ба шаби Ялдо, яъне дарозтарин ва тирамоҳин шаби сол, монанд кардааст, ки ин ифодагари торикӣ ва ноумедии душманон дар баробари нури адолати шоҳона аст. Ин истифода аз "шаби Ялдо" дар шеър, аз қадим будани ин мафҳум дар фарҳанги мардуми форсизабон далолат мекунад (Деҳхудо, Алиакбар. Луғатнома. Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 1377. ҷ. 12, саҳ. 18532).

Аҷдоди мо тӯли асрҳои зиёд ин маросимро посдорӣ намуда, шаби Ялдоро то сапедадам бо аҳли хонавода ҷашн мегирифтанд. Ин расм дар миёни мардуми куҳистони тоҷик то чанде пеш ривоҷ дошт, аммо бо номи дигар - шаби Чилла. Дар байни мардуми куҳистон зимистон ба «чиллаи

калон» ва «чиллаи хурд» тақсим мешавад ва шаби Ялдо айнан шаби даромадани чиллаи калон, яъне 22 декабр мебошад.

Дар фарҳанги мардуми тоҷик баъзе анъана ва маросимҳое мушоҳида мешаванд, ки ба оини меҳрпарастӣ ва ҷашни Ялдо пайвандии зич доранд. Чунончи, мардум тақрибан дар рӯзҳои 22-25 декабр фарорасии чилларо ҷашн гирифта, фарорасии ин шабро бо шабнишинӣ гиромӣ медоштанд, орзую омоли худро тавассути оростани дастархони идона ва хониши китобҳои адабию динӣ ифода мекарданд. Ба қавли Носири Хусрав

Қандил фурӯзӣ ба шаби Қадр ба масҷид,

Масҷид шуда чун рӯзу дилат чун шаби Ялдо [85, 24].

Роҷеъ ба таърифи симои Меҳр муҳаққиқи эронӣ Меҳрдоди Баҳор чунин менависад: «Меҳр эзаде аст ҳиндуэронӣ, ки номи ӯ дар ҳиндӣ маънои «дӯст»-ро дорад ва дар Авесто ба маънои «паймон» ва дар форсӣ ба маънои дӯстӣ ва хуршед аст. Ин эзад, ба эҳтимоли қавӣ, дар назди ҳиндуэрониёни аъсори бисёр куҳан мазҳари паймону дӯстӣ миёни афроди қабила бо якдигар ва мазҳари ваҳдату муқаррароту равобити оинӣ дар кулли қабила будааст ва метавон бовар дошт, ки ӯ эзади баракатбахшандаи хуршедӣ низ ба шумор меомадааст» [21, 332].

Дар гузаштаҳои дур, замоне ки қабилаҳои ориёӣ ба дини митроизм ё меҳрпарастӣ эътиқод доштанд, Митра ҳамчун худои осмонии равшан парастиш мешуд ва ҳамчун як илоҳи бузург ва тавоно эътироф мегардид. Бо пайдоиши Зардушт ва зуҳури дини маздоясноӣ ё зардуштӣ, мавқеи Митра тадриҷан коҳиш ёфт. Ба ибораи дигар, аз мақоми худои офаридгор ва қудратманд ба фариштаи иҷрокунанда табдил ёфт. Бисёре аз сифатҳо ва партавҳои Митра ба худои ягонаи зардуштӣ - Аҳура Маздо нисбат дода шуданд. Бо вуҷуди ин, тасвири ӯ дар Авесто нисбат ба тавсиф ва ситоиши дигар илоҳҳо бештар ба назар мерасад. Митра дар аксари мавридҳо дар канори Аҳура Маздо зикр ва ситоиш мешавад, ки ин шаҳодат аз илоҳи пурқувват будани ӯст. Ба вижа дар «Меҳр-яшт» ба ин маънӣ омадааст: «Бад-он ҳангом ки ман Меҳри фарохчарогоҳро ҳастӣ бахшидам, ӯро дар ситоиш ва

барзандагии ниёиш, баробар бо худ, ки Аҳура Маздоям - биофаридам» [7, 250].

Дар Авесто ва адабиёти паҳлавӣ мебинем, ки дигар Меҳр эзади офаридгор нест, балки як эзади иҷрокунанда аст. Хешкорӣ ва ё вазифаи он назорати паймоншиносӣ ва садоқат ба қавлу аҳд дар байни одамон буда, дорои сифатҳои зерин мебошад: меҳрбон, жарфбин, подошбахш, далер, паҳлавон, неруманд, диловар, зӯрманд ва бузургвори газанднопазир. Ҳамчунин дорои фарри эзадӣ низ ҳаст ва аз шоҳон Ҷамшеди пешдодӣ дорои се фарр будааст.

Дар таърихи пеш аз ислом, дар замоне ки дини зардуштӣ роиҷ буд, Меҳр қудрат ва нуфузи хешро ҳифз карда, ҳатто ба тафаккур ва одоби Эрони даврони исломӣ таьсири назаррас гузошта, илова бар баракатбахшандагӣ мазҳари меҳру дӯстӣ, мазҳари диловарӣ ва мардонагӣ мегардад.

Аз оини Меҳр имрӯз низ бозмоидаҳое дар шакли расму эътиқод, маросим дар фарҳанги мардумони эронитабор ба назар мерасанд. Маросимҳои қурбоникунӣ, чилланишинӣ (барои навзодҳо, навхонадорон, навхатнашудагон), чароғгузорӣ ва шамъӯшанкунӣ дар маросимҳо, таҳорат қабл аз ибодат, парастиши худо дар меҳробаҳо, меъроҷи Меҳр, ҳафт дараҷаи рушди руҳонӣ ва амсоли инҳо аз ҳазораҳои пешин чун мероси таърихӣ-фарҳангии ориёиҳо ба мо омада расидаанд.

Мувофиқи тақвими суннатии эронӣ шаби 30-юми моҳи Озар (21-уми дскабр) рӯзи таваллуди Меҳр мебошад, зеро аз ҳамин вақт сар карда, рӯзҳо дарозтар ва тобиши офтоб бештар мегардад. Оид ба макон ва наҳваи таваллуди Митра ақидаҳо гуногунанд.

Бояд гуфт, ки дар бораи таваллуди Митра (Меҳр) ва Хуршед дар шаби Ялдо миёни донишмандон афкори гуногун вуҷуд дорад. Бархе Хуршедро дар шаби дарозтарин таваллудшуда медонанд, дигарон Митраро, ки рамзи нуру рӯшноист. Ба назари мо, андешаи дуюм дурусттар аст, зеро Хуршед дар аввали зимистон таваллуд намешавад, балки рӯшноӣ аз Даймоҳ (чиллаи калон) зиёд мешавад.

Абдурахмони Ҷомӣ дар байте ба чиллаи моҳи Дай ишора карда мегӯяд:

Зи шайхи чилланишин дур бошу ҳиллаи вай,

Ки ҳаст чиллаи вай сардтар аз чиллаи Дай [3, С. 473].

Меҳрдоди Баҳор бар он ақида аст, ки шаби Ялдо тамоман тавлиди Митра нест, балки таваллуди Хуршед аст. Меҳр бо Хуршед тафовут дорад. Хуршед ҷанбае аз Митра аст, ба ҳар ҳол иртиботи наздике байни ҳар ду мавҷуд аст. Дар матнҳои ведоӣ омадааст, ки Хуршед чашми Митра аст [21, С. 353-354].

Бо дарназардошти он ки шаби Ялдо, яъне дарозтарин шаби сол, ба оғози фасли зимистон рост меояд, мувофиқи эътиқоди пайравони зардуштӣ, ин шаб оғози ҳукмронии нерӯҳои аҳриманӣ ба ҳисоб мерафт ва ҷомеа аз ҳамин шаб ба афрӯхтани оташ иқдом мекард. Мардум бар ин назар буданд, ки баъд аз шаби Чилла – Ялдо зимистони воқеӣ шуруъ мешавад ва муҷодалаи сармову гармо ва рӯшноиву торикӣ авҷ мегирад.

Мутобиқи устураҳо ва ақоиди бостонӣ, мубориза миёни қувваҳои аҳурӣ ва аҳриманӣ то замони баробар гардидани шабу рӯз идома мекунад. Ҷашни Сада, ки дар нимаи зимистон баргузор мегардад, қулминатсияи ин даргириҳо ба шумор меравад. Баъд аз афрӯхтани оташ дар Сада, гармиҳо оғоз шуда, лашкари аҳриманӣ ба фирор рӯ меорад ва пас аз воруди Наврӯз, давраи салтанати махлуқоти аҳурӣ ба таври расмӣ оғоз мегардад. Тазодди байни Наврӯзу Ялдоро Шайх Саъдӣ низ дар як байти худ ёдовар шудааст, ки ин баёнгари аҳамияти ин ду мафҳум дар фарҳанги форсӣ аст. Инчунин, таъкид мешавад, ки Ялдо рамзи умед ба рӯшноӣ ва пирӯзии некӣ бар бадӣ аст, ки дар ойинҳои зардуштӣ ва дигар фарҳангҳои эронӣ реша дорад. Тазодди Наврӯзу Ялдоро Шайх Саъдӣ низ дар байте ишора кардааст:

“Назар ба рӯйи ту ҳар бомдод Наврӯзест,

Шаби фироқи ту ҳар ишб, ки ҳаст, Ялдоест” [75, 593].

Дар мавриди муҳиммияти оташафрӯзӣ дар шаби Ялдо муҳаққиқ Ҳошими Разӣ чунин таъкид менамояд: «Ба муносибати ин ки тӯлонитарин шаби сол, нахустин шаби зимистон аст ва торикии аҳриманӣ бештар мепояд,

ин шаб дар назари эрониён наҳс буд. Дар рӯзгорони гузашта барои рахна дар торикӣ ва зоил сохтани осори аҳриманӣ оташ меафрӯхтанд» [98, 559].

Ҳамин тариқ, ниёгони мо дар ҳазораҳои пеш парастандаи худои нуру рӯшноӣ ва аҳду паймон - Меҳри шикастнопазир буданд ва шаби тавлиди онро бо одобу русум ва эътиқоди хосса ҷашн мегирифтанд, ки имрӯз мо онро шаби Ялдо меномем.

Ниёгони тоҷикон, ки решаҳои онҳо ба қаъри қарнҳо мерасад ва ба зироаткорӣ, боғдорӣ ва чорводорӣ машғул буданд, корҳои саҳроӣ ва мавсимии худро дар асоси ҳаракати нури Офтоб, мавқеи сайёраҳо ва дигар зуҳуроти табиӣ ба танзим медароварданд. Бо истифода аз мушоҳидаҳо ва таҷрибаҳои тӯли асрҳо андухтаи худ, онҳо дарозтарин рӯз ва шаби сол, инчунин эътидоли баҳорӣ ва тирамоҳиро муайян мекарданд. Дар робита ба ҳар як гардиши Хуршед, баробарии шабу рӯз ва инқилобҳои тобистонаю зимистонаи Офтоб, ҷашнҳо ва маросимҳое барпо менамуданд, ки дар онҳо орзуву омол, нишонаҳои саломатӣ, баракат ва фаровонӣ ифода меёфтанд.

Аз сарчашмаҳо маълум аст, Ялдо ҷашни ҳамагонӣ набуда, онро дар хонавода, бо хешовандону меҳмонон таҷлил мекардаанд. Ҷашни Ялдо ҳам ҷанбаи табиӣ ва ҳам ҷанбаи фарҳангию иҷтимоӣ дорад. Муҳаққиқ Парвиз Раҷабӣ онро «ҷашни деҳқонӣ» номидааст, зеро дар анҷоми тирамоҳ ва оғози сардиҳо кишоварзон корҳои саҳроии худро ба сомон расонида, дар шаби фарорасии чилла дастархони идонаи пур аз меваҳои тару хушк, мағзу мавиз ва тарбузу харбузаро боз мекунанд [108, 235]. Албатта ин неъматҳои табиатро бо орзуву ниятҳои нек танаввул намуда, аз худованд дар корҳои деҳқонияшон баракату фаровониро дархост мекардаанд.

Солҳои охир дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва матбуоти тоҷик дар мавриди ин ки соли нави мелодӣ ба мо тоҷикон тааллуқ надорад, баҳсу мунозараҳо пайваста ба назар мерасанд. Албатта ин хулосаву бардошт асосан аз надонистани таърихи худ сурат мегирад. Дар ҳоле ки соли нави мелодӣ айнан ҳамон шаби Ялдои мост.

Дар замони ашкониён дини митраизм аз Эрон ба Рум ва Аврупо роҳ ёфт. Дар асри IV мелодӣ масеҳият тадриҷан ҷои митраизмро гирифт, аммо мардум анъанаи ҷашни зодрӯзи Митраро 22 декабр нигоҳ доштанд. Барои ҳамин, рӯҳониён пешниҳод карданд, ки таваллуди Исоро 25 декабр ҷашн гиранд. Ҳамин тавр, шаби Ялдо дар Аврупо ба ҷашни Мелод (зодрӯзи Исо) табдил ёфт.

Густариши митраизм дар империяи Рум дар асрҳои II ва III мелодӣ ба авҷи худ расид, ки дар байни легионерҳо, тоҷирон ва ашрофон хеле маъмул буд. Маъбадҳои митраӣ, ки бо номи Митреумҳо маъруфанд, дар саросари империя, аз Британия то Сурия, бунёд шуданд, ки ин нишон медиҳад, ки ин дин то чӣ андоза паҳн шудааст. Митраизм бо таълимоти махфӣ, маросимҳои мураккаб ва дараҷабандии ҳафтзинагӣ тавсиф мешуд.

Инқилоби масеҳӣ дар асри IV, таҳти сарпарастии император Константин, боиси паст шудани тадриҷии митраизм гардид. Аммо, тавре ки зикр гардид, баъзе аз анъанаҳои митраӣ, аз қабили ҷашни зодрӯзи Митра, ба масеҳият ворид шуданд. Дар соли 336 мелодӣ, калисои Рум 25 декабрро ҳамчун рӯзи таваллуди Исо муқаррар кард, ки ин сана бо ҷашни зимистонаи офтобпарастӣ, ки бо Митра алоқаманд буд, мувофиқат мекард.

Ин қарор, ки эҳтимолан барои ҷалби пайравони митраизм ва осон кардани гузариш ба масеҳият қабул шудааст, нишон медиҳад, ки чӣ гуна динҳои нав метавонанд унсурҳои динҳои кӯҳнаро барои мутобиқ шудан ва густариш ёфтан истифода баранд. Шаби Ялдо, ки бо номи Шаби Чилла низ маъруф аст, то ҳол дар Эрон ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ ҷашн гирифта мешавад ва ёдоварии қадимии пайванди фарҳангӣ бо динҳои қадимӣ боқӣ мемонад.

Ҳамин тариқ, табдили Шаби Ялдо ба ҷашни Мелод дар Аврупо на танҳо як таҳаввулоти динӣ, балки як падидаи муҳими фарҳангӣ аст, ки таъсири динҳои қадимӣ ба ҷаҳони муосирро нишон медиҳад. Таҳқиқи таърихи митраизм ва таъсири он ба масеҳият ба мо имкон медиҳад, ки равандҳои мураккаби таҳаввулоти динӣ ва фарҳангиро амиқтар дарк кунем.

Ин ҳодисаро муҳаққиқи англис Ҷеймс Фрезер чунин шарҳ додааст: «Бутпарастон (меҳрпарастон) расме доштанд, ки 25 декабр рӯзи таваллуди офтобро ҷашн гиранд ва ба ин муносибат гулханҳо меафрӯхтанд. Масеҳиён низ дар ин ҷашнҳо иштирок мекарданд. Вақте ҳокимони калисо пай бурданд, ки майли масеҳиён торафт ба ин ҷашн зиёд мегардад, ба қароре омаданд, ки ҷашни Мелоди Исо рӯзи 25-уми декабр таҷлил шаваду 6 январ ҳамчуни рӯзи зуҳур боқӣ монад» [154, 337].

Робитаи шаби Ялдо ва таваллуди Исоро дар абёти шоирони форсу тоҷик баръало мушоҳида намудан мумкин аст. Масалан, Ҳаким Саноӣ маъруфияти Ялдоро аз муридони пайғамбар Исо медонад:

Ба соҳибдавлате пайванд, агар номе ҳамехоҳӣ,

Ки аз як чокари Исо чунон маъруф шуд Ялдо [2, 61].

Мутафаккири дигари асримиёнагӣ Сайфи Исфарангӣ умри дароз дидани ҷашни Ялдоро аз баракати Исо медонад:

Суханам баландном аз сухани ту гашт шояд,

Ки дарозномӣ аз номи Масеҳ ёфт Ялдо [118, 66].

Ҷашни Соли нави мелодӣ барои тоҷикон бегона нест, зеро решаҳои он ба асотиру оини ниёгони ориёӣ пайванд аст. Ватандӯстӣ, анъана ва ҷашну маросими миллӣ муқаддасоти олӣ буда, барои рушди босубот ва ҳифзи ҷомеа манфиатноканд. Илми педагогика бартарияти онҳоро дар тарбияи ватандӯстӣ собит кардааст. Волидайн бояд дар бораи ватандӯстӣ, анъана ва ҷашну маросим бо фарзандонашон суҳбат кунанд.

Ҳангоми гузаронидани амалҳои озмоишиву таҷрибавӣ мо аз волидайни хонандагон ба саволи «Оё ба фарзандонатон дар боби ватандӯстӣ, анъана ва ҷашну маросими миллӣ ягон маротиба суҳбат кардаед?» пурсон шудем, ки натиҷаи онро дар расми зер инъикос менамоем:




**Диаграммаи 1. Натиҷаи таҳқиқи сатҳи фаъолияти волидайни хонандагон дар боби ватандӯстӣ, анъана ва ҷашну маросими миллӣ**

Аз таҳлили ҷавобҳои волидайн бармеояд (расми 1), ки 40,4% онҳо умуман бо фарзандони худ доир ба ватандӯстӣ, анъана ва ҷашну маросими миллӣ ягон маротиба суҳбат накардаанд, 57,3% онҳо бо фарзандони худ суҳбат кардаанд, вале танҳо 2,3%-и волидайн дар ҷавоб додан душворӣ кашидаанд.

Ҳамин тавр, бо мақсади ошкор намудани сабабу омилҳое, ки барои фаъолнокии падару модарон дар боби ватандӯстӣ, анъана ва ҷашну маросими миллӣ монеа эҷод мекунанд, ба онҳо бо саволи «Агар бо фарзандони худ дар боби ватандӯстӣ, анъана ва ҷашну маросими миллӣ ягон маротиба суҳбат накарда бошед, сабаб чист?» муроҷиат кардем, ки натиҷааш чунин аст:




**Диаграммаи 2. Тақсимоти ҷавоби падару модарон ба саволи «Агар бо фарзандони худ дар боби ватандӯстӣ, анъана ва ҷашну маросими миллӣ ягон маротиба суҳбат накарда бошед, сабаб чист?» (ба ҳисоби фоиз).**

Аз ҷавоби волидайн ба саволи мазкур (расми 2) маълум мегардад, ки 37,3% падару модарон барои суҳбат кардан бо фарзандони худ дар боби ватандӯстӣ, анъана ва ҷашну маросими миллӣ умуман вақт надоранд, 42,7% онҳо гузаронидани суҳбатро бо фарзандон дар мавзӯи ватандӯстӣ, анъана ва ҷашну маросими миллӣ вазифаи омӯзгорон медонанд, ҳатто барои 14% падару модарон суҳбат бо фарзандон дар мавзуи мазкур шавқовар нест, 6% волидайн бо сабабҳои гуногун – то ба балоғат расидани фарзандонашон гузаронидани суҳбатро зарур намешуморанд, то суҳбат кардан бо фарзандони худ дар мавзуи ватандӯстӣ, анъана ва ҷашну маросими миллӣ таъминоти моддию маишии онҳоро авлотар дониста, чунин суҳбатҳоро мусбӣ намедонанд ва ғ. Ҳол он ки, чи тавре Асосгузори ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон қайд менамояд «миллате, ки бо анъанаҳо, урфу одатҳои аҷдодӣ ва оинҳои миллии хеш ифтихор надорад, наметавонад аз неъмати бебаҳои истиқлол баҳра гирад, дар бунёди давлат ва давлатдории навин саҳм гузорад» [110, 15].

Мавриди зикр аст, ки дар ташаккули ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ, бешак нақши омӯзгорон бениҳояд калон аст.

Имрӯз омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ чоряк фоизи шумораи умумии аҳолии Тоҷикистонро ташкил мекунанд. Ин қувваи бузург дар кулли самтҳои зиндагӣ, ҳалли проблема ва ҳадафу вазифаҳои муҳими ҷомеа агар самарабахш истифода бурда шаванд, сиёсати муҳими давлатӣ дар соҳаи маориф ҳалли худро меёбад.

Агар мо асарҳои мутафаккирони форсу тоҷикро ба тарзи дуруст хонем ва аз ин ганҷинаи пурбаҳо истифода барем, мо дармеёбем, ки ҷашну маросими миллӣ дар тарбияи ватандӯстии хонандагонро танҳо бо шарофати заҳматҳои шабонарӯзии омӯзгорон ба ҳадаф расонидан мумкин аст.

Аз ин рӯ, дар амсилаи ташаккули ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ, яке аз рукнҳои асосӣ омӯзгорон маҳсуб мешавад, чунки онҳо вазифаи педагогии худро дар шароити мактабу ҷомеа муқаддасона иҷро мекунанд ва тамоми ниҳодҳое, ки дар фароҳам овардани

шароитҳои мусоиди педагогӣ масъуланд, бояд ҳатман ҳангоми коркарди ҳамаи барномаву васоитҳои таълимӣ маҳз ҳамин рукни муҳимро дар коркарду таҳияи анъана, ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагон ба инобат гиранд.

Қайд намудан ба маврид аст, ки моҳияти арзишии анъана ва ҷашнҳои миллӣ дар тарбияи ватандӯстии хонандагон ҳанӯз ҳам ба қадри даркорӣ таҳқиқ нашудааст. Ин шаҳодати он аст, ки зарурати таҳқиқи муқаддасоти гузашта ва имрӯзаи халқи тоҷик, аз ҷумла нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11 ҳанӯз ҳам дар сатҳи зарурӣ дар илмҳои ҷудогона, аз қабили фалсафа ва педагогика мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор нагирифтааст.

Проблемаҳои анъана, ҷашну маросими миллӣ, ташаккули тарбияи ватандӯстӣ, баланд бардоштани масъулияти омӯзгорон, волидайн ва ҷомеа дар таълиму тарбияи хонандагон, омода кардани онҳо ба ҳаёти мустақилона, аз ҷумлаи масъалаҳое мебошанд, ки бояд доимо дар зери назари пайвастаи олимону донишмандон, омӯзгорону мутахассисон, мақомотҳои давлатӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва тамоми аъзои ҷомеа бошанду бошад.

Бояд қайд намуд, ки МТМУ дар протссеси ташаккули арзишҳои миллӣ - ҷашну маросими миллӣ дар тарбияи ватандӯстӣ нақши калидӣ дорад, чунки 11 соли ҳаёти хонандагон маҳз дар ҳамин муҳит мегузарад ва барои дарки моҳияти аксари проблемаҳои муҳими иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва монанди инҳо имконияти хубу мусоидтар доранд.

Дар низоми таълими кишвар омӯзиши фанҳое ба роҳ монда шудааст, ки муқаддас будани ҷашну маросими миллӣ, ватандӯстӣ ва аҳамияти тарбиявии онҳоро меомӯзонанд. Омӯзиши ҳадафмандонаи гурӯҳи предметҳои таълимӣ, ташкили хониши беруназсинфӣ ва гузаронидани чорабиниҳои тарбиявӣ барои инкишофи ҷашну маросими миллӣ мусоидат менамояд. Дар таҳқиқи озмоишӣ ба омӯзгорон, хонандагон ва волидайни онҳо саволи «Ба андешаи Шумо барои тарбияи ватандӯстии хонандагон

тавассути ҷашну маросимҳои миллӣ таълими кадом фанҳоро ба роҳ мондан зарур аст?» муроҷиат карда шуд.

Аз ҷумла, ба саволи «Барои тарбияи ватандӯстии хонандагон тавасути ҷашну маросимҳои миллӣ» Шумо кадом фанҳои таълимиро бештар зарур мешуморед? омӯзгорон чунин посух доданд? (расми 3).

Натиҷаҳои пурсиш нишон доданд, ки аксарияти иштирокчиён бар он назаранд, ки дар раванди таълим ҷорӣ намудани фанҳои таърих, адабиёт, фарҳангшиносӣ ва санъати миллӣ барои ташаккули ҳисси ватандӯстӣ тавассути ҷашну маросимҳои миллӣ муҳим аст. Таърихи халқи тоҷик, аз ҷумла, омӯзиши саҳифаҳои дурахшони қаҳрамонӣ ва мубориза барои истиқлолият, ба таҳкими ифтихори миллӣ ва ҳурмати арзишҳои ватанӣ мусоидат мекунад. Чунон ки академик Б. Ғафуров дар асари "Тоҷикон" зикр мекунад, «таърих – ин оинаи гузашта аст, ки дар он ояндаро дидан мумкин аст».

Адабиёти классикӣ ва муосири тоҷикӣ, ки дар он васфи Ватан, мардонагӣ, дӯстӣ ва садоқат ба арзишҳои миллӣ баён ёфтааст, дар тарбияи ватандӯстӣ нақши муҳим мебозад. Шеъру достонҳои устод Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҳофиз ва дигар адибони бузург на танҳо мероси гаронбаҳои адабӣ мебошанд, балки сарчашмаи илҳом барои тарбияи насли ҷавон дар рӯҳияи ватандӯстӣ мебошанд. Тавре ки профессор А. Мирзоев таъкид мекунад, «адабиёт – ин роҳнамои инсон ба сӯи маънавият ва ахлоқ аст».

Фарҳангшиносӣ, ҳамчун фанни алоҳида, имкон медиҳад, ки хонандагон бо урфу одатҳо, анъанаҳо, ҳунарҳои мардумӣ ва дигар унсурҳои фарҳанги миллии худ шинос шаванд. Ин шиносоӣ ба эҳтиром ва арҷгузорӣ ба мероси фарҳангӣ мусоидат мекунад ва ҳисси мансубиятро ба миллат тақвият мебахшад. Омӯзиши санъати миллӣ, аз қабили мусиқӣ, рақс, театри халқӣ ва ҳунарҳои тасвирӣ, имкон медиҳад, ки хонандагон зебоии фарҳанги миллиро эҳсос намуда, ифтихори миллии худро афзун гардонанд.

Илова бар ин, муҳим аст, ки дар раванди таълим аз усулҳои фаъоли таълим, аз қабили мубоҳисаҳо, бозиҳои нақшӣ, лоиҳаҳо ва таҳқиқоти хурд истифода шавад. Ин усулҳо ба хонандагон имкон медиҳанд, ки дар раванди омӯзиш фаъолона иштирок намуда, донишҳои худро дар амал татбиқ кунанд. Гузаронидани чорабиниҳои тарбиявӣ бахшида ба ҷашну маросимҳои миллӣ, аз қабили Наврӯз, Меҳргон, Сада, Рӯзи Истиқлолият ва ғайра, имкон медиҳад, ки хонандагон арзишҳои миллиро эҳсос намуда, дар тарбияи ватандӯстӣ саҳмгузор бошанд.




**Диаграммаи 3. Сатҳи зарурияти таълими фанҳо барои тарбияи ватандӯстии хонандагон тавасути ҷашну маросимҳои миллӣ дар замири насли наврас (ҷавоби омӯзгорони МТМУ)**

Агар ҷавоби омӯзгорони МТМУ-ро тариқи рейтингӣ арзёбӣ намоем, се мақоми аввалро дар ташаккули тарбияи ватандӯстии хонандагон тавасути ҷашну маросимҳои миллӣ фанҳои «Таърихи халқи тоҷик», «Одоби муошират ва рӯзгордорӣ» ва «Адабиёт» мутаносибан бо 20,0%, 20,0% ва 18,7% ишғол мекунанд.

Натиҷаи пурсиши хонандагони синфҳои 9-11-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба ҳамин савол нишон дод, ки ин категорияи респондентҳо мақоми аввалро дар нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагон ба фанни «Таърихи халқи тоҷик»

бо 22,6%, мақоми дуюмро ба фанни «Адабиёт» бо 20,3% ва мақоми сеюмро ба фанни «Инсон ва ҷомеа» бо 19,5 фоиз нисбат медиҳанд.

Волидон ва омӯзгорон иттифоқ доранд, ки дар тарбияи ватандӯстии хонандагон тавассути ҷашну маросимҳои миллӣ, фанҳои "Адабиёт" (29,8%), "Таърихи халқи тоҷик" (27,9%) ва "Ахлоқ" (13,6%) нақши муҳим доранд. Волидон "Адабиёт"-ро нисбат ба "Ахлоқ" афзалтар медонанд. Шахсе, ки таърихи худро надонад, Ватанро дӯст намедорад ва ба фарҳанги дигарон эҳтиром намегузорад.

Бо назардошти аҳамияти бузурги ҷашнҳо ва маросимҳои миллӣ дар ташаккули ҳисси ватандӯстӣ, муассисаҳои таълимӣ вазифадоранд, ки ин ҷанбаро дар барномаҳои таълимии худ тақвият бахшанд. Ҷорӣ намудани барномаҳои махсус, ки ба омӯзиши амиқи таърихи миллӣ ва арзишҳои фарҳангӣ нигаронида шудаанд, метавонад дар баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ мусоидат намояд.

Инчунин, таҳлили нишондиҳандаҳои оморӣ собит месозад, ки фанҳои "Адабиёт" ва "Таърихи халқи тоҷик" воситаҳои муҳим дар тарбияи ватандӯстӣ ба шумор мераванд. "Адабиёт", ҳамчун манбаи асосии мероси адабии миллат, имкон медиҳад, ки хонандагон бо арзишҳои фарҳангӣ ва маънавии халқи худ ошно шаванд. "Таърихи халқи тоҷик" бошад, дар навбати худ, заминаи дониши таърихиро фароҳам оварда, дар ташаккули ҳувияти миллӣ нақши муҳим мебозад.

Назари волидон дар мавриди афзалияти фанни "Адабиёт" нисбат ба "Ахлоқ" метавонад ба он вобаста бошад, ки "Адабиёт" имконияти васеътари шиносоӣ бо фарҳанги миллӣ ва арзишҳои таърихиро фароҳам меорад. "Ахлоқ" дар навбати худ, асосҳои ахлоқиро меомӯзонад, аммо таъсири он ба ташаккули ҳисси ватандӯстӣ метавонад нисбат ба "Адабиёт" камтар бошад.

Аз ин рӯ, муҳим аст, ки дар раванди таълим мувозинати дуруст байни фанҳои гуманитарӣ ва ахлоқӣ таъмин карда шавад. Ин мувозинат бояд дар асоси таҳлили амиқи эҳтиёҷоти таълимӣ ва хусусиятҳои фарҳангии ҷомеа муайян карда шавад. Илова бар ин, таҳия ва татбиқи барномаҳои таълимӣ

бояд бо иштироки фаъолонаи мутахассисони соҳа, омӯзгорон ва волидон сурат гирад.

Чи тавре ки таҷрибаҳо нишон медиҳад, истифодаи анъана ва ҷашну маросимҳои миллӣ ва тарбияи ватандӯстии хонандагон дар ташаккули сифатҳои ахлоқии шахсияти ҷавонон аҳамияти тарбиявӣ дорад. Агар наврасону ҷавонон дар асоси қоидаҳои анъана ва ҷашну маросимҳои миллӣ тарбия карда шаванд, он гоҳ онҳо соҳиби хислатҳои накуи ахлоқӣ, монанди хоксорӣ, инсондӯстӣ, мардонагӣ, садоқатмандӣ, ватандӯстӣ мегарданд. Шахсе ки халқу миллати худро дӯст медорад, ҷашну маросимҳои онро низ, албатта дӯст медорад. Инсон бо донистани таърих, анъана ва ҷашну маросими худ, мероси халқи худро қадр карда метавонад.

Сатҳи нави рушди фарҳанги иҷтимоии аҳолии кишвар дар шароити соҳибистиқлолӣ зарурати бетаъхир асоснок намудани қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро [59] ба миён овард, ки он на танҳо ташаккули нақши ҷашну маросими миллӣ ва тарбияи ватандӯстии хонандагонро дар марҳалаи нави тараққиёти ҷамъият ба танзим даровард, балки тадбирҳоеро амалӣ намуд, ки инкишофи минбаъдаи онро таъмин намуда, ахлоқро на танҳо ҳамчун системаи назариявӣ, балки ҳамчун идеали амалӣ ба вуҷуд овард.

Ҳамин тавр, арзишманду саривақтӣ будани қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (тағйироти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18.06.2008, № 390, аз 21.07.2010, № 636, аз 30.05.2017, № 1461)-ро таъкид кардан ба маврид аст, ки давлату ҳукумат бо мақсади амалӣ намудани ҳадафҳои барномавии ин санади муҳим қариб ҳар рӯз дар бораи насли наврас ғамхорӣ намуда, онҳоро бо таваҷҷуҳ ва меҳру муҳаббати хосса фаро гирифтааст.

Воқеан, дар раванди озмоиш, ки дар деҳаи Кишти ҷамоатҳои деҳоти «Н. Маҳмудов» ва деҳаи Навободи ҷамоатҳои деҳоти «Шӯрообод»-и ноҳияи Шамсиддин Шоҳин, шаҳраки Ҳулбуки ноҳияи Восеъ, инчунин шаҳри Кулоб

гузаронида шуд, 26 % волидайн, 17,2% хонандагони синфҳои 9-11 ва 8,3% омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ қайд намудаанд, ки барои ташаккули тарбияи ватандӯстии хонандагон тавассути ҷашну маросими миллӣ ташкил намудани дарсҳои беруназсинфӣ ва зиёд намудани соатҳои таълимӣ таъсири бештар мерасонад. Ин бори дигар шаҳодат медиҳад, ки қисми муайяни волидайни хонандагон нисбат ба омӯзиши ҷашну маросими миллӣ ва тарбияи ватандӯстӣ бетараф нестанд.

Аз ин рӯ, шарти дигари бағоят муҳими педагогӣ, ки ба раванди ташаккули тарбияи ватандӯстии хонандагон тавассути ҷашну маросими миллӣ таъсири мусбат мерасонад, тарғиби ҳаматарафаи он дар ҷомеа мебошад. Барои ҳамин аз тамоми имкониятҳои тарбиявии сохторҳои масъул, сар карда аз муассисаҳои томактабӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, коллеҷҷу гимназияҳо, васоити ахбори омма, Интернет истифода бурдан бениҳояд зарур аст.

Ба ҳамагон малум аст, ки вобаста ба ҷаҳонишавии фазои иттилоотӣ дар ҷомеаи муосир тағйиротҳои ҷиддӣ ба амал омада истодаанд, бинобар ин, барои дарки ин дигаргуниҳо ва арзёбии рушди ҷомеаи оянда таҳқиқотҳои пайдарпайи фалсафиву сотсиологӣ ва педагогию психологиро гузаронидан ногузир аст. Бо истифода имкониятҳои мавҷуда, ҳангоми баргузории чунин таҳқиқотҳо бояд дар озмоишҳо ҳатман он саволҳое ҷой дода шаванд, ки зарурат ва аҳамияти омӯзиши нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагон инъикоси худро ёфта тавонанд.

Аз тарафи дигар, ҷомеаи мушаххаси иҷтимоӣ дорои хусусиятҳое мебошад, ки дар мавриди бартарият пайдо кардани арзишҳои нави анъана ва ҷашну мапросимҳо, қонуниятҳои нави инкишофи ҷомеа дар низоми арзишҳо таҳаввулоти ҷиддӣ ба вуҷуд меорад, ки аксар вақт ба суботи он таъсири манфӣ мерасонанд.

Таҳқиқи гузаронидаи мо нишон дод, ки дониши хонандагони синфҳои 9-11-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ доир ба нақши ҷашну маросимҳои миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагон дар

сатҳи паст қарор дорад. Беҳуда нест, ки 57,5% хонандагони гӯрӯҳи назоратӣ ва 11,3% гурӯҳи озмоишӣ ба саволҳои (20 савол) пешниҳодшуда оид ба мавзӯи ватандӯстӣ, анъана ва ҷашну маросими миллӣ ҷавоби нодуруст доданд  Фақат пас аз бо такрор гузаронидани соатҳои тарбиявӣ ва иҷрои вазифаю супоришҳо дар чаҳорчубаи барномаи хониши беруназсинфӣ дар мавзӯи мавриди озмоиш қарордошта, ҷавобҳои дурусти пурра ба 30,1% дар гурӯҳи назоратӣ ва 73,3 % дар гурӯҳи озмоишӣ рафта расид.

Ҳамин тавр, омӯзиши нақши ҷашну маросимҳои миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11 ва таҳлили натиҷаи корҳои озмоишӣ ба мо имкон дод, ки дар заминаи тавсияҳои амиқи илмӣ амсилаи нақши ҷашну маросими миллиро ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагон таҳия намоем. Модели нақши ҷашну маросимҳои миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагонро дар шакли системаи динамикаи комили педагогӣ, ки доимо барои markup азнавсозӣ кушода мебошад, пешниҳод менамоем. Он аз қисмҳои зерини бо ҳам пайваст иборат аст:

- назариявӣ-методологӣ;
- меъёрӣ-баҳодиҳӣ;
- педагогӣ-психологӣ.

Таъсири ҳамаҷонибаи педагогӣ-психологӣ ба ташаккули тарбияи ватандӯстии хонандагон метавонад тавассути ҷашну маросимҳои миллӣ амалӣ гардад, ки ин ба ташаккули ҷаҳонбинӣ ва ҳисси ватандӯстӣ мусоидат менамояд. Раванди мазкур бояд ба арзишҳо ва муқаддасоти ҷомеаи муосир асос ёфта, шароитҳои мусоиди педагогӣ фароҳам оварад.

Барои баланд бардоштани самаранокии арзишҳои миллӣ, шароитҳои педагогии зерин муҳим арзёбӣ мешаванд:

1) Мусоидат ба ташаккули ҷаҳонбинӣ ва дарки ҷашну маросимҳои миллӣ ва тарбияи ватандӯстӣ ҳамчун ҷузъҳои арзишманд ва муқаддасоти ҷомеаи муосир. Дар Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид мешавад, ки тарбияи ватандӯстӣ элементи муҳими ташаккули шахсияти комил ба шумор меравад.

2) Ба эътибор гирифтани унсурҳои тарбиявӣ-маърифатӣ, ки сатҳи маълумотнокӣ, таҷрибаи зиндагӣ ва неруи ақлонии хонандагон (волидайн)-ро фаро мегиранд:

а) Ташкили фазои таҳсилотӣ, ки ба баланд бардоштани сатҳи омодагии назариявӣ ва амалии хонандагон дар бораи тарбияи ватандӯстӣ тавассути ҷашну маросимҳои миллӣ ва дигар арзишҳои миллӣ нигаронида шудааст. Чунин фазо бояд ба талаботҳои стандартҳои давлатии таҳсилот мувофиқат намояд.

б) Таъмини фазои иттилоотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо мақсади беҳтар намудани сифати маълумоти дастрас, корҳои методӣ ва ташкилӣ ҷиҳати ғанӣ гардонидани донишҳо оид ба ҷашну маросимҳои миллӣ ва тарбияи ватандӯстӣ. Ин фазо бояд бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ таъмин карда шавад.

Асос ёфтани ягонагии ҳадафҳо, вазифаҳо ва усулҳои таъсиррасонии педагогӣ-психологӣ ба тафаккур, эҳсосот ва рафтори хонандагон, ки дар натиҷаи муносибати мутақобилаи муассисаҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ, хусусӣ ва таълимӣ имкон фароҳам меоранд. Ҳамкории муассисаҳои гуногун дар самти тарбияи ватандӯстӣ зарур аст, зеро он ба ташаккули ҷаҳонбинии ҳамаҷонибаи хонандагон мусоидат мекунад.

## 2.2. Озмоиши технологияи педагогии амалисозии тарбияи ватандӯстии хонандагон тавасути ҷашну маросими миллӣ

Ҳар як миллат анъана ва ҷашну маросимҳои мардумии худро дорад, ки муддатҳои дароз ташаккул ёфта, таҷассумгари характери ҳамон халқу миллат мегардад. Кӯдак аз рӯзи таваллуд аз рӯи аломату хусусиятҳои муайян ташаккул ва тарбия меёбад. Дар натиҷа бо камоли дилпурӣ гуфта метавонем, ки бо мурури замон шахсияти комил ба воя мерасад, ки рафтори миллатро комилан нусхабардорӣ менамояд. Баъзе ҷашну маросимҳоро дар ҳалқаи хешу таборӣ гузаронидан мумкин аст, дигарон бошанд баръакс, он чизе, ки мо дорем, комилан ба он муқобиланд. Ин ва ё дигар анъанаҳо набояд аз ҳад зиёд ҳайратовар ва хиҷолатовар бошанд. Чунки бо кумаки онҳо мо метавонем миллати мавриди назарро беҳтару хубтар дарк намоем.

Олими барҷастаи тоҷик академик Маҳмадулло Лутфуллоев аҳмияти маърифатию тарбиявии ҷашну маросими халқи тоҷикро қайд намуда, таъкид менамояд, ки «иқрор бояд шуд, ки халқи мо на тайёра офариду на автомобил… Бо вуҷуди ин, халқи тоҷик бузург аст, барои он ки дар бунёди кохи тамаддуну фарҳанги башар тавассути ганҷу дурдонаҳои намояндагони барҷастаи худ – ситорагони тобони худ ҳиссаи муайяне гузоштааст: бузург аст, зеро тамоми умр ба замин, ба боғу роғ, ба бозоргонию ободонӣ сару кор дорад; бузург аст, барои он ки китоб дорад, соҳиби дафтару қалам, забони ширин, адабиёти баландпояю баландғоя аст.

Вале бузургии халқ танҳо дар ин нест. Дар он аст, к ибо тамоми бузургиаш ҳам мураббӣ асту ҳам талаба, ҳам омӯзгор асту ҳам донишҷӯ, ҳам устод асту ҳам шогирд.… Таҳаммул дорад, зеро ин ҳама зиндагист ва ҳамин зиндагӣ дар анъана, расму ойин, машғулият ва бозиҳои кӯдакон, уфу одат таҷассум ёфтааст ва онҳо – расму ойинҳо зиндагиро рангину рангинтар месозад. Барҷастатарин хусусиятҳои расму ойинҳои мардум ин аст, ки онҳо ҳамсафари доимӣ ва ҳамешагии ҳар як фард, ҳар як шахсанд. Онҳо инсонро аз рӯзи таваллуд ҳамроҳӣ мекунанд то гӯр» [93,125].

Тоҷикистон - кишвари сермиллат аст, зеро дар он зиёда аз 20 миллатҳои гуногун зиндагӣ ва фаъолият менамоянд. Ва ин маънои онро дорад, ки дар як вақт як чанд миллатҳои гуногун метавонанд дар як қаламрав ҷамъ шаванд. Дар Тоҷикистон то ба имрӯз тибқи анъана ва ҷашну маросимҳои қадима зиндагӣ мекунанд. Умуман тааҷҷубовар он аст, ки одамони муосир ин қадар самимона ва садоқатмандона кӯшиш мекунанд, ҳама анъана ва ҷашну маросимҳое, ки аҷдодони худ гузоштаанд, риоя намоянд. Мардум бовар доранд, ки риоя накардани урфу одатҳо дар ҳаёташон бадбахтӣ меорад. Ин махсусан ба шахсоне, ки нав хонадор мешаванд дахл дорад. Ин як маросими махсусест, ки якчанд марҳиларо дар бар мегирад.

Мардуми тоҷик ба халқҳои ҳиндуевропоӣ таaллуқ доранд, яъне решаи Шарқӣ доранд. Аз сабаби он, ки дар кишвар қишри миллатҳои гуногун ҳаёт ба сар мебаранд, мо метавонед шумораи зиёди динҳо ва хурофотҳоро мушоҳида намоед. Аз ин рӯ, мо набояд аз дидани анъанаҳо ва ҷашну маросимҳои тамоман гуногун дар як кишвар ҳайрон шавем.

Масалан, як силсила урфу одат ба маъракаи гаҳворабандон хос аст, ки аз тарбия орӣ нест. Пеш аз ҳама, кӯшиш мешавад, ки барои тифл беҳтарин, хуштарин гаҳвора ёбанд, ки ягон камбудӣ надошта бошад. Гаҳвораи зебо зебоипарастиро тарбия мекунад. Барои он ки тифл ба роҳат хоб равад, барои он ки қаду қомати рост дошта бошад, барои он ки ҳамеша тозаю озода бошад, кӯдакро ба гаҳвора мебанданд. Мутафаккири барастаи халқи тоҷик Носири Хусрави Қабодиёнӣ вазифаи гаҳвораро ҳанӯз дар замони худ чунин таъкид карда буд: «Ҳамчунон ки мар он кӯдакро бибананд… ва чунон ки бастанд кӯдаки худро бад-он бояд, то андомҳо каж нашавад ва рост барояд, низ аҳлу мисоқи динӣ бар мустаҷиб бад-он бояд то рою фикраш ба ҳар шаккею шубҳате нагарояд ва бар сироти мустақим равад»[84,151]. Дар ҷои дигар фикрашро давом медиҳад: «Ва чунон ки модар кӯдакро ба ҳар вақте аз олоишҳои ҷасадӣ бишӯяд ва оби тоҳир, то зишт набояд ва зуд биболад, низ дой, ки ӯ модари мустаҷиб аст ва мар фарзанди нафсонии хешро аз олоишҳои нафс, ки он ҷаҳлу шак аст ва аз ташбеҳу таътил покиза кунад ба сухани ақлӣ

то зуд ба балоғ расад» [84,151]. Вале барои нашъунамои тифл ин кифоя нест. Вай бояд ғизо хӯрад, ки ин низ аз назари донишманд дур намондааст: «Ва чунон ки мардум ба парвариши модари меҳрубон бо таомҳои шоиста ба охири неъматҳои дунявӣ расад ва тамоми онро биёбад» [84,151]. Ин матлабро метавон дар чаҳор ҷиҳат ҷамъбаст намуд:

1. Гаҳвора имконият медиҳад, ки андоми кӯдак рост бароянд, каҷ нашавад. Яъне, ба инкишофи узвҳои андом – бадан, устухонмуҳра, даст, пой, сар мусоидат менамояд;

2. Вақте ки тифл ором, як навохт мехобад, ин ба солими дину имонаш низ таъсир мерасонад ва фикру андешааш ба ҳар гуна шакку шубҳае парешон намешавад;

3. Мутафаккир таъкид менамояд, ки модар кӯдакро аз ҳар гуна олоишҳо бо «оби тоҳир» бишӯяд. Ин насиҳату маслиҳат ба модарон, бо дояҳост, ки ҳатман бояд бо оби покиза, тоза, соф бишӯянд ва ин об, албатта, ширгарм бошад;

4. Ҳар қадар ҷисми кӯдак аз олоишҳо пок бошад, ҳамон қадар нафси он низ бояд аз ҳар гуна олоишҳо тоза бошад. Нафсро аз хурди бояд нигоҳ дошт.

Дигар маросиме, ки дар хонадон роиҷ аст, ин номгузори ба тифл мебошад. Ҳангоми номгузорӣ ҳама вақт се масъала ба назар гирифта мешавад:

1. Ном ба равишу қофияи номи падар ё ягон шахси хеле наздики хонавода;

2. Яке аз номҳои қаҳрамонони асотири халқамон;

3. Аксар вақт пайрави аз номҳои Парвардигору пайғамбару авлиёҳо.

Волидайни ҷавон баъзан номи ягон дӯсти беҳтарин ва ё фарзанди ӯро мегузоранд. Ба ҳар ҳол, кӯшиш мегардад, ки ном зебо, муносиб ва дилкаш бошад, то фарзанд дар оянда аз номаш хиҷолат накашад. Ҳаминро бояд таъкид кард, ки номгузорӣ танҳо барои ном нест. Ин таомул аҳмияти тарбиявӣ дорад. Аввал ин ки силсилаи хонавода, яъне шаҷара давом мекунад ва баъд ин ки чун ба фарзанд номи ягон қаҳрамон, ё авлиё ва ё бузургвореро

медиҳанд, вай бояд сазовори ин ном бошад ва дар ҳаёт кӯшиш намояд, ки монанди онҳо амал намояд, одами нотарсу далер, донишманду хиратманд, поку покиза ва меҳнатдӯст ба воя расад.

Чи тавре, ки таъкид кардем, халқи тоҷик ба ҷашну маросими миллии худ зинда ва поянда аст. Таваллуди тифл, гаҳворабандон, либоспӯшон, оббозии нахустин, баромадани дандони аввалин (дандонмушак), мӯйсаргирон, тӯй, арӯсбарорию арӯсорӣ ва ғайраҳо аз маросиму оинҳоест, ки зиндагиро лаззат мебахшанд.

Бинобар ин, бо мақсади татбиқи технологияи педагогии амалисозии тарбияи ватандӯстии хонандагон тавасути ҷашну маросими миллӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ озмоиши таҷрибавӣ гузаронидем.

Ба сифати пойгоҳи эксперименталии таҳқиқот 6 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №№53, 10 ноҳияи Восеъ; №№12, 1 ноҳияи Шамсиддин Шоҳин ва №№ 8, 52 шаҳри Кулоб интихоб гардиданд. Ҳангоми омӯзиши муносибати волидайн доир ба нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11 респондентон асосан аз деҳаи Кишти ҷамоатҳои деҳоти «Н. Маҳмудов» ва деҳаи Навободи ҷамоатҳои деҳоти «Шӯрообод»-и ноҳияи Шамсиддин Шоҳин, шаҳраки Ҳулбуки ноҳияи Восеъ, инчунин шаҳри Кулоб, яъне аз ҳамон маконе, ки МТМУ-и номбаршуда фаъолият мекунанд, интихоб намудем.

Дар озмоиши тадқиқотӣ дар маҷмӯъ 1270 нафар, аз ҷумла 201 нафар омӯзгор, 800 нафар хонандагони синфҳои 9-11-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва 269 нафар волидайни онҳо иштирок намуданд.

Дар ҷараёни таҳқиқоти озмоишӣ, ки аз се марҳила иборат буд, мо аз усулҳои методологӣ-илмӣ ва таҳлили манбаъҳо, аз ҷумла адабиёти илмӣ оид ба масъалаи мавриди баррасӣ, пурсиш (ҳам шифоҳӣ ва ҳам хаттӣ), тестиронӣ, мусоҳиба, таҳлили маводи таълимӣ-методӣ, мушоҳидаи педагогӣ, таҳлил ва ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти амалӣ, коркарди математикии натиҷаҳои таҳқиқот истифода бурдем. Ин усулҳо ба мо имкон доданд, ки маҷмӯи васеи

маълумотро ҷамъоварӣ ва таҳлил кунем, ки барои баҳодиҳии объективии ҳолати воқеии масъалаи тадқиқотӣ зарур аст.

Дар рафти муайян намудани дониши хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба нақши ҷашну маросимҳои миллӣ ҳамчун василаи тарбияи ватандӯстии хонандагон дар заминаи омӯзиши фанҳои «Инсон ва ҷомеа», «Таърихи халқи тоҷик», «Адабиёт», «Одоби муошират ва рӯзгордорӣ», «Таърихи дин» ва коркарди саволномаҳо имкон дод, ки дар доираи озмоиш тасаввурот ва сатҳи дониши хонандагони синфҳои 9-11 оид ба ҷашну маросимҳои миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ арзёбӣ карда шавад. Чунин арзёбӣ имкон медиҳад, ки самаранокии равандҳои таълимӣ ва тарбиявӣ дар муассисаҳои таълимӣ муайян карда шавад.

Ба сифати арзёбии меъёрҳои дониши хонандагон ҳамон арзишҳоеро интихоб намудем, ки дар бунёд, таъмин ва пойдории ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ нақши калидӣ доранд.

Ба андешаи мо, эҳёи арзишҳои миллӣ, ҳифз ва муаррифии ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ барои баланд бардоштан ва таҳким бахшидани руҳияи ватандӯстӣ, худшиносиву худогоҳии мардум, бахусус наврасону ҷавонон хеле муҳим аст. Ба шарофати истиқлолияти давлатӣ, арзишҳои неки миллӣ, анъана ва ҷашну маросимҳои бостониро ба хотири баланд бардоштани худогоҳиву худшиносӣ ва муаррифии шоистаи миллати куҳанбунёди тоҷик дар арсаи ҷаҳон, ки анъана ва ҷашну маросимҳо, аз қабили Наврӯз, Тиргон», Меҳргон, Сада ва Ялдо, ҷузъи ҷудонашавандаи онҳо ба шумор меравад, бояд эҳё намоем.

Дар ҷараёни таҳқиқот, бо истифода аз усулҳои гуногуни назоратӣ, аз қабили мушоҳида, суҳбат, баҳодиҳии шахсӣ, тестҳо, пурсишномаҳо ва таҳлили баҳои хонандагон аз фанҳои "Таърихи халқи тоҷик", "Адабиёти тоҷик", "Инсон ва ҷомеа" ва "Одоби муошират", сатҳи дониши хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар мавриди нақши ҷашнҳо ва маросимҳои миллӣ ҳамчун омили тарбияи ватандӯстӣ арзёбӣ гардид.

Ҷиҳати фарогирии донишҳои хонандагон дар бораи ҷашну маросимҳои миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ, илова бар муассисаҳои таълимӣ, муҳити беруназсинфӣ, аз қабили дарсҳои беруназсинфӣ, фазои иттилоотии муосир (китобхона, интернет, ВАО) ва муошират бо ҳамсолон, дӯстон ва ҳамсоягон мавриди пурсиш қарор гирифтанд.

Барои муайян намудани сатҳи дониши хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар бораи ҷашну маросимҳои миллӣ ҳамчун василаи тарбияи ватандӯстӣ, ки дар раванди таълими фанҳои "Таърихи халқи тоҷик", "Адабиёти тоҷик", "Инсон ва ҷомеа" ва мутолиаи китоби тарбиявии "Одоби муошират" дар синфҳои 9-11 касб кардаанд, дар ҷараёни таҳқиқот "Пойгоҳи маълумот оид ба ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ" таъсис дода шуд. Ин пойгоҳ рӯйхати адабиёти илмӣ бо забонҳои гуногун, осори мутафаккирони тоҷику форс, тестҳо, саволномаҳо ва пурсишномаҳоро дар бар мегирад, ки зиёда аз 500 саволро фаро мегиранд.

Дар доираи озмоиши шаклдиҳанда, бо истифода аз саволнома, сатҳи дониши 800 нафар хонандагони синфҳои 9-11-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияҳои Восеъ, Шамсиддин Шоҳин ва шаҳри Кӯлоб оид ба нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун василаи тарбияи ватандӯстии хонандагон санҷида шуд. Натиҷаҳои ин санҷиш дар диаграммаи алоҳида муаррифӣ мешаванд (нигаред ба диаграмма). Чунин таҳқиқотҳо барои арзёбии самаранокии барномаҳои таълимӣ муҳиманд.



**Диаграммаи 4. Тағйирёбии сатҳи дониши хонандагони синфҳои 9-11-уми МТМУ оид ба ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ (дар гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ)**

Таҳлили диаграмма нишон медиҳад, ки дар гурӯҳи озмоишӣ сатҳи дониш баландтар аст: ҷавобҳои дуруст 70,3%, нодуруст 11,3%, дар ҳоле ки дар гурӯҳи назоратӣ ҷавобҳои дуруст 30,1% ва нодуруст 57,5%-ро ташкил медиҳанд. Хонандагони гурӯҳи озмоишӣ маводро оид ба нақши ҷашну маросимҳои миллӣ дар тарбияи ватандӯстӣ аз бар карда, дар сухбат доир ба арзишҳои миллӣ ҷавобҳои аниқ доданд.

Ин таҳлил, ки ба таври равшан фарқияти қобили мулоҳизаро байни ду гурӯҳ нишон медиҳад, аз он шаҳодат медиҳад, ки тадбирҳои таҳқиқотӣ дар гурӯҳи озмоишӣ натиҷаҳои дилхоҳ додаанд. Фарқияти назаррас дар сатҳи дониш, ки дар фоизи ҷавобҳои дуруст ва нодуруст ифода ёфтааст, нишон медиҳад, ки методологияи таҳсилии истифодашуда дар гурӯҳи озмоишӣ барои азхудкунии мавод ва дарки амиқи мавзӯъ мусоидат кардааст.

Бо назардошти маълумоти оморӣ, ин мушоҳидаро метавон бо такя ба таҳқиқоти илмӣ, ки дар соҳаи педагогика ва психологияи таълим гузаронида шудаанд, асоснок кард. Аз ҷумла, муҳаққиқон ба монанди Блум (1956) ва Виготский (1978) дар бораи таъсири муҳити таълимӣ ва усулҳои фаъоли таълим ба рушди маърифатӣ ва азхудкунии дониш таъкид кардаанд.

Таъкиди хонандагони гурӯҳи озмоишӣ дар азбар кардани мавод ва иштироки фаъолона дар муҳокимаҳо доир ба арзишҳои миллӣ, инчунин аз муваффақияти барномаи таълимии татбиқшуда шаҳодат медиҳад. Ин натиҷаҳо бо назарияҳои конструктивистӣ дар таълим мувофиқат мекунанд, ки таъкид мекунанд, ки дониш тавассути иштироки фаъолона ва муносибати мутақобила бо мавод сохта мешавад.

Дар маҷмӯъ, таҳлили диаграммаҳо нишон медиҳад, ки истифодаи усулҳои нави таълим дар гурӯҳи озмоишӣ ба баланд шудани сатҳи дониш ва дарки арзишҳои миллӣ мусоидат кардааст. Ин натиҷаҳо барои такмили

минбаъдаи барномаҳои таълимӣ ва татбиқи усулҳои самараноки таълим аҳамияти калон доранд.

Озмоиш нишон дод, ки хонандагони синфҳои 9-11 ба донишҳои бештар оид ба арзишҳои миллӣ, хусусан ҷашну маросимҳо ниёз доранд. Тағйирёбии ҷомеа дарки арзишҳоро дигаргун мекунад ва тафсири нави онҳоро талаб менамояд. Барои дарки нақши ҷашну маросимҳо дар тарбияи ватандӯстӣ, фаъолияти мунтазами ниҳодҳои таълиму тарбия зарур аст.

Аз ин рӯ, санҷиши барномаҳои таълимӣ, татбиқи усулҳои муосир ва таҳияи тавсияҳои илмӣ оид ба такмили раванди ташаккули ҷашну маросимҳо ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ муҳим аст. Дар таҳқиқот усули омӯзиши асноди таълимӣ ва пурсиши хаттӣ истифода шуд.

Таҳлили натиҷаҳои пурсиш нишон дод, ки хонандагон дар шинохти рамзҳои миллӣ, аз қабили Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ, инчунин таърихи пайдоиш ва аҳамияти онҳо, мушкилот доранд. Дар ҳоле ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 3) муқаддас будани рамзҳои давлатиро таъкид мекунад, дониши нокифоя дар ин самт метавонад ба эҳтироми арзишҳои миллӣ таъсири манфӣ расонад.

Бо дарназардошти аҳамияти ҷашну маросимҳо дар таҳкими ваҳдати миллӣ ва эҳсоси ватандӯстӣ, таҳияи барномаҳои таълимии мукаммал ва мутобиқ ба талаботи замон зарур аст. Ин барномаҳо бояд дар асоси таҳқиқоти илмӣ ва бо назардошти таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ таҳия гардида, барои рушди маърифати хонандагон оид ба арзишҳои миллӣ, таърихи халқ ва фарҳанги бостонии он равона карда шаванд.

Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии раванди таълим ва тарбия дар ин самт, тавсия дода мешавад, ки усулҳои муосири таълим, аз қабили истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, муҳокимаҳои гурӯҳӣ ва таҳлили мавридҳо, дар раванди таълим васеъ истифода шаванд. Инчунин, ҷалби коршиносони соҳа, таърихшиносон ва фарҳангшиносон ба раванди таҳияи барномаҳои таълимӣ ва гузаронидани дарсҳои иловагӣ метавонад барои тақвияти дониши хонандагон оид ба арзишҳои миллӣ мусоидат намояд.

Ҳамчунин, дар ҳамкорӣ бо волидайн ва ҷомеа ташкил намудани чорабиниҳои фарҳангӣ, аз қабили фестивалҳо, намоишгоҳҳо ва саёҳатҳои таърихӣ метавонад барои тақвияти ҳисси ватандӯстӣ ва эҳтироми арзишҳои миллӣ дар байни хонандагон нақши муҳим бозад. Ба ин маънӣ, дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи арҷ гузоштан ба арзишҳои миллӣ ва тарбияи насли наврас дар рӯҳияи ватандӯстӣ, бояд ҳамчун роҳнамо дар фаъолияти ниҳодҳои таълимӣ ва тарбиявӣ хизмат намоянд.

Бо мақсади муайян намудани самаранокии таъсири ҷашнҳо ва маросимҳои миллӣ ба тарбияи ватандӯстии хонандагон, сатҳи дониши донишҷӯёни синфҳои 9-11-и муассисаҳои таълимии миёнаи умумӣ, пеш аз ва баъд аз гузаронидани таҷриба, тибқи пурсишномаи дар ҷадвали 1 овардашуда, ба таври интихобӣ мавриди санҷиш қарор дода шуд. Ин усул имкон медиҳад, ки бо назардошти дараҷаи мушкилии саволҳои пешниҳодшуда, муайян намоем, ки то чӣ андоза ҷашнҳо ва маросимҳои миллӣ ба ҳисси ватандӯстии хонандагон таъсир мерасонанд. Санҷиш бо дарназардошти мураккабии саволҳо гузаронида шуд.

Ҷадвали 1. Саволҳо барои муайян кардани сатҳи дониши хонандагони МТМУ оид ба нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагон

| № | Савол ва супоришҳо | Холҳо |
|---|---|---|
| 1. | Ватандӯстӣ чист? | |
| 2. | Зери мафҳуми «арзишҳои миллӣ» ва «ватандӯстӣ» чиро мефаҳмед? Мисолҳо оред. | |
| 3. | Кадом ҷашну маросим ва анъанаҳои миллиро медонед, номбар кунед | |
| 3. | Маъракаҳои туйи домодию арусӣ бояд чи гуна гузаронида шаванд? | |
| 4. | Ибораи «танзими анъана ва ҷашну маросим»-ро шарҳ диҳед | |
| 5. | Арзишҳои миллӣ барои пойдории давлат чи аҳамият доранд? | |
| 6. | Ваҳдат ва нақши Пешвои миллатро дар барқарор ва таҳкими он чӣ гуна шарҳ медиҳед? | |
| 7 | Мафҳумҳои «муҳаббат» ва «садоқат ба Ватан»-ро шарҳ диҳед | |
| 8 | Дар кишвари мо кадом қонун тартиби гузаронидани ҷашну моросимро танзим мекунад? | |

| | | |
|---|---|---|
| 9 | Мафҳумҳои «анъана», «маросим» ва «ҷашн»-ро шарҳ диҳед. | |
| 10 | Сарфаю сариштакорӣ чи аҳамият дорад? | |
| 11 | Дар бораи ҷашни Наврӯз ва Меҳргон маълумот диҳед | |
| 12 | Ҳурмату эҳтироми калонсолон барои солимию пойдории оила ва ҷомеа чӣ аҳамият дорад? | |
| 13. | Аҳамияти анъана ва ҷашну маросимро дар ташаккули ҳисси ватандӯстӣ бо мисолҳо фаҳмонед | |
| 14. | Маросими туйи домодию арӯсиро номбар кунед ва шарҳ диҳед | |
| 15. | Аъзои ҷомеа дар кадом маврид бояд ба ҳамдигар дасти кӯмак дароз кунанд? | |
| 16. | Маросими дафну азодориро номбар кунед ва шарҳ диҳед | |
| 17. | Барои Ватандӯст шудан шахс бояд кадом хислатҳоро доро бошад? | |
| 18. | Кадом сабабу омилҳо боиси парокандагӣ ва аз байн рафтани давлатҳо мегарданд? | |
| 19. | Шумо ба онҳое, ки ватандӯсту меҳанпараст шудан мехоҳанд, чӣ маслиҳату тавсия дода метавонед? | |
| 20. | Шахсони намунавии маҳали зистатонро, ки Шумо ватандӯсту меҳанпараст мешуморед, бо номбар намудани бартарияти онҳо нисбат ба дигарон шарҳу эзоҳ диҳед. | |

Мо сатҳи дониши хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№53, 10 ноҳияи Восеъ; №№12, 1 ноҳияи Шамсиддин Шоҳин ва №№ 8, 52 шаҳри Кулоб вобаста ба нақши анъана ва ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбиявии ватандӯстии хонандагон тавассути саволнома арзёбӣ намудем, ки натиҷаи онро дар ҷадвали 2 инъикос менамоем.

Ҷадвали 2. Натиҷаи арзёбии дониши хонандагон вобаста ба нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагон:

| Шумораи хонандагон | То озмоиш | Баъди озмоиш |
|---|---|---|
| 800 | 16,4% | 93,9% |

Аз натиҷаи озмоиш маълум мегардад, ки пас аз гузаронидани тайёрии махсус сатҳи дониши толибилмони синфҳои 9-11 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ вобаста ба нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ ба таври амиқ баланд гардида, майлу хоҳиши онҳо нисбат ба мавзӯи мазкур меафзояд ва дарки моҳияти иҷтимоии он барои пойдории арзишҳои миллӣ - ҷашну маросими миллӣ зоҳир мегардад. Хулосаҳои таҳқиқи сӯҳбат, пурсишнома ва санҷиш бо ёрии методҳои

математикӣ-оморӣ таҳлилу коркард шуданд. Ҳамин тавр, натиҷаи таҳқиқи маводҳои ба даст омадаро вобаста ба сатҳи дониши хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ муайян намудем.

Илова бар ин, дар равиши таҳқиқи озмоиш бо 800 нафар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №53,10 ноҳияи Восеъ, №12,1 ноҳияи Шамсиддин Шоҳин ва №8,52 шаҳри Кулоб вобаста ба нақши ҷашну маросими миллӣ дар тарбияи ватандӯстӣ суҳбат гузаронидем. Таҳлили раванди суҳбат ва ҷавоби толибилмон нишон дод, ки онҳо зарурати ворид намудани мавзӯи арзишҳои миллӣ, аз ҷумлаи нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-11» ва зиёд намудани теъдоди соатҳои таълимиро барои омӯхтани мавзуи мазкур зикр намуданд.

Ҳамзамон, бо истифода аз методи пурсиш мавқеи омӯзгорон, хонандагони синфҳои 9-11-уми МТМУ ва волидайни онҳоро вобаста ба бартарияти омӯзиши предметҳои ҷудогона дар ташаккули тарбияи ватандӯстии хонандагон тассавути ҷашну маросимҳои миллӣ муайян кардем.

Бо ҳамин мақсад мо ба омӯзгорони таҳқиқшаванда бо чунин савол муроҷиат намудем: «Оё барномаҳои амалкунандаи таълим ва тарзу усулҳои таълим дар МТМУ-и Шумо барои бедор кардани ҳисси ватандӯстии хонандагон тавассути анъана ва ҷашну маросими миллӣ самарабахшанд?», ки онҳо чунин ҷавоб доданд (расми 5):



**Диаграммаи 5. Сатҳи самаранокии барномаҳои амалкунанда ва тарзу усулҳои таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (ҷавоби омӯзгорон).**

Аз таҳлили пурсиши омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бармеояд, ки 9,3%-и онҳо барномаҳои амалкунанда ва шаклу воситаҳои таълимро хеле самарабахш меҳисобанд, дар ҳоле ки 8,2% онро комилан самарабахш намедонанд. 18% пурсидашудагон онро на он қадар самарабахш меҳисобанд ва 19% самаранокии онҳоро аз сатҳи касбият ва маҳорати омӯзгор вобаста медонанд.

Оид ба ташаккули ҳисси ватандӯстӣ, омӯзгорон сатҳи касбият, маҳорату малакаи истифодаи методҳои интерактивии таълим ва собиқаи педагогиро ҳамчун омили ҳатмӣ медонанд. Худомӯзӣ дар баробари курсҳои такмили ихтисос барои такмили сатҳи касбият муҳим буда, фароҳам овардани шароитҳои зарурӣ, махсусан сарчашмаҳои иттилоотӣ ногузир аст.

Ба саволи «Дар бораи нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагон» маълумотро аз куҷо мегиред? омӯзгорон чунин посух доданд:




**Диаграммаи 6. Расми Сарчашмаҳои асосии дарёфти иттилоот оид ба мавзуи ватандӯстӣ ва ҷашну маросимҳои миллӣ (Ҷавоби омӯзгорон ба ҳисоби фоиз)**

Таҳлили пурсидашудагон - омӯзгорони муассисаҳои таълимии дар таҳқиқот иштирокдошта (диаграммаи 6) нишон дод, ки манбаи асосии маълумот дар бораи нақши ҷашнҳо ва маросимҳои миллӣ дар тарбияи ватандӯстӣ китобхонаҳои маҳаллӣ (20,0%), нашрияҳои даврӣ (17%), захираҳои онлайн (14%), барномаҳои телевизионӣ ва радио (23%), инчунин курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳо (12%) мебошанд. Каналҳои ионӣ, ба монанди муошират бо ҳамкорон ва оила, дар гирифтани маълумоти дахлдор оид ба ин масъала нақши муҳим надоранд. Ҳамин тариқ, манбаъҳои расмии иттилоот дар раванди гирифтани дониш дар бораи нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи ватандӯстӣ аз манбаъҳои ғайрирасмӣ бартарӣ доранд.

Бо ҳамин назардошт, мо дар раванди таҳқиқ ба воситаи пурсишҳои хаттӣ ба 800 нафар хонандагони синфҳои 9-11-уми МТМУ ва 269 нафар падару модарони онҳо бо саволи «Перомуни мавзуи ватандӯстӣ ва ҷашну маросимҳои миллӣ» аз куҷо маълумот пайдо мекунед?» муроҷиат намудем. Онҳо чунин ҷавоб гардониданд:




**Диаграммаи 7. Сарчашмаҳои асосии дарёфти иттилоот дар бораи ватандӯстӣ ва ҷашну маросимҳои миллӣ (ҷавоби хонандагон*)***

Таҳлили қиёсии ҷавобҳои таҳқиқшавандагон (расми 6, 7, 8) собит месозад, ки 28,8%-и толибилмони синфҳои 9-11-и МТМУ-и ҳамаи шаҳру ноҳияҳои дар озмоиш иштироккунанда дар бораи ватандӯстӣ ва ҷашну маросимҳои миллӣ маълумоти заруриро агар дар раванди таълим пайдо

намоянд, 10,3% аз барномаҳои телевизион ва радио, 11,8% аз интеренет, 14,6 %-и онҳо маълумоти мазкурро аз падару модар, 13,9% аз китобхонаи маҳали худ пайдо кардаанд. Мавқеи дигар сарчашмаҳо дар байни толибилмони синфҳои 9-11 оид ба дарёфти маълумот дар бораи ватандӯстӣ ва ҷашну маросимҳои миллӣ на он қадар назаррасанд.

Сарчашмаҳои дарёфти маълумот дар бораи ватандӯстӣ ва ҷашну маросимҳои миллӣ дар байни волидайн нисбат ба омӯзгорон ва хонандагон фарқ дорад, тафсилоти онро дар расми 8 пешниҳод менамоем:




**Диаграммаи 8. Сарчашмаҳои асосии дарёфти иттилоот дар бораи ватандӯстӣ ва ҷашну маросимҳои миллӣ (ҷавоби волидайн)**

Дар байни волидайни толибилмон (расми 8) барои пайдо кардани сарчашмаи муҳим перомуни нақши ҷашну маросимҳои миллӣ дар тарбияи ватандӯстии хонандагон аз интернет ҳар кадом ба андозаи 12 %, китобхонаи маҳалли зисти худ бо 21,2 %, барномаҳои телевизион ва радио бо 27,4 %, курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ 13 %, ҳамчунин рӯзнома ва маҷаллаҳо 17,6 %-ро ишғол менамояд.

Дар таҳлили афзалиятнокии манбаъҳои иттилоотӣ оид ба нақши идҳо ва маросимҳои миллӣ дар ташаккули ҳисси ватандӯстии шогирдон дар байни се гурӯҳи пурсидашуда чунин натиҷаҳо ба даст омаданд: омӯзгорон барномаҳои телевизионӣ ва радиоиро дар зинаи аввал, китобхонаҳои маҳаллиро дар зинаи дуюм ва матбуоти davриро дар зинаи сеюм арзёбӣ карданд. Дар навбати худ, хонандагон раванди таълимро дар мақоми аввал, волидайнро дар мақоми дуюм ва китобхонаҳои маҳаллиро дар мақоми сеюм гузоштанд. Волидайни хонандагон бошанд, ба монанди омӯзгорон, авлавияти аввалро ба барномаҳои телевизионӣ ва радиоӣ, сипас ба китобхонаҳои маҳаллӣ ва дар охир ба рӯзномаву маҷаллаҳо доданд.

Чунин хулоса бармеояд, ки китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ ва асарҳои илмӣ ва адабии мутафаккирони форсу тоҷик дар асрҳои миёна дар ташаккули анъанаҳо ва маросимҳои миллӣ, бахусус дар тарбияи ватандӯстии хонандагон, манбаъҳои муҳими илмӣ ба шумор мераванд [2]. Аз ин рӯ, бо мақсади арзёбии миқдори нашри ин асарҳои илмӣ ва адабӣ ва муайян кардани кофии онҳо барои истифода аз ҷониби омӯзгорони муассисаҳои таълимии миёнаи умумии дар таҷриба иштирокдошта, саволи зерин пешниҳод гардид: «Оё миқдори китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ ва осори илмӣ ва адабии мутафаккирони форсу тоҷик, ки масъалаҳои ватандӯстӣ ва анъанаҳои миллиро фаро мегиранд, кофӣ аст?» Натиҷаҳо дар ҷадвали зер пешниҳод карда мешаванд.



**Диаграммаи 9. Нашри китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, инчунин осори илмию адабии мутафаккирони форсу тоҷик, ки фарогири мавзӯи ватандӯстӣ ва ҷашну маросимҳои миллӣ мебошанд (ҷавоби омӯзгорон ба ҳисоби фоиз)**

Таҳлили натиҷаҳои пурсиш (дар расми 9 нишон дода шудааст) собит месозад, ки 31,8%-и омӯзгорон миқдори нашри китобҳои дарсӣ, маводи таълимӣ ва асарҳои илмӣ ва адабии мутафаккирони форсу тоҷикро, ки масъалаҳои тарбияи ватандӯстӣ ва ҷашнҳои миллиро дар бар мегиранд, ба ҳисоби нокифоя медонанд, дар ҳоле ки танҳо 19,8%-и онҳо чунин нашрияҳоро барои конеъ гардонидани эҳтиёҷот кофӣ меҳисобанд.

Ҳамчунин, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки 50,9%-и донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (расми 10) наметавонанд барои такмили дониш дар бораи нақши ҷашнҳои миллӣ дар тарбияи ватандӯстӣ саривақт ба китобҳо ва асарҳои илмӣ ва педагогикии мутафаккирони форсу тоҷики асримиёнагӣ дастрасӣ пайдо кунанд, дар ҳоле ки танҳо 37,5%-и онҳо имкони истифодаи ин сарчашмаҳоро доранд.

Дар робита ба ин, ба хонандагони синфҳои 9-11 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ саволи зерин пешниҳод гардид: «Оё шумо метавонед барои баланд бардоштани сатҳи дониши худ оид ба ҷашнҳои миллӣ ва тарбияи ватандӯстӣ китобҳоро аз асарҳои илмӣ ва адабии мутафаккирони форсу тоҷик дар вақти зарурӣ дастрас кунед?». Натиҷаҳои бадастомада инҳоянд:




**Диаграммаи 10. Сатҳи дастрасии китобҳоро аз осори илмию адабии мутафаккирони форсу тоҷик барои такмили дониш оид ба нақши ҷашну**

**маросимҳои миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ (ҷавоби хонандагон ба ҳисоби фоиз)**

Мо ба падару модарон ба саволи «Шумо ба мундариҷаи барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ вобаста ба осори илмию адабии мутафаккирони форсу тоҷик дар бораи ҷашну маросимҳои миллӣ дар тарбияи ватандӯстӣ шинос ҳастед?» муроҷиат намудем, ки ҷавоб чунин буд:




**Диаграммаи 11. Сатҳи шиносоии падару модарон ба мундариҷаи барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсии МТМУ, осори илмию адабии мутафаккирони тоҷику форс дар бораи ҷашну маросими миллӣ дар тарбияи ватандӯстӣ**

Аз таҳлили ҷавобҳои падару модарон ба ин савол маълум шуд, ки (расми 11) 63,2% падару модарон ба мундариҷаи барномаҳои таълимии фарзандонашон, китобҳои дарсии МТМУ, осори илмию адабии мутафаккирони форсу тоҷик дар раванди ташаккули арзишҳои миллӣ, махсусан ҷашну маросимҳои милӣ шиносоӣ надоранд, маҳз 30,1% онҳо ба мундариҷаи маводи номбаршуда шиносанд ва 6,7% дар ҷавоб додан ба саволҳои мазкур душворӣ кашиданд.

Асосан сабаби шинос набудани худро ба мундариҷаи барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсии муассиаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, осори илмию адабии мутафаккирони форсу тоҷик дар бораи нақши ҷашну маросимҳои миллӣ дар тарбияи ватандӯстӣ 37, 5 % падару модарон ба кифоя набудани адади нашри онҳо алоқаманд медонанд, 34,2 % онҳо дуруст ба роҳ

монда нашудани тарғиби осори мутафаккирони форсу тоҷикро доир ба ҷашну маросимҳои миллӣ дар байни аҳли кишвар арзёбӣ мекунанд, 14,9% волидайн таъмини моддии хонадонро авлотар медонанд нисбат ба шинос шудан ба мундариҷаи маводи мазкур, 6%-и падару модарон барои шинос шудан ба мундариҷаи онҳо гӯё эҳтиёҷ надоранд ва 7,4% сабабҳои дигарро номбар намудаанд.

Ҳамин тавр, мо бо назардошти вазъияти мураккаби норасоии китобҳо барои хониши беруназсинфӣ ва осори илмию адабии мутафаккирони форсу тоҷик перомуни нақши ҷашну марпосимҳои миллӣ дар тарбияи ватандӯстии хонандагон дар заминаи фонди Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихобан адади нашри 105 номгӯи маводҳои гуногунро дар бораи нақши ҷашну маросимҳои миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагон таҳлил намудем, ки натиҷаи он чунин аст (ҷадвали 3):

Ҷадвали 3. Номгӯйи асарҳо ва дигар маводи иттилоотӣ оид ба нақши ҷашну маросимҳои миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ

| р/т | Ному насаби муаллиф | Номгӯйи асарҳо, мавод ва маълумоти барориш | Адади нашр (нусха) |
|---|---|---|---|
| 1. | Абӯрайҳонӣ Берунӣ | Осор-ул-боқия [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 1990. – 432 с. | 17000 |
| 2. | Абӯрайҳони Берунӣ. | Китоб – ут – тафҳим лил авоили саноат – ут – танҷим. Зери назари Ф. Раҳимӣ. – Душанбе: Дониш, 2022. – 605 с. | 150 |
| 3. | Муҳаммади Табарӣ Балъамӣ | Таърихи Балъамӣ [Матн]. – Теҳрон, 1380/2001. – 1632 с. | 3000 |
| 4. | Манучеҳрӣ | Мунтахабот [Матн]. – Душанбе: Дониш, 1974. – 46 с. | 4000 |
| 5. | Асадии Тӯсӣ | Гаршоспнома [Матн]. – Душанбе: Адиб, 2011. – 480 с. | 5000 |
| 6. | Байҳақӣ | Таърихи Байҳақӣ [Матн]. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 774 с. | 300 |
| 7. | Носири Хусрав | Девони ашъор (Ахтарони адаб 14) [Матн]: қасоид ва матни комили маснавиҳои «Рӯшноинома»-ву «Саодатнома» / таҳияи матн ва шарҳи луғот аз Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ ва Мубашшири Акбарзод. – Душанбе: Адиб, 2010. – 480 с. | 5000 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 8. | Умари Хайём | Наврӯзнома [Матн]: рисола дар маншаъ ва таърихи одоби ҷашни Наврӯз / тасҳеҳи М Минуӣ. – Душанбе: Аниб, 2012. – 352 с. | 1000 |
| 9. | Маҳмуди Гардезӣ | Зайну-л-ахбор [Матн] / Абусаъид Абдулҳай Гардезӣ. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 416 с. | 500 |
| 10. | Лутфуллоев, М. | Эҳёи педагогикаи Аҷам [Матн]. – Душанбе: Дониш, 1997. – 116 с. | 1000 |
| 11. | Фирдавсӣ, А. | Шоҳнома [Матн]. – Душанбе: Адиб, 1987. – Ҷ.1. – 480 с | 12000 |
| | | Идомаи ҷадвал | |
| 12. | Фирдавсӣ, А. | Шоҳнома [Матн]. – Душанбе: Адаб, 2008. – Ҷ.3. – 480 с. | 5000 |
| 13. | Фирдавсӣ, А. | Шоҳнома [Матн]. – Душанбе: Адиб, 1990. – Ҷ.8. – 615 с. | 1200 |
| 14. | Бертелс, Е. Э. | Избранные труды [Текст]. – М., 1988. – 528 с. | 2300 |
| 15. | Брагинский, И. С. | От Авесты до Айни [Текст]. – Душанбе: Ирфон, 1981. – 256 с. | 3000 |
| 16. | Иностранцев, К. А. | Сасанидские этюды [Текст]. – С- Петербург: Киршбаума, 1909. – 140 с. | - |
| 17. | Одинаев, Ё. R. | Умари Хайём ва шоҳасари Ӯ «Наврӯзнома». – Душанбе: Ирфон, 2012. – 608 с. | 500 |
| 18. | Раҳимов Д. | Фолклори тоҷик: (дастурамали таълимӣ). Нашри якум [Матн] / муҳаррир Р. Аҳмадов; муқаризон Ф. Қодиров ва С. Қосимӣ.- Душанбе: Эҷод.- 2009.-264с. | 1000 |
| 19. | Шоисматуллоев Ш., Миров Ф.С. | Ватандӯстӣ. Маъифати ҳуқуқӣ, ҳувияти миллӣ ва муқовимат ба муқбили экстремизм дар шароити ҷомеаи муосири Тоҷикистон (Маводи таҳлилӣ оид ба натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиолгӣ). [Матн] / муҳаррир Н.Д.Маҳмадизода.- Душанбе: Дониш, 2024.-135с. | 50 |
| 20. | Ҳазратқулов М. | Сада муждагонӣ аз наврӯзи оламафрӯз аст. [Матн] / муҳаррир И. Саидов.- Душанбе: Дониш, 2018.-35с. | 200 |
| 21. | Искандарзода М. | Зебу зинати арӯсони Ҳисор. [Матн] / муҳаррир Ш. Собирӣ.-Душанбе. б\с.- 40с. | 1000 |
| 22. | Саидзода, Ҷ. | «Намунаи адабиёти тоҷик» «Шоҳнома» дигараст [Матн]: дастури ватандӯстӣ ва худогоҳии миллӣ. – Душанбе: Дониш, 2024. – 414 с. | 100 |
| 23. | | Ифтихори ватандорӣ [Матн]. – Бохтар: Матбаа, 2023. – 204 с. | 300 |
| 24. | Лутфуллозода, М. | «Тоҷикон» ва тарбияи ватандӯстӣ [Матн]. – Душанбе, 2022. – 87 с. | 100 |
| 25. | Қурбонов, С. М. | Ватандӯстӣ ва хусусиятҳои хосси он дар раванди ба даст оварданиИстиқлолияти давлатӣ [Матн]. – Душанбе, 2021. – 29 с. | 100 |
| 26. | Асадуллоев, Р. Д. | Дар замири хонандагон бедор намудани ҳисси ватандӯстӣ ҳангоми истироҳат [Матн]. – Душанбе, 2015. – 43 с. | 100 |
| 27. | Аҳмадзода, Р. | Оила-асоси ватандорӣ [Матн]. – Хуҷанд: Меъроҷ, 2012. – 328 с. | 400 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 28. | | Манзараи ватандорӣ [Матн]. – Хуҷанд: Анис, 2012. – 272 с. | 500 |
| 29. | Истаравшанӣ, Ҳ. Ҷ. | Андар бобби ватан, ватандӯстӣ, ватандорию ваҳдат [Матн]: пандномa. – Душанбе: Эҷод, 2009. – 32 с. | 300 |
| 30. | Худойбердиев, С. | Ватандӯстӣ аз донистани кишвар сар мешавад [Матн]. – Хуҷанд, 2000. – 98 с. | 500 |
| 31. | Бозоров, О. | Тарбияи ватандӯстӣ ва интернатсионалӣ дар дарсҳои синфҳои ибтидоӣ [Матн]. – Душанбе: Маориф, 1990. – 72 с. | 5000 |
| 32. | | Тарбияи мардонагӣ ва ватандӯстӣ [Матн]. – Душанбе, 1981. – 15 с. | 300 |
| | | | Идомаи ҷадвал |
| 33. | | Мавқеи оила дар тарбияи ватандӯстӣ ва интернатсионалии насли наврас [Матн]. – Душанбе, 1979. – 14 с. | 300 |
| 34. | | Тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ва интернатсионалӣ дар муассисаҳои клубӣ [Матн]. – Душанбе, 1977. – 12 с. | 80 |
| 35. | Бобоҷонов, С. | Дар руҳи ватандӯстӣ ва интернатсионализми тарбия намудани ҷавонон [Матн]. – Душанбе: Дониш, 1975. – 23 с. | 5000 |
| 36. | Ҳамроев, Ҳ. | Мавзӯи инъикоси ватандӯстӣ ва қаҳрамонӣ дар санъати кинои тоҷик [Матн]. – Душанбе: Дониш, 1973. – 74 с. | 200 |
| 37. | | Пешвои миллат – Пешвои Наврӯз [Матн]. – Душанбе, 2024. – 368 с. | 100 |
| 38. | Боқиев, С. | Бозтоби баҳору Наврӯз [Матн]. – Душанбе, 2023. – 94 с. | 100 |
| 39. | Низомӣ, М. | Пайки Наврӯз [Матн]. – Душанбе, 2023. – 132 с. | 300 |
| 40. | Раҳимӣ, Д. | Наврӯз – ҷашни замину офариниш [Матн]. – Душанбе, 2021. – 240 с. | 250 |
| 41. | Меҳрофарин, М. | Аз Наврӯз то Кохи Наврӯз [Матн]. – Душанбе: Эр-граф, 2019. – 128 с. | 50 |
| 42. | Нурзод, Н. | Аз Сада то Наврӯз [Матн]. – Душанбе: Эҷод, 2019. – 176 с. | 200 |
| 43. | | Дар шинохти Наврӯз [Матн]. – Душанбе, 2009. – 80 с. | 200 |
| 44. | | Наврӯз [Матн]. – Душанбе: Аржанг, 2017. – 280 с. | 150 |
| 45. | | Саҳифаҳо аз таърихи Наврӯз [Матн]. – Душанбе, 2017. – 132 с. | 25 |
| 46. | | Тоҷикистон Ватани Наврӯз аст[Матн]. – Душанбе: Адиб, 2017. – 184 с. | 1000 |
| 47. | | Бозтоби масоили Наврӯз дар адабиёт [Матн]. – Душанбе, 2016. – 292 с. | 150 |
| 48. | | Суннатҳои фарҳангии Наврӯз [Матн]. – Душанбе, 2016. – 208 с. | 150 |
| 49. | Достӣ, Ф. | Наврӯз ва тамаддуни ҷаҳонӣ [Матн]. – Душанбе, 2015. – 100 с. | 200 |
| 50. | Раҳмон, Э. | Наврӯз – шиносномаи миллат [Матн]. – Душанбе: Адиб, 2015. – 168 с. | 2000 |
| 51. | Бобо, Р. | Наврӯз соли нави мо [Матн]. – Душанбе, 2014. – 10 с. | 300 |
| 52. | | Наврӯз: дирӯз, имрӯз ва фардо [Матн]. – Душанбе: Дониш, 2013. – 171 с. | 300 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 53. | Ҳомид, П. | Паёми Наврӯз [Матн]. – Хуҷанд: Ношир, 2013. – 56 с. | 200 |
| 54. | | Армуғони Наврӯз аз Рӯдакӣ то имрӯз [Матн]. – Душанбе, 2012. – 242 с. | 2000 |
| 55. | Надим, М. | Чакомаи Наврӯз [Матн]. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2012. – 140 с. | 1000 |
| 56. | Ориф, Н. | Нози Наврӯз [Матн]. – Душанбе: Шаҳпар, 2012. – 56 с. | 500 |
| 57. | | Наврӯз, чили чила ва панҷоҳи нишон [Матн]. – Душанбе: Истеъдод, 2011. – 40 с. | 200 |
| 58. | Саидзода, Ҷ. | Наврӯз рӯзгори нишот асту эминӣ… [Матн]. – Душанбе: Сифат, 2011. – 88 с. | 300 |
| 59. | Шаъбонӣ, Р. | Одоб ва русуми Наврӯз [Матн]. – Душанбе: Пайванд, 2011. – 259 с. | 1500 |
| | | | Идомаи ҷадвал |
| 60. | Раҳмонзода, А. | Сада дар Тоҷикистон дирӯз ва имрӯз [Матн].– Душанбе, 2024. – 172 с. | 150 |
| 61. | Раҳимӣ, Д. | Сада Ҷашни гармию нур [Матн]. – Душанбе: Аржанг, 2020. – 160 с. | 250 |
| 62. | | Гулхани Сада [Матн]: маҷмуаи мақолаҳо ва шеърҳо. – Душанбе: Адиб, 2018. – 100 с. | 1000 |
| 63. | Дӯстмуҳаммадов, З.А. | Маросими идҳо ва оинҳои нави граждании [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 1975. – 100с. | 5000 |
| 64. | Обидов, Д. | Русум ва ақоиди мардуми дари забони Афғонистон [Матн]. – Душанбе: Империал-трупп, 2011. – 261 с. | 200 |
| 65. | Раҳмонов, Ш. | Анъана ва ҷашну маросимҳои ориёӣ [Матн]. – Душанбе, 2019. – 64 с. | 100 |
| 66. | Раҳимов, М. | Маросим ва идҳои ислом [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 1970. – 12 с. | 6000 |
| 67. | | Ҳафт соли сарфаю сариштакорӣ [Матн]. – Душанбе: Балоғат, 2014. – 208 с. | 300 |
| 68. | | Танзими расму оинҳои миллӣ дар пойтахт [Матн]. – Душанбе: Илм, 2014. – 120 с. | 200 |
| 69. | Бобоев, С. | Ҷойгоҳи назми шифоҳӣ дар арӯсии тоҷикони Бухоро [Матн]. – Хуҷанд: Раҳим Ҷалил, 2006. – 144 с. | 500 |
| 70. | Раҳимӣ, Д. | Сада – ҷашни гармию нур [Матн] / муҳаррир А. Аминов; зери назари Ш. Комилзода; муҳаррир. – Душанбе: Аржанг, 2020. – 160 с. | 250 |
| 71. | Раҳмонзода. А. | Меҳргон дар Тоҷикистон [Матн] / А. Раҳмонзода, Р. Раҳмонӣ. - Душанбе: «Адиб», 2018. – 64 с. | 1000 |
| 72. | | Меҳргон ва Сада дар тамаддуни мардумони Осиёи Марказӣ (таҳқиқот) [Матн]: – Душанбе: «Дониш», 2017. – 308 с. | 100 |
| 73. | Султонмуроди Одина | Меҳргон [Матн]: таърих ва анъанаҳои иди Меҳргон. – Душанбе: «Ирфон», 2012. – 40 с. | 5000 |
| 74. | | Ҷашни меҳргон [Матн]: – Душанбе: «ЭР-граф», 2017. – 17 с. | 100 |
| 75. | Раҳимӣ, Д. | Тиргон – ҷашни об [Матн] / зери назари Ш. Комилзода; муҳаррир А. Аминов.– Душанбе: Аржанг, 2019. – 144 с. | 300 |
| 76. | Раҳмонов Шоҳзамон. | Анъана ва ҷашну маросимҳои ориёӣ [Матн]: – Душанбе: 2019. – 64 с. | 100 |
| 77. | | Дастурамал барои кормандони шуъбаю бахшҳо ва сармутахассисони дин, танзими анъана ва ҷашну | 22400 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | маросим ва ходимони динӣ [Матн]: – Душанбе: 2019. – 37 с. | |
| 78. | Раҳимӣ, Д. | Меҳргон ҷашни баракату фаровонӣ [Матн] / муҳаррир А. Аминов. – Душанбе: Аржанг, 2020. – 128 с. | 250 |
| 79. | Раҳимӣ, Д. | Наврӯз, меҳргон ва ҷашнҳои дигари ниёгон [Матн] / муҳаррир Ш. Комилзода. – Душанбе: Аржанг, 2018. – 304 с. | 300 |
| 80. | Азиз, А. | Сайёраи Меҳргон [Матн] / Муъаммо, ташреҳ ва аърози фалсафии таълимиву омӯзишии тиббӣ – бадеӣ ва илмӣ барои талабагони мактабҳои миёна, муттавасита, техникумҳо… донишпажуён ва ҳамагон. Дар се дастур; Дастури савум. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 126 с. | 100 |
| 81. | Раҳмонов, Э. | Ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ [Матн]. – Душанбе, 1999. – 98 с. | 3000 |
| | | | Идомаи ҷадвал |
| 82. | Раҳмонов, Э. | Танзими расму оинҳо талаботи замон [Матн]. – Душанбе, 1999. – 35 с. | 3000 |
| 83. | Раҳмон, Э. | Наврӯз – шиносномаи миллат [Матн ва аксҳо]: суханрониҳои Пешвои миллат дар ҷашнҳои наврӯзӣ / мураттибон: Ф. Карим, А. Муродӣ; муҳаррир З. Абдулло. – Душанбе: Адиб, 2015. – 168 с. | 2000 |
| 84. | Абдуллоев, А. | Таҳқиқи чанде аз суннатҳои фарҳанги мардум [Матн] / муҳаррир Д. Раҳимӣ. – Душанбе, Аржанг, 2021. – 136 с. | 300 |
| 85. | Асадуллоев, Р. Д. | Эмомалӣ Раҳмонов: Ватани худро дӯст доред, қадр кунед ва ҳифз намоед [Матн]. – Душанбе: Деваштич, 2005. – 48 с. | 400 |
| 86. | Асадуллоев, Р. Д. | Дар замири хонандагон бедор намудани ҳисси ватандустӣ хангоми истироҳат [Матн] / Р. Д. Асадуллоев. – Душанбе, 2015. – 43 с. | 100 |
| 87. | Аминов, А. | Таҳқиқи ҷанбаи мероси фарҳанги ғайримоддӣ [Матн] / А. Аминов, зери назари Ш. Комилзода; муҳаррир Д. Раҳимӣ. – Душанбе: Аржанг, 2019. – 304 с. | 250 |
| 88. | Аҳтамзод, Ш. | Таронаҳои ватандорӣ. Донишварон [Матн] / Ш. Аҳтамзод. – Душанбе, 2019. – 72 с. | 5000 |
| 89. | | Дастурамал барои кормандони шуъбаю бахшо ва сармутахассисони дин, танзими анъана ва ҷашну маросим ва ходимони динӣ [Матн]. – Душанбе, 2019. – 37 с. | 22400 |
| 90. | | Забон ва ҳувияти миллӣ [Матн]. – Душанбе: Шарқи озод, 2018. – 256 с. | 500 |
| 91. | | Қонуни танзим – омили рушди мафкураи миллӣ [Матн]: маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ, ш. Душанбе, 6 июни соли 2024 / муҳар. масъ.: Ш. Шосаидзода, Д. Баҳромбеков. –Душанбе: Балоғат, 2024. – 264 с. | 200 |
| 92. | | Маориф ва танзими ҷашну маросимхо [Матн]. – Душанбе, 2017. – 56 с. | 1000 |
| 93. | Мирзоён, З. | Динпаноҳӣ ва меҳанпарастӣ [Матн] / З. Мирзоён. – Душанбе, 2018. – 208 с. | 1000 |
| 94. | Назаров, М. | Минбари сабақи садоқату меҳанпарастӣ [Матн] / М. Назаров. – Душанбе: Шарқи озод, 2021. – 224 с. | 3000 |
| 95. | Раҳмонов Ш. | Анъана ва ҷашну маросим ориёӣ [Матн] / Ш. | 100 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | Раҳмонов. – Душанбе, 2019. – 64 с. | |
| 96. | | Роҳнамо [Матн]: иқтибосҳо аз суханрониҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба танзими анъана ва ҷашну маросимҳо / мураттиб А. Мирзозода; муҳаррир М. Бобошоҳзода. – Душанбе: Балоғат, 2017. – 131 с. | 1000 |
| 97. | | Санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ оид ба тарбияи ватанпарастии ҷавонон [Матн]. – Душанбе: Нодир, 2008. – 108 с. | 1000 |
| 98. | | Сиёсати давлатии ҷавонон ва масоили тарбияи ватанпарастӣ [Матн]. – Душанбе, 2006. – 48 с. | 400 |
| 99. | | Танзим асоси ҳаёти босаодат [Матн]. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2018. – 132 с. | 140 |
| Идомаи ҷадвал | | | |
| 100. | | Танзими расму ойин саодати рузгори мардум [Матн]. – Душанбе: Балогат, 2023. – 88 с. | 300 |
| 101. | | Танзими расму оинҳои миллӣ дар пойтахт [Матн]: бахшида ба 7-умин солгарди қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Торҷикистон”. – Душанбе: ҶДММ Илм, 2014. – 120 с. | 200 |
| 102. | Холмуродов, З. | Рушди ҳунарҳои мардумӣ дар замони истиқлол [Матн] / зери назари Ш. Комилзода; муҳаррир Д. Раҳимӣ. – Душанбе: Аржанг, 2019. – 208 с. | 300 |
| 103. | Худойбердиев, С. | Ватандӯстӣ аз донистани кишвар сар мешавад [Матн] / С. Худойбердиев. – Хуҷанд, 2000. – 98 с. | 500 |
| 104. | Ҳоҷӣ Умархӯҷаи Истаравшанӣ | Андар боби ватану ватандустӣ, ватандорию ваҳдат [Матн]: пандномa / Ҳ. У. Истаравшанӣ. – Душанбе: Эҷод, 2009. – 32 с. | 300 |
| 105. | Холиқзода А. Ғ. | Ватандӯстӣ ва ҳуқуқ [Матн]: монография / А. Ғ. Холиқзода., З. Шоев., Н. А. Холиқов., А. Х. Аминҷонов. – Душанбе: Балоғат, 2024. – 360 с. | 1000 |

Аз натиҷаи таҳлилҳо бармеояд, ки (ҷадвали 3) дар солҳои соҳибистиқлолии кишвар сар карда аз соли 1980 то ба имрӯз доир ба масъалаи тайёр намудани ҷавонон ба тарбияи ватандӯстӣ, қадр кардани арзишҳои миллӣ, махсусан нақши ҷашну маросимҳои миллӣ дар тарбияи хонандагон инъикоси васеи худро ёфтааст. 105 номгӯ маводҳо оид ба нақши ҷашну маросимҳои миллӣ дар тарбияи ватандӯстии хонандагон таҳия, нашр ва дастраси толибилмону омӯзгорон ва падару модарону аҳли ҷамоатчигӣ гардонида шудааст. Дар байни онҳо осори мутафаккирони форсу тоҷик, аз қабили Абӯрайҳони Берунӣ - «Осор-ул-боқия» ва «Китоб-ут-тафҳим лил авоили саноат-ут-танҷим», Абусаъид Абдулҳай ибни Маҳмуди Гардезӣ -

«Зайн-ул-ахбор», Муҳаммади Табарӣ - «Таърихи Табарӣ», Байҳақӣ - «Таърихи Байҳақӣ», Ҳаким Фирдавсӣ - «Шоҳнома» ва ниҳоят қасидаву ғазали шоирони ин аҳд - Унсурӣ, Манучеҳрӣ, Фаррухӣ ва баъдтар Масъуди Саъди Салмон мавқеи хоса доранд. Дар байни маводҳои илмию - методӣ асарҳои муҳаққиқони хориҷӣ Адам Метс, К.А.Инострансев, И.С.Брагинский ва Е.Э. Бертелс дида мешавад, ки он гувоҳи арзишмандии нақши ҷашну маросимҳои миллӣ ҳамчун омили тарбияи ватандӯстӣ, таъмин намудани устувории он дар тамоми кишварҳои олам мебошад. Мутаасифона теъдоди нашри маводҳои мазкур дар муқоиса ба шумораи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, китобхонаҳои давлатӣ-оммавӣ, китобхонаҳои муассисаҳои таълимӣ-тарбиявӣ ва фарҳангии кишвар кифоягӣ намекунад. Чунки аз рӯи ҳисоботи омории Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯзҳо дар кишвар зиёдтар аз 6084 китобхонаҳои вазорату идораҳо, аз ҷумла 1363 китобхонаи давлатӣ-оммавӣ фаъолият менамояд, ки ба талабот ҷавобгӯ нест. Дар баробари ин, аксари асарҳои мутафаккирони форсу тоҷик мутаасифона бо хатти форсӣ ва арабӣ мебошад, ки ба хонандаи мо ошно нест. Мо кӯшидем он асарҳое, ки ба хатти сириликӣ ва бо забони фаҳмои тоҷикӣ нашр гардидаанд, ҷамъоварӣ намоем. Ин ҳам бошад, бениҳояд кам аст. Бинобар ин, вобаста ба ҳолати мазкур сиёсати нашриётро дар ин самт, яъне чопи маводҳои заруриро доир ба ватандӯстӣ, анъана ва ҷашну маросимҳои миллии халқи тоҷик таҷдид назар кардан бениҳояд зарур мебошад.

Ҳамагон медонанд, ки ба раванди ташаккули арзишҳои миллӣ - нақши ҷашну маросимҳои миллӣ ҳамчун омили тарбияи ватандӯстӣ сатҳи барномаҳои амалкунанда ва китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ ва адабиёт барои хониши беруназзинфӣ таъсири амиқ мерасонанд. Аз ин рӯ, ба саволи «Оё барномаҳои амалкунандаи таълимӣ ва китобҳои дарсии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои ташаккули ҳисси ватандӯстии хонандагон тавассути анъана ва ҷашну маросими миллӣ ҷавобгӯ мебошанд?» омӯзгорон чунин посух доданд:




**Диаграммаи 12. Сатҳи ҷавобгӯ будани барномаҳои таълимии амалкунанда ва китобҳои дарсии МТМУ барои ташаккули ҳисси ватандӯстии хонандагон тавассути анъана ва ҷашну маросими миллӣ (ҷавоби омӯзгорон).**

Тавре ки аз натиҷаи таҳлили посуххои муаллимони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки дар таҳқиқот ширкат доштанд (ниг. расми 12), маълум мегардад, ки 27,9% омӯзгорон барномаҳои таълимии мавҷуда ва китобҳои дарсиро пурра мувофиқ арзёбӣ намуда, 26,3%-и онҳо ин масъаларо қариб мувофиқ медонанд. Аммо, 30,9%-и онҳо бар он назаранд, ки барномаҳои таълимии феълӣ ва китобҳои дарсӣ барои рушди ҳисси ватандӯстии хонандагон тавассути анъанаҳо ва маросимҳои миллӣ кофӣ нестанд. Илова бар ин, 14,9%-и пурсидашудагон дар посух додан ба ин савол ба душворӣ рӯ ба рӯ шуданд.

Бо мақсади дарёфти сабабҳо ва омилҳои ин вазъият, ба омӯзгорон саволи зерин пешниҳод гардид: "Ба андешаи Шумо, агар барномаҳои таълимии мавҷуда ва китобҳои дарсӣ барои ташаккули тарбияи ватандӯстонаи хонандагон тавассути анъанаҳо ва ҷашнҳои миллӣ ба дараҷаи кофӣ мувофиқ набошанд, сабаби он дар чист?". Ҷавобҳои гирифташуда дар расми 13 инъикос ёфтаанд (Расми 13).




**Диаграммаи 13. Омилҳои асосии дар сатҳи зарурӣ ҷавобгӯ набудани барномаҳои таълимии амалкунанда ва китобҳои дарсӣ барои ташаккули тарбияи ватандӯстии хонандагон тавассути анъана ва ҷашну маросими миллӣ (ҷавоби омӯзгорон).**

Натиҷаи ҷавобҳои 36,9% респондентон - омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (расми 13) маълум намуд, ки барномаҳои таълимии амалкунанда доир ба ташаккули тарбияи ватандӯстии хонандагон тавассути анъана ва ҷашну маросими миллӣ мукаммал набуда, 27,3% омӯзгорон соатҳои таълимиро барои омӯзиши моҳияти тарбияи ватандӯстии хонандагон тавассути анъана ва ҷашну маросими миллӣ нокифоя мешуморанд, ҳамчунин 22,1% онҳо қайд намудаанд, ки мазмуну мундариҷаи китобҳои дарсӣ, адабиётҳои таълимӣ солҳои тӯлонӣ такмил наёфтаанд, 13,7% омӯзгорон баёни матлабро доир ба тарбияи ватандӯстии хонандагон тавассути анъана ва ҷашну маросими миллӣ дар китобҳои дарсӣ ва дигар адабиётҳои таълимӣ нофаҳмо медонанд.

Суҳбат бо омӯзгорон ва таҳлили машғулиятҳо ошкор намуд,ки дар омӯзиши предметҳои «Адабиёти тоҷик», «Таърихи халқи тоҷик», «Одоби муошират», ки ба раванди ташаккули ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагон таъсири бевосита мерасонанд, вале мутаасифона ҷанбаи тарбиявии онҳо кам ба назар гирифта шудааст. Дар протсеси машғулиятҳо аз осори мутафаккирони форсу тоҷик маводҳои

лозимӣ оид ба ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагон ба қадри зарурӣ истифода бурда намешавад.

Таҳқиқоти озмоиӣ собит намуданд, ки фаъолияти муназзам ва мақсадноки институтҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла муассисаҳои таълимии миёнаю умумӣ, имкон медиҳад, ки заминаҳои мусоид барои ташаккули мақсадноки ҷашну маросимҳои миллӣ ҳамчун абзори тарбияи ватандӯстӣ дар шуури насли наврас фароҳам оварда шаванд. Бо вуҷуди ин, омодагии педагогии омӯзгорон ва волидайн барои ташкили раванди самаранок муҳиммияти беандоза дорад. Низоми такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорон дар баланд бардоштани сатҳи дониши омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба ҷашну маросимҳои миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ нақши калидӣ дорад.

Вале, тавре ки корҳои таҷрибавб-озмоишӣ нишон доданд, омӯзгорони муассисаҳои номбурда маълумоти заруриро барои баланд бардоштани дониши худ дар бораи ҷашну маросимҳои миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ бештар аз шабакаи интернет (14%), рӯзнома ва маҷаллаҳо (17%), барномаҳои телевизион ва радио (23%), китобхонаи маҳалли зист (20%) ва танҳо (12%) дар курсҳои такмили ихтисос ба даст меоранд. Ин гувоҳӣ медиҳад, ки дар курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба масъалаи ташаккули нақши ҷашну маросимҳои миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагон диққати кофӣ дода намешавад.

Дар айни ҳол, ҳама донишҳо, аз ҷумла донишҳо дар бораи нақши ҷашну маросимҳои миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагон ва роҳу воситаҳои ташаккули чунин арзишҳо дар зеҳни насли ҷавон, пайваста такмил меёбанд ва мавқеи нақши ҷашну маросимҳои миллӣ дар низоми умумии арзишҳои умумиинсонӣ тағйир ёфта, муносибати насли наврас нисбат ба онҳо дигар мешавад, раванди дарки моҳияти арзишҳое, ки аз насл ба насл мегузаранд, мураккаб ва душвор мегардад. Бешубҳа, ин ҳолат раванди ташаккули ҷашну маросимҳои миллиро ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии

хонандагон мушкил сохта, аз субъекту ниҳодҳои ба тарбияи насли наврасу ҷавон масъул тақозо карда мешавад, ки ба ин кор муносибат ва масъулияти баланд зоҳир кунанд.

Нақши ҷашну маросими миллӣ дар тарбияи ватандӯстии хонандагон муҳим аст. Ин ҷашнҳо, ки аз насл ба насл мерос мондаанд, бо таҷрибаи ҷомеа робита доранд ва аз санҷиши таърих гузаштаанд. Тарбияи насли наврас дар рӯҳияи арзишҳои миллӣ вазифаи муҳими ниҳодҳои масъули тарбия аст. Масъалаи баланд бардоштани нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ муҳим боқӣ мемонад. Ҳадафи корҳои озмоишӣ таҳқиқи технологияи инноватсионии таълим ва омӯзиши ҷашну маросими миллӣ мебошад.

Дар замони муосир, ки ҷаҳонишавӣ тамоюлҳои фарҳангиро ба ҳам меорад, нақши ҷашнҳо ва маросимҳои миллӣ дар ҳифзи ҳувияти миллӣ ва тарбияи ватандӯстии насли наврас бештар мегардад. Ҷашнҳо ҳамчун зуҳуроти фарҳангӣ, ки таърихи тӯлонӣ доранд, дар худ рамзҳо, арзишҳо ва анъанаҳои мардумро таҷассум мекунанд. Муҳаққиқонтаъкид мекунанд, ки маросимҳо ва ҷашнҳо василаи муттаҳидсозии ҷомеа ва тақвияти эҳсоси мансубият ба гурӯҳи муайян мебошанд.

Иштирок дар ҷашнҳои миллӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки бо таърихи халқи худ, фарҳанги он ва арзишҳои умумиинсонӣ шинос шаванд. Ин шиносоӣ ба ташаккули ҳуввияти миллӣ ва ватандӯстӣ мусоидат мекунад. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки иштироки фаъолона дар чорабиниҳои фарҳангӣ сатҳи худшиносии хонандагонро баланд мебардорад ва ба эҳтиром гузоштан ба фарҳангҳои дигар мусоидат мекунад.

Технологияҳои инноватсионии таълим имкон медиҳанд, ки ҷашнҳо ва маросимҳои миллиро ба раванди таълим самаранок ворид намуд. Истифодаи воситаҳои мултимедиявӣ, ташкили бозиҳои таълимӣ ва лоиҳаҳои эҷодӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки дар омӯзиши фарҳанги миллӣ фаъолона иштирок намоянд. Ин усулҳо ба ташаккули шавқу ҳавас ба таърихи ватан ва арзишҳои миллӣ мусоидат мекунанд.

Бо вуҷуди ин, муҳим аст, ки дар раванди тарбияи ватандӯстӣ аз ифротгароӣ худдорӣ намуд. Ватандӯстӣ набояд ба миллатгароӣ табдил ёбад, балки ба эҳтиром гузоштан ба фарҳанг ва ҳуқуқҳои халқҳои дигар асос ёбад. Таъкид ба арзишҳои умумиинсонӣ ва муколамаи байнифарҳангӣ калиди тарбияи насли наврас дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва эҳтиром ба ҷаҳони муосир аст.

Дар иртибот ба ин, мо барои ноил гардидан ба ҳадаф омӯзиши мавзӯи «Нақши ҷашну маросимҳои миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагон» дар гурӯҳи назоратӣ аз стратегияи анъанавии таълим ва дар гурӯҳи озмоишӣ аз стратегияи инноватсионии таълим истифода намудем:

1. Стратегияи анъанавии таълиму тарбия - протсеси ташкилу баргузории дарсҳо ва чорабиниҳои тарбиявӣ доир ба мавзӯи «Нақши ҷашну маросимҳои миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагон» куллан ба уҳдаи омӯзгорон ва хонандагони синфҳои 9-11 гузошта мешавад. Дар раванди истифода бурдан аз стратегияи анъанавӣ омӯзгор мавқеи калидӣ дошта, машғулиятҳоро тибқи анъана мегузаронад. Дар ин ҳолат ҳадафи машғулият ё чорабинии тарбиявӣ новобаста аз дарки моҳияти он танҳо аз тарафи толибилмон маводҳои дарсҳои гузашта ба хотир гирифта мешавад. Дар ин маврид санҷиш мавқеи муҳим дорад, яъне ҳамаи толибилмон ба воситаи санҷиш (тест) санҷида мешаванд. Бинобар ин, санҷиш метод ё стратегияи калидии арзёбии сатҳи донишу идроки хонандагон ба ҳисоб меравад. Вале ҳангоми истифодаи чунин стратегия заминаи донишандӯзӣ, қобилият ва шавқу ҳаваси толибилмон ба назар гирифта намешавад. Аз ин рӯ, дар раванди татбиқи стратегияи мазкур байни хонанда ва омӯзгормуносибати кофӣ мавҷуд нест, хонандагон барои инкишофи донишу малакаҳои худ он қадар имконияти хуб надоранд. Дар стратегияи анъанавии таълиму тарбия хосатан се шакли маъмул - дастурҳои мустақим, лексия ва кори мустақилона истифода бурда мешавад.

2. Технологияи инноватсионии таълим. Дар ҷараёни таълиму тарбияи ҷашну маросимҳои миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони

муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва волидайни онҳо вобаста ба дараҷаи салоҳияти касбӣ ва собиқаи педагогии омӯзгор аз технологияҳои навсозии зерин истифода бурдан мумкин аст:

1. Технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ
2. Технологияи рушди тафаккури интиқодӣ
3. Технологияи лоиҳаҳо
4. Технологияи таълими рушддиҳанда
5. Технологияи таълими проблемавӣ
6. Технологияи бозӣ (нақшофарӣ)
7. Технологияи модулӣ
8. Кейс- Технология
9. Технологияи таълими ҳамгиро
10. Технологияи гурӯҳӣ ва ғ.

Дар раванди татбиқи технологияҳои инноватсионии таълим баргузорӣ ва таҳлили натиҷагирии омӯзиши мавзуи «Нақши ҷашну маросимҳои миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагон»-ро на танҳо дар заминаи алоқаи  зич байни омӯзгору толибилмони синфҳои 9-11 ҳамчун дарс, балки тавассути ҳамкории тарафайни коллективи омӯзгорон ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар намуди чорабинии тарбиявӣ дарсҳои беруназдарсию беруназмактабӣ  гузаронидан мумкин аст.

Бояд қайд намуд, ки тавсифи муфассали стратегияҳои навсозии таълим ба таҳқиқоти густурда ниёз дорад. Бинобар ин, мо танҳо доир ба бартарияти яке аз намудҳои он - Технологияи «мубоҳисаи гурӯҳӣ» дар ҷараёни омӯзиши нақши ҷашну маросимҳои миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагон маълумот медиҳем.

Технологияи мубоҳисаи гурӯҳӣ дар раванди таҳқиқи проблемаҳои баҳснок барои ташаккули маҳорати толибилмон ба хотири ҳимояи мавқеи худ истифода бурда мешавад. Ҳамзамон, стратегияи мазкур ҳамчун методи иҷтимоӣ-психологӣ дар таълиму тарбияи хонандагон васеъ истифода бурда мешавад, чунки вай барои такмили маҳорати мубоҳиса ва таҳлили раванди мутақобилаи иштирокчиёни мубоҳиса, ҳамчунин саривақт дохил кардани тағйиру иловаҳо дар он имкон медиҳад. Бартарияти чунин шакли таълим аз

он иборат аст, ки ба воситаи он маводи омӯхташаванда туфайли ҳиссёт омӯхта шуда, муддати тулони дар хотир нигоҳ дошта мешавад. Аз ин рӯ, стратегияи мазкурро дар омӯзиши мавзӯи « нақши ҷашну маросимҳои миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагон» ҳамчун методи самарабахши таълимиву тарбиявӣ истифода кардан ба маврид аст.

Аслан, ин стратегия аз як чанд марҳила иборат аст:

1. Марҳилаи якум - омӯзгор хонандагонро бо мундариҷаи мавзӯи баҳс шинос намуда, хонандагонро дар шакли доира ба зергурӯҳҳо ҷудо менамояд. Баъдтар, мавзуи супориширо дар байни гурӯҳҳо тақсим намуда, фикру ақида ва мавқеи онҳоро вобаста ба мавзуъ муайян мекунад. Сипас, намояндаи ҳар як гурӯҳ фикру андешаи гурӯҳро дар байни гурӯҳҳои дигар ҳимоя мекунад.

2. Марҳилаи дуюм - намояндаи ҳар як зергурӯҳ баромад намуда, фикру андеша ҷавобҳои гурӯҳи худро ҳимоя мекунанд. Дигар иштирокчиён ҷараёни баҳсро наззора карда, ба сифати коршинос мазмун ва баёни матлаб, сатҳи эътимоднокию хусусиятҳои сабки андешаҳоро баҳогузорӣ мекунанд. Вале ба раванди баҳс ҳамроҳ намешаванд ин қатъиян манъ аст. Омӯзгор бошад, ба иштирокчиён барои савол додан вақти иловагӣ ҷудо мекунад.

3. Марҳилаи сеюм - вобаста ба мақсади мубоҳиса натиҷаҳои онро дар марҳилаҳои гуногун (аслан дар ду марҳила гузаронида мешавад) таҳлил менамоянд. Агар таҳлили хусусиятҳои робитаи мутақобилаи байни иштирокдорон зарур бошад, омӯзгор аз онҳо хоҳиш менамояд, ки сабабҳои қаноатмандӣ ё ноқаноатмандии худро таҳлил намоянд. Сипас «коршиносон» раванди натиҷаи баҳс ва хусусиятҳои муносибати мутақобилаи иштирокчиёнро арзёбӣ менамоянд. Дар охир, омӯзгор натиҷаи умумии мубоҳисаи иштирокдоронро ҷамъбаст менамояд.

Вазифаҳои зергурӯҳҳое, ки доираи мубоҳисаро ташкил медиҳанд, аз қабили мушоҳидачӣ, мунаққид, коршинос, таҳлилгар, тарафдору мухолиф ва робитаи мутақобилаи байни иштирокчиён муайян мегарданд. Ҳар як иштироккунанда вазифадор аст, ки бо худ варақа ё дафтар дошта, мушоҳидаҳои худро сабт намояд. Вазифаҳои иштирокдорон гуногун буда, омӯзгор метавонад бо назардошти хусусиятҳои фардӣ ва ҳадафҳои мубоҳиса ба ҳар як иштирокчӣ супориши алоҳида диҳад.

Масалан, мушоҳидачии якум шумораи ҷашну маросимҳои миллиеро, ки барои тарбияи ватандӯстии хонандагон зарур аст ва дар рафти мубоҳиса зикр мегарданд, ба ҳисоб мегирад. Мушоҳидачии дуюм вазифадор аст, ки қаноатмандӣ, ноқаноатмандӣ, розигӣ ё норозигии бaромадкунандагонро бо далелҳои асоснок исбот намояд. Мушоҳидачии сеюм бояд ҳадди ақал як роҳи ҳалли масъалаи дар мубоҳиса баррасишавандаро асоснок намояд; аз ҷумла, роҳҳои омодагӣ ба ҷашну маросимҳои миллӣ ва тарбияи ватандӯстии хонандагон.

Давомнокии мубоҳиса набояд аз 40-45 дақиқа зиёд бошад.

Дар ҷараёни омӯзиш ва тарғиби нақши ҷашну маросимҳои миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагон тавассути истифодаи стратегияи навсозии таълим, муносибати байниҳамдигарии омӯзгор ва хонандагон ва инчунин муносибати хонандагон байни ҳамдигар таъмин мегардад.

Бартарии дигари ин технология аз он иборат аст, ки онро на танҳо ҳамчун машғулияти таълимӣ, балки ҳамчун чорабинии тарбиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо ҷалби омӯзгорон ва волидайни хонандагон гузаронидан мумкин аст. Дар ин ҳолат, дараҷаи самарабахшии он дар ташаккули тарбияи ватандӯстии хонандагон тавассути ҷашну маросимҳои миллӣ боз ҳам бештар мегардад. Ин усул ба таъсири мусбати ҷалби ҷомеа дар раванди таълим мусоидат мекунад.

Шарҳи муфассали татбиқи технологияи навсозии таълимро ҳамчун чорабинии тарбиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пешниҳод менамоем (ҷадвали 4).

Ҷадвали 4. Татбиқи технологияи навсозии таълимро ҳамчун чорабинии тарбиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ

| р/б | Вазифа ва иҷрочиён | Мазмуну мундариҷаи корҳо |
|---|---|---|
| 1. | Роҳбарияти муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ | Роҳбарии умумии ҷараёни банақшагирӣ ва ташкил намудани чорабинҳо дар мавзӯи «Нақши ҷашну маросимҳои миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагон» |
| 2. | Ҳайати омӯзгорон | Барои тарбияи ҳисси ватандӯстии хонандагон, амалӣ намудани марҳилаҳои муайян, аз қабили таҳия ва омодасозии мавод, коркарди он, ҷамъоварии маълумот, |

| | | |
|---|---|---|
| | | таҳлили иттилоот, интихоби манбаъҳо ва пешниҳоди маводи зарурии таърихӣ оид ба зуҳур, моҳият, мундариҷаи аслӣ, дигаргунӣ ва паҳлуҳои ҳуқуқии воқеаву ҳодисаҳо, интихоби зарбулмасалу мақолҳо, шеъру андарзҳо, ривоятҳо ва порчаҳои манзуму мансур аҳамияти калон дорад. Ороиши макон ва мавзеи баргузории чорабиниҳо, таъмини таҷҳизоти техникӣ, аксбардорӣ, таҳияи бейҷикҳо, ташкили бозиҳои миллӣ ва мусобиқаҳои варзишӣ, интихоби матни сурудҳо ва мусиқии марбут ба ҷашну маросимҳои миллӣ ҷузъи таркибии раванди таълим ба ҳисоб меравад. |
| 3. | Роҳбарони синф, китобдори МТМУ ва волидайни хонандагон | Таҳия сенарияи чорабинии тарбиявӣ дар мавзӯи «Нақши ҷашну маросимҳои миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагон», интихоби иштирокчиён: тақсимоти нақшҳо, коршинос, мушоҳидачӣ, таҳлилгар, баранда ва муайян кардани вазифаҳои омӯзгорон дар чорабинӣ |

Қайд кардан ба маврид аст, ки азхудкунии нақши ҷашну маросимҳои миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз дараҷаи касбияти омӯзгор ва собиқаи кории ӯ дар фаъолияти педагогӣ вобастагии амиқ дорад.

Бинобар ин, бо мақсади муайян кардани дараҷаи касбияти омӯзгорон доир ба нақши ҷашну маросимҳои миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ дар заминаи пойгоҳҳои эксперименталӣ, яъне МТМУ-и ноҳияҳои Восеъ, Шамсиддин Шоҳин ва шаҳри Кулоб озмоиш гузаронидем. Дар ҷараёни таҳқиқи дараҷаи касбияти омӯзгорон доир ба нақши ҷашну маросимҳои миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ тавассути комплекси саволу супоришҳо санҷиш гузаронидем.

Натиҷаҳои нишондоди вобастагии раванди азхудкунии нақши ҷашну маросимҳои миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро вобаста ба дараҷаи касбияти омӯзгорон дар гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ то санҷиш ва баъди санҷиш пешниҳод менамоем (ҷадвали 5):

Ҷадвали 5. Нишондодҳои вобастагии раванди азхудкунии нақши ҷашну маросимҳои миллӣ дар тарбияи ватандӯстии хонандагон вобаста ба дараҷаи касбияти омӯзгорон

| № | Дараҷаи касбият | Гурӯҳи назоратӣ | | Гурӯҳи озмоишӣ | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | То санҷиш | Пас аз санҷиш | То санҷиш | Пас аз |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | санҷиш |
| 1 | Паст | 0,62% | 0,55% | 0,61% | 0,15% |
| 2 | Миёна | 0,31% | 0,34% | 0,30% | 0,43% |
| 3 | Баланд | 0,7% | 0,11% | 0,9% | 0,42% |

Аз натиҷаҳои қиёсии таҳқиқи гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ (ҷадвали 6) бармеояд, ки пас аз амали намудани корҳои таҷрибавӣ, афзоиши шумораи омӯзгорони сатҳи касбияташон баланд оид ба нақши ҷашну маросимҳои миллӣ дар тарбияи ватандӯстии хонандагон 0,7%-ро ташкил диҳад, пас дар гурӯҳи озмоишӣ бошад ин нишондод ба 0,42% расидааст, ки фарқият дар байни онҳо 0,35% мебошад. Фарқ байни шумораи афзояндаи омӯзгорони дорои дараҷаи миёнаи касбият доир ба нақши ҷашну маросимҳои миллӣ дар тарбияи ватандӯстии хонандагон дар гурӯҳи назоратӣ агар 0,3%-ро ташкил намояд, дар гурӯҳи озмоишӣ бошад он 0,13%-ро ташкил медиҳад. Пас аз ташкил ва баргузор намудани фаъолияти амалӣ шумораи омӯзгорони дараҷаи пасти касбият оид ба арзишҳои миллӣ, аз ҷумлаи нақши ҷашну маросимҳои миллӣ дар тарбияи ватандӯстии хонандагон дар гурӯҳи назоратӣ 0,55%, яъне аз нисф зиёд ва дар гурӯҳи озмоишӣ бошад ба 0,15% рафта расид.

Хулоса, дар натиҷаи таҳлили қиёсии таҳқиқӣ гурӯҳи назоратӣ ва озмоишӣ фарқияти назаррас ба миён омад, ки ба манфиати гурӯҳи озмоишӣ ҳалли худро ёфт. Зиёда аз ин, ин делели бартарияти татбиқи стратегияи навсозӣ дар ҷараёни ташаккули тарбияи ватандӯстӣ тавассути ҷашну маросими миллӣ мебошад.

Барои аниқ намудани моҳияти масъала бо истифода аз натиҷаҳои дар раванди озмоиш ба даст омада, ба тавсифи дараҷаҳои гуногуни касбияти омӯзгорон доир ба нақши ҷашну маросимҳои миллӣ дар тарбияи ватандӯстии мегузарем.

**Дараҷаи баланди касбияти омӯзгор.** Дараҷаи баланди касбияти омӯзгор оид ба нақши ҷашну маросимҳои миллӣ дар тарбияи ватандӯстии хонандагон дар он зоҳир мегардад, ки ӯ дар ҷараёни ташаккули арзишҳои номбаршуда дар тинати хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ

омӯзиши бошууронаи дарки чунин арзишҳоро ба монанди ҷашну маросимҳои миллӣ, тарбияи ватандӯстӣ, якдигарфаҳмӣ, муҳаббат ба Ватан, садоқат, кӯмаки якдигарӣ, моҳияти илму адаб, ҳурмату эҳтироми волидайн, калонсолон, таҳаммулпазирӣ, сарфакориро омӯзонида метавонад. Омӯзгорон на танҳо бо адабиёти илмӣ, методӣ, таълимӣ ва асарҳои мутафаккирони классикӣ ва муосири форсу тоҷик дар бораи аҳамияти ҷашнҳо ва маросимҳои миллӣ дар тарбияи ватандӯстии хонандагон ошно ҳастанд, балки дар асоси консепсияҳои нави таълимӣ, мазмун ва муҳтавои онҳоро ба шогирдон мефаҳмонанд. Онҳо метавонанд банақшагирӣ, ташкил ва таҳлили раванди таълиму тарбияи ватандӯстиро тавассути ҷашнҳо ва маросимҳои миллӣ дар сатҳи баланди илмӣ-методӣ амалӣ созанд.

Омӯзгорони баландихтисос дар масъалаи нақши ҷашнҳо ва маросимҳои миллӣ дар тарбияи ватандӯстӣ ҳамчун намояндагони мактаби таҷрибаи пешқадам шинохта мешаванд. Онҳо дар шуури хонандагон арзишҳоеро ташаккул медиҳанд, ки дар эҳё ва пойдории ҷашнҳо ва маросимҳои миллӣ ҳамчун василаи муҳими тарбияи ватандӯстӣ саҳм мегузоранд.

**Дараҷаи миёнаи касбияти омӯзгор.** Фарқияти омӯзгорони дорои дараҷаи миёнаи касбият доир ба нақши ҷашну маросимҳои миллӣ дар тарбияи ватандӯстӣ аз омӯзгорони дараҷаи баланди касбият дар он зоҳир мегардад, ки онҳо дар раванди ташкилу баргузорӣ, банақшагирӣ ва таҳлили протсесҳои таълимӣ ба рушди тарбияи ватандӯстӣ тавассути ҷашну маросимҳои миллӣ равонашуда бештар ба стратегияи таълиму тарбияи анъанавӣ такя мекунанд. Аз ин рӯ, далелҳои онҳо вобаста ба моҳияти ҷашну маросимҳои миллӣ дар тарбияи ватандӯстӣ барои бунёду пойдории ҷомеаи солим он қадар боварибахш нестанд. Ин гурӯҳи омӯзгорон наметавонанд хонандагонро ба омӯзиши мақсадноки тарбияи ватандӯстӣ тавассути ҷашну маросимҳои миллӣ шавқманд созанд. Чунки омӯзгорони мазкур ба *дараҷаи зарурӣ* моҳияти арзишҳои миллӣ, яъне нақши ҷашну маросимҳои миллӣ дар тарбияи ватандӯстии хонандагонро хуб сарфаҳм намераванд. Аз натиҷаи суҳбат ба чунин омӯзгорон ва таҳлилу мушоҳидаҳои фаъолияти таълимию

тарбиявии онҳо маълум гардид, ки ҳангоми расонидани кӯмаки методию машваратӣ вобаста ба тарзу воситаҳои гузаронидани тарбияи ватандӯстӣ тавассути ҷашну маросимҳои миллӣ дараҷаи касбияти онҳоро баланд бардоштан мумкин аст.

**Дараҷаи пасти касбияти омӯзгор.** Намояндагони чунин гурӯҳ дар раванди омӯзишу гузаронидани ҷашну маросимҳои миллӣ дар тарбияи ватандӯстӣ нисбат ба хонандагон масъулияти паст зоҳир менамоянд. Ин қабил омӯзгорон ҳоло ба моҳияти арзишҳои миллӣ, аз қабили, ҷашну маросимҳои миллӣ, тарбияи ватандӯстӣ ва зарурати баргузорнамоии онҳоро дар муассаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ сарфаҳм нарафтаанд. Сабаби чунин ҳолат пеш аз ҳама ба осори илмию адабии мутафаккирони тоҷику форс ва намояндагони адабиёти муосири тоҷик доир ба нақши ҷашну маросимҳои миллӣ дар тарбияи ватандӯстии хонандагон шинос набудани гурӯҳи мазкури омӯзгорон ва таҷрибаи нокифояи педагогии онҳо мебошад, зеро аксари онҳо нав ба кор саркарда, ё ҳанӯз такмилнаёфта мебошанд. Онҳо дар раванди ташаккули тарбияи ватандӯстӣ тавассути ҷашну маросими миллӣ асосан аз стратегияи анъанавии тадрис истифода мебаранд. Барои такмил додани дараҷаи касбияти омӯзгорони категорияи мазкур доир ба ҷашну маросимҳои миллӣ дар тарбияи ватандӯстӣ бо иштироки хонандагон ташкил намудани силсилаҳои дарсҳои тадрисӣ ва чорабиниҳои  тарбиявӣ бениҳояд зарур аст. Шавқовар набудани усулҳои анъанавии гузаронидани машғулиятҳо вобаста ба ҷашну маросимҳои миллӣ дар тарбияи ватандӯстии хонандагон ҳангоми гузаронидани таҳқиқоти озмоишӣ маълум гардид (расми 14):




**Диаграммаи 14. Сатҳи ҷолибияти барномаҳои таълимии амалкунанда ва китобҳои дарсӣ дар самти ташаккули тарбияи ватандӯстӣ тавассути ҷашну маросими миллӣ (ҷавоби хонандагони синфҳои 9-11 ба ҳисоби фоиз).**

Мо ба толибилмони синфҳои 9-11 бо чунин савол «Агар барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ дар самти ташаккули тарбияи ватандӯстӣ тавассути ҷашну маросими миллӣ ба Шумо шавқовар набошанд, пас сабаб чист?» мурочиат намудем, ки чунин посух доданд (Расми 15):




**Диаграммаи 15. Омилҳои шавқовар набудани барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ дар самти ташаккули тарбияи ватандӯстӣ тавассути ҷашну маросими миллӣ (ҷавоби хонандагони синфҳои 9-11).**

Ҳамин тавр, ба андешаи 37,1% хонандагони синфҳои 9-11-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (расми 15) барнома ва маводҳои таълимӣ оид ба тарбияи ватандӯстӣ тавассути ҷашну маросими миллӣ шавқовар нестанд, 28,7% онҳо соатҳои ҷудошударо барои тадриси моҳияти тарбияи ватандӯстӣ тавассути ҷашну маросими миллӣ нокифоя мешуморанд, ба ақидаи 19,4% хонандагон дарсҳоро доир ба арзишҳои номбаршуда омӯзгорони камтаҷриба мегузаронанд, 14,8% тарзи баёни матлаб оид ба тарбияи ватандӯстӣ тавассути ҷашну маросими миллиро дар китобҳои дарсӣ ва васоитҳои таълимӣ нофамо медонанд. Бинобар ин, ҳангоми ба нақша гирифтани чорабиниҳо оид ба нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ омилҳои зерин бояд ба назар гирифта шаванд.

Барои аниқ кардани дараҷаи идроки моҳияти ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагон мо ба хонандагону омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва волидайни хонандагон ба саволи «Кадом омилҳо ба раванди пойдории ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ таъсири бештар мерасонанд?» муроҷиат кардем.

Мувофиқи таҳлили посухҳои муаллимон, хонандагон ва волидайн, арзишҳои маънавӣ ва ахлоқӣ (28,3%) дар ташаккули арзишҳои шахсӣ ва иҷтимоӣ аҳамияти бештар доранд. Баъдан, омилҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ (25,1%), ҳуқуқӣ (21%), иҷтимоӣ ва иқтисодӣ (16,9%), фарҳангӣ ва миллӣ (4,4%) ва табиӣ ва ҷуғрофӣ (4,3%) ҷойгиранд.

Таҳлили натиҷаҳои пурсиш нишон дод, ки аксарияти иштирокчиён нақши арзишҳои маънавӣ ва ахлоқиро дар тарбияи ватандӯстӣ муҳим мешуморанд. Ин мувофиқ аст бо таъкиди Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи эҳтиром ба арзишҳои умумиинсонӣ ва фарҳанги миллӣ ҳамчун асоси маънавии ҷомеа. Ҳамчунин, таваҷҷуҳ ба омилҳои

ҷамъиятӣ ва давлатӣ инъикосгари таъсири сиёсати давлатӣ ва институтҳои ҷамъиятӣ дар ташаккули ҳисси ватандӯстӣ мебошад.

Нақши омилҳои ҳуқуқӣ дар пойдории ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки муқаррароти қонунгузорӣ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ метавонанд заминаи мустаҳками ҳуқуқиро барои баргузории чорабиниҳои миллӣ ва тарғиби арзишҳои ватандӯстӣ фароҳам оваранд. Ин нукта бо Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад ва ба аҳамияти қонунгузорӣ дар тарбияи насли наврас таъкид менамояд.

Камтар будани саҳми омилҳои фарҳангӣ ва миллӣ дар посуххои пурсидашудагон шояд аз он гувоҳӣ диҳад, ки зарурати тақвияти корҳои таблиғотӣ ва тарғиби фарҳанги миллӣ дар байни насли наврас вуҷуд дорад. Мувофиқи таҳқиқоти илмӣ, фарҳанг ва забон нақши муҳимро дар ташаккули худшиносии миллӣ ва ҳисси ватандӯстӣ мебозанд.

Дар маҷмӯъ, натиҷаҳои пурсиш нишон медиҳанд, ки барои пойдории ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ, таъсири ҳамаҷонибаи омилҳои гуногун, аз ҷумла маънавӣ, ахлоқӣ, ҷамъиятӣ, давлатӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва табиӣ зарур аст. Ин муносибат имкон медиҳад, ки барномаҳои тарбиявии самараноктар таҳия ва татбиқ карда шаванд, ки ба ташаккули шахсияти ватандӯст мусоидат мекунанд.

Ҳамин тавр, мо дар раванди таҳқиқот ба волидайни хонандагон низ бо ҳамин савол муроҷиат намудем.

Муносибати волидайни хонандагон нисбат ба омилҳое, ки раванди пойдории ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ бештар таъсиргузор аст, аз омӯзгорон фарқ мекунад. Дар ҷавоби волидайни хонандагон таъсири омилҳои фарҳангӣ- миллӣ ба раванди пойдории ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ бо 27% дар ҷойи якум

ва ҷои дуюм бошад бо 20,7% омилҳои маънавӣ-ахлоқӣ меистад. Теъдоди волидайне, ки таъсири омилҳои ҷамъиятӣ-давлатӣро ба раванди пойдории ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ ҷонибдорӣ намудаанд 22,7%-ро ташкил дод. Ҳамин тавр, волидайни хонандагон ба раванди пойдории ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ ба таъсири омилҳои табиӣ-ҷуғрофӣ 14,6%, омилҳои ҳуқуқӣ 7,3% ва омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ 7,7% додаанд.

Мо ҷиҳати таъмини аёният ва таҳлили муқоисавии ҷавоби таҳқиқшавандагон - омӯзгорон, хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва волидайни онҳо ҷамъбасти ҷавоби хонандагонро ба саволи «Кадом омилҳо ба раванди пойдории ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ таъсири бештар мерасонанд?» дар зер (ҷадвали 6) пешниҳод менамоем:

Ҷадвали 6. Тақсимоти ҷавоби хонандагони синфҳои 9-11-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба саволи «Кадом омилҳо ба раванди пойдории ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ таъсири бештар мерасонанд?» (ба ҳисоби фоиз)

| № | **Варианти ҷавобҳо** | **Ба ҳисоби фоиз** |
|---|---|---|
| 1. | Омилҳои маънавӣ-ахлоқӣ | 16,1 |
| 2. | Омилҳои фарҳангӣ-миллӣ | 19,1 |
| 3. | Омилҳои табиӣ-ҷуғрофӣ | 10,3 |
| 4. | Омилҳои ҷамъиятӣ-давлатӣ: | 21,2 |
| 5. | Омилҳои ҳуқуқӣ | 17,9 |
| 6. | Омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ | 15,4 |

Аз таҳлили ҷавоби хонандагони синфҳои 9-11 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба саволи «Кадом омилҳо ба раванди пойдории ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ таъсири бештар

мерасонанд?» бар меояд, ки (ҷадвали 6) ин гурӯҳи респондентҳо дар раванди пойдории ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ таъсири омилҳои ҷамъиятӣ-давлатиро бо 21,2% дар ҷойи аввал; омилҳои фарҳангӣ-миллиро бо 19,1% дар ҷойи дуюм; омилҳои ҳукуқиро бо 17,9% дар ҷойи сеюм; омилҳои маънавӣ-ахлоқиро бо16,1% дар ҷойи чорум; омилҳои ичтимоӣ-иқтисодиро бо 15,4% дар ҷойи панҷум ва омилҳои табиӣ-ҷуғрофиро бо 10,3% дар ҷойи шашум мегузоранд.

Хонандагони синфҳои 9-11 дар раванди хониши беруназсинфӣ ва дарсҳои тарбиявӣ донишҳои худро оид ба нақши ҷашну маросимҳои миллӣ дар тарбияи ватандӯстӣ такмил медиҳанд. Омӯзгорон усулҳои гузаронидани ҷашнҳоро ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ санҷида, касбияти худро баланд мебардоранд.

Дар дарсҳои таърих, ҷамъиятшиносӣ, одоб ва диншиносӣ, инчунин тавассути омӯзиши осори мутафаккирони форсу тоҷик, хонандагон донишҳоро оид ба нақши ҷашну маросимҳо дар тарбияи ватандӯстӣ аз худ мекунанд. Сатҳи дониши хонандагон баъди омӯзиши фанҳои мазкур муайян карда мешавад.

Барои аниқ намудани сатҳи дониш, суҳбат, санҷиш, пурсишнома ва корҳои амалӣ гузаронида шуданд. Натиҷаҳо нишон доданд, ки баъди таълими фанҳо, дониши хонандагон оид ба нақши ҷашну маросимҳо дар тарбияи ватандӯстӣ беҳтар шуда, муносибаташон ҷиддитар ва ҳисси масъулияташон васеътар мегардад.

Ҷиҳати таҳкими минбаъдаи донишҳои хонандагон дар бораи арзишҳои ватандӯстӣ тавассути ҷашну маросимҳои миллӣ, дар муассисаҳои таълимӣ барномаҳои махсус таҳия ва амалӣ карда шуданд. Ин барномаҳо, дар асоси Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба рушди ҳисси ифтихори миллӣ, эҳтиром ба арзишҳои фарҳангӣ ва таърихии халқи тоҷик, инчунин ташаккули масъулияти шаҳрвандӣ равона гардидаанд.

Барои таъмини самаранокии ин барномаҳо, омӯзгорон аз курсҳои такмили ихтисос мегузаранд, ки дар онҳо усулҳои муосири таълим ва тарбия,

аз ҷумла истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди таълим муаррифӣ мешаванд. Таваҷҷӯҳи махсус ба тарғиби аҳамияти ҷашнҳои Наврӯз, Меҳргон ва Сада ҳамчун намунаҳои беҳтарини мероси фарҳангии миллӣ зоҳир мегардад.

Дар раванди татбиқи барномаҳои таълимӣ, ҳамкорӣ бо волидайн ва ҷомеаи маҳаллӣ ба роҳ монда мешавад. Гузаронидани чорабиниҳои муштарак, аз қабили озмунҳо, намоишгоҳҳо ва конфронсҳои илмӣ-амалӣ, ба баланд бардоштани шавқи хонандагон ба омӯзиши таърих ва фарҳанги халқи тоҷик мусоидат мекунад. Инчунин, ширкати фаъолона дар ҷашнҳои миллӣ, ба монанди Рӯзи Ваҳдати миллӣ, Рӯзи Истиқлолият, ҳисси ватандӯстиро дар дили насли наврас тақвият мебахшад.

Дар баробари ин, дар муассисаҳои таълимӣ чорабиниҳо оид ба пешгирии зуҳуроти номатлуб дар байни ҷавонон, аз қабили терроризм, экстремизм ва дигар шаклҳои ифротгароӣ гузаронида мешаванд. Омӯзгорон дар якҷоягӣ бо кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва намояндагони дин, корҳои фаҳмондадиҳиро анҷом дода, аҳамияти сулҳу суботро дар ҷомеа таъкид мекунанд. Ин тадбирҳо ба ташаккули ҷаҳонбинии дурусти хонандагон ва омодагии онҳо ба зиндагии мустақилона дар ҷомеа мусоидат мекунанд.

Дар маҷмӯъ, тадбирҳои андешидашуда ҷиҳати таҳкими донишҳои хонандагон оид ба нақши ҷашну маросимҳои миллӣ дар тарбияи ватандӯстӣ ва ташаккули ҳисси масъулиятнокӣ дар назди Ватан самаранок мебошанд.

Дар низоми таълиму тарбияи муосир вазифаи муҳимтарини таълими силсилаи фанҳои номбаргардида дар олами маънавии шахс фаро гирифтани доираи васеи мазмунҳои педагогӣ-психологӣ, гуногунии ҷаҳонбинӣ чи аз ҷиҳати таърихӣ ва чи тавассути ошкор намудани хусусияти хоси арзишҳои миллӣ, аз ҷумла нақши ҷашну маросимҳои миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ мебошад. Аз ин рӯ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақша ва барномаҳои таълимӣ дар асоси модели этнофарҳангии таҳсилоти умумӣ ва касбӣ, дар робита бо ҷузъи миллӣ тартиб дода мешаванд.

Ҳамин тариқ, нақши ҷашну маросимҳои миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ дар мазмуни таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳамчун низоми ҷудонашавандае амал мекунанд, ки дар раванди таълиму тарбия амалӣ мешаванд. Бинобар ин, бо назардошти тарбияи ватандӯстӣ тавассути ҷашну маросимҳои миллӣ дар соҳаи тарбия, дар асоси таҳлилҳои таҷрибаи иҷтимоии инсоният мо мебинем, ки онҳо дар раванди таълиму тарбия маҷмӯи донишҳои доимо афзояндаву тағйирёбанда, таҷрибаи муносибатҳои эмотсионалӣ ва мақсаднокро дар муносибат ба олам ифода мекунад. Бинобар ин, ҳангоми омода намудани хонандагон дар муассисҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба методикаи татбиқи тарбияи ватандӯстии хонандагон тавассути ҷашну маросимҳои миллӣ ҳамчун қисми таркибии педагогикаи миллӣ бояд диққати зарурӣ дода шавад.

Шаклу восита ва намудҳои корҳои таълиму тарбиявӣ, ки дар ин фасл мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтанд, на танҳо ба иҷрои вазифаҳо ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи дониши хонандагон, омӯзгору волидайни хонандагон дар бораи нақши ҷашну маросимҳои миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ, балки онҳо ба самарабахшии ҷараёни ташаккули арзишҳои миллӣ, яъне ҷашну маросимҳои миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ дар замони муосир ёрӣ мерасонанд.

## Хулосаи боби дуюм

Таҳлил ва таҳқиқи нақши ҷашну маросимҳои миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ ва умуман арзишҳои миллӣ бо консепсияҳои муосир бори дигар исбот намуд, ки тарбияи ватандӯстӣ тавассути ҷашну маросимҳои миллӣ яке аз арзишҳои муҳимтарин ва неруи асосии ҷомеа ба ҳисоб меравад. Бинобар ин,ояндаи ҳар як ҷомеа ва кишвари муосир аз он вобаста аст, ки ҷашну маросимҳои миллӣ вазифаҳои иҷтимоии худро дар кадом сатҳ ва чи гуна иҷро карда метавонад, кадом воситаи тарбияи ватандӯстӣ ва кадом арзишҳои хуввиятсозро комил месозад? Оё ҷашну маросимҳои миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ, ки дар муҳити ҷомеа инкишоф мекунанд, барои ҷомеаи муосир созгор шуда метавонанд?

Агар нақши ҷашну маросимҳои миллиро ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагон дар масири таърих дида бароем, он раванди гуногун дошта, дорои хусусиятҳое мебошад, ки аз нуктаи назари илмҳои педагогӣ, психологӣ сиёсатшиносӣ, фалсафӣ, сотсиология, фарҳангшиносӣ ва ғайра онро шарҳу тавзеҳ додан мумкин аст. Ҷашну маросимҳои миллӣ дар муҳите ҷараён мегирад, ки он дар протсеси иҷтимоишавӣ, камолоти ҷисмонӣ, равонӣ ва маънавии насли наврас вуҷуд дорад ва аз хурдӣ одаму оламро тавассути падару модар омӯхта, муоширати худро ба муҳити атроф ба воситаи ақлу заковати волидайн роҳандозӣ менамояд. Баъдтар, дар заминаи ҳамин арзишҳо волидайн дар тинати фарзандони худ арзишҳои дигарро инкишоф медиҳанд, ки барои минбаъд ба камол расидани онҳо мусоидат менамоянд.

Бояд гуфт, ки ин ҷашнҳои дунявӣ сарнавишти якхела доштанд. Дар замонҳои гуногун ва дар аҳди ҳокимони гуногун ҷашнҳои мазкур аз тарафи равияҳои динию мазҳабӣ ва идеологӣ таъқиб шуда, мамнуъ эълон мегардиданд. Вале ин ҷашнҳо дар хотири халқ нақш баста, дар ҳаёти рӯзмарраи онҳо амал мекард. Хоҳиши ҳаёти рангину зебо бахту саодат, ки дар мазмуну мундариҷаи ин ҷашнҳо маҳфӯз буд, тамоман аз байн нарафт. Ин орзую омол дар ашъори шоирон, сурудҳои мардумӣ, рақсу бозиҳои

мухталифу пурмуҳтаво инъикос меёфтанд. Тавассути ин ҷашнҳо на танҳо ормонҳои некхоҳӣ ва ҳақиқатҷӯйӣ тарғиб мегардид, балки хислатҳои манфии инсонӣ, ба мисли тамаъкорӣ, ғурури такаббурӣ, ҳамоқат, ки дар ҳаёти иҷтимоии одамон ба мушоҳида мерасад, маҳкум карда мешавад.

Характери пайдоиш, мазмун ва аҳамияти ин ё он анъана ва ҷашну маросимҳо, пеш аз ҳама, ба дараҷаи истифодаи натиҷаҳои моддию маънавии фаъолияти меҳнатии одамон, вобастагии қатъии он ба усулҳои истеҳсолоти моддӣ ва маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятию иқтисодии одамон дар давраҳои мушаххас муайян карда мешавад.

Истиқлолияти давлатӣ ва иқдомоти Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имконият фароҳам овард, ки мардуми тоҷик ба эҳёи фарҳанги куҳан, оину суннатҳо ва мероси моддиву маънавии хеш рӯ оварад.

Дар ин замина, таваҷҷуҳи хосса ба омӯзиш ва тарғиби таърихи миллӣ зоҳир гардид. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи идҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»" бо ворид намудани ҷашнҳои Наврӯз, Меҳргон ва Сада ба рӯйхати идҳои давлатӣ, аҳамияти эҳёи анъанаҳои миллиро таъкид намуд. Ин иқдомҳо дар навбати худ, ба таҳкими ҳувияти миллӣ ва ваҳдати ҷомеа мусоидат карданд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҳифзи мероси фарҳангӣ ва таърихии халқи тоҷик чораҳои мушаххас андешид. Аз ҷумла, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009, №619 "Дар бораи Феҳристи миллии мероси фарҳангии ғайримоддии халқи тоҷик" тасдиқ гардида, ин самт ба танзим даровараа шуд. Бо ин мақсад, осорхонаҳо, ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ таъмиру тармим гардида, барои ҷалби сайёҳон шароити мусоид фароҳам оварда шуд.

Ҳамзамон, нашри асарҳои илмӣ ва бадеӣ оид ба таърихи халқи тоҷик, аз ҷумла "Тоҷикон" - и академик Бобоҷон Ғафуров, ки ба забонҳои гуногуни ҷаҳон тарҷума шудааст, ба густариши маърифати таърихӣ дар дохил ва хориҷи кишвар мусоидат намуд. Инчунин, ташкили конфронсҳои илмӣ ва фарҳангӣ, ҷашнҳои умумимиллӣ ба монанди 1150-солагии давлати

Сомониён, 2700-солагии шаҳри Кӯлоб ва дигар ҷашнҳо, барои таҳкими ифтихори миллӣ ва худогоҳии мардум нақши муҳим бозиданд.

Ин иқдомҳо, дар навбати худ, ба эҳёи ҳунарҳои қадима ва интиқоли онҳо ба наслҳои оянда, хосатан, ба тарбияи ватандӯстии насли наврасу ҷавони кишвар мусоидат намуданд.

**Бо назардошти ин мантиқ, мо ҷамъбасти ин бобро** ба таври зайл хулоса намудем:

- муайян карда шуд, ки на ҳама ҷашну маросимҳо дар тӯли асрҳо боқӣ монда, оммавӣ ва барои одамону ҷомеа муфид мешаванд. Пеш аз ҳама, ҳамон ҷашну анъанаҳое, ки дар ташаккули одам нақш бозида, ба меҳнату истироҳати ӯ саҳм мегузоранд ва бо беҳтарин орзую умедҳои ҳаётӣ иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, ахлоқӣ-эстетикии одамон муносибатҳои муфид доштанду доранд, ҳифз ва нигоҳ дошта мешаванд.

- маълум гардид, ки новобаста аз гирудорҳои сиёсию иқтисодӣ, фарҳангию мазҳабӣ, ҷашну маросимҳои халқи тоҷик аз гузаштаҳои дур то имрӯз эътибору манзалати иҷтимоии хешро ҳифз намуда, то замони мо омада расиданд.

- исбот карда шуд, ки бо шарофати дарёфти дурдонаҳои пурқимати тарбиявӣ аз осори ниёгон имкон фароҳам омад, ки ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ дар ҷомеаи муосир муқобили ҳама гуна таҳаввулоти замони муосир солиму побарҷо боқӣ бимонад.

- муайян карда шуд, ки барои таҳқиму пойдории ҷашну маросими милли ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагон тадбирҳо дар соҳаи педагогӣ, психологӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва қонунгузорӣ ба таври бонизом роҳандозӣ карда шавад.

- таҳлили ҳамаҷонибаи осори педагогии мутафаккирони форсу тоҷик нишон дод, ки аксарияти онҳо дар радифи баррасии нақши ҷашну маросимҳои миллӣ дар масъалаи тарбияи ватандӯстӣ низ ақидаҳои пурарзиш иброз намудаанд.

- маълум гардид, ки омӯзиши ҳамаҷонибаи афкори педагогии мутафаккирони форсу тоҷик дар самти тарбияи насли наврас, таҳкиму пойдории нақши ҷашну маросими милли дар тарбияи ватандӯстии толибилмон аҳамияти назариявию амалӣ доранд.

- аниқ карда шуд, ки барои ташаккули самарабахши таҳкими ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагон шароитҳои зерини педагогиро фароҳам овардан зарур аст:

- созмон додани низоми ягонаи таълиму тарбия доир ба ташаккули ватандӯстӣ тавассути ҷашну маросими миллӣ бо фарогирии тамоми ниҳодҳои ҷомеа;

- омӯзондани ҳамон тарзи ҷаҳонбинӣ, ки тавонад ҷашну маросими миллӣ ва тарбияи ватандӯстиро ҳамчун арзиши умумимиллӣ ҳар як фарди ҷомеа дарк намояд;

- аз барои пойдорию ғанӣ гардонидани ҷашну маросими миллӣ омода намудани ҳар як аъзои ҷомеа, махсусан хонандагон, омӯзгорон ва волидайни хонандагон;

- дар рӯҳияи ҳисси ватандӯстӣ, хештаншиносӣ ба Ватан ба ҷомеа тарбия намудани ҳар як хонандаи МТМУ;

- ташаккули маҷмӯи донишҳои хонандагони МТМУ доир ба нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ;

- дар ниҳоди ҳар як сарварони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ ташаккул ёбад;

- дар ҷараёни таълиму тарбияи хонандагон вобаста ба нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ омӯзгорону волидайн бояд доимо донишу малакаҳои педагогии хешро такмил диҳанд;

- азхуд кардани технологияи нави таълиму тарбия ва омода шудан ба татбиқи ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ;

- азхуднамоии донишу малака, маҳорат ва қобилияти истифодабарии ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ дар МТМУ;

- омода кардани шароит барои муҳити таҳаммулпазирӣ ва дарки манфиатҳои ҷашну маросими миллӣ ва тарбияи ватандӯстӣ аз тарафи хонандагон ва аҳли ҷомеа.

# ХУЛОСА

Насли ояндасоз бояд таърихи миллат, анъана, ҷашну маросим ва хусусиятҳои халқро донад, зеро онҳо воситаи тарбияи ватандӯстӣ мебошанд. Анъана ва расму оинҳо намунаи устувори рафтор буда, дар тӯли асрҳо азхуд карда мешаванд. Дигаргуниҳои даврони соҳибистиқлолӣ дар маорифи тоҷик боиси таҳаввулоти азим дар ҳаёти ҷомеа ва арзишҳои миллӣ гардид. Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ҳаёти ҷомеаи мутамаддин аҳамияти бештар пайдо мекунанд.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва таъсири фарҳангҳои гуногун ба ҷаҳони муосир, донистани таърихи миллат, арзишҳои фарҳангӣ ва анъанаҳои миллӣ барои ташаккули шахсияти ватандӯст ва созанда аҳамияти бебаҳо дорад. Таърих, анъана ва ҷашнҳо ҳамчун воситаҳои тарбиявии ватандӯстӣ нақши муҳимро дар ҳифзи ҳувияти миллӣ ва пешгирии аз даст додани арзишҳои аҷдодӣ мебозанд. Дар ин замина, омӯзиши мероси фарҳангӣ ва таърихии халқ дар муассисаҳои таълимӣ бояд афзалият дошта бошад.

Таҳқиқоти муосир дар соҳаи педагогика ва психология нишон медиҳанд, ки шинохти таърих ва фарҳанги миллӣ ба ташаккули эҳсоси ифтихор аз миллат, ватандӯстӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ мусоидат мекунад. Масалан, олими маъруфи рус Д.С. Лихачёв дар асарҳои худ таъкид менамуд, ки бе донистани гузашта, бунёди ояндаи дурахшон ғайриимкон аст. Ин нукта дар суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ пайваста таъкид мегардад, ки ҳифзи мероси фарҳангӣ ва арзишҳои миллӣ вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванд аст.

Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ин раванд нақши калидӣ доранд. Барномаҳои таълимӣ бояд ба таври мукаммал таърих, фарҳанг ва анъанаҳои халқи тоҷикро дар бар гиранд. Барои ин, таҳияи китобҳои дарсӣ ва маводи таълимии муосир, ташкили чорабиниҳои фарҳангӣ ва таърихӣ, аз қабили конференсияҳо, намоишгоҳҳо ва саёҳатҳои таърихӣ зарур аст. Инчунин, ҷалби мутахассисони соҳибтаҷриба дар соҳаи таърих,

фарҳангшиносӣ ва этнография ба раванди таълим метавонад ба баланд бардоштани сифати таълим мусоидат намояд.

Илова бар ин, дар шароити муосир, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим метавонад ҷолибияти омӯзиши таърих ва фарҳангро барои насли наврас афзоиш диҳад. Таҳияи барномаҳои таълимии интерактивӣ, истифодаи захираҳои интернетӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ метавонад ба таври назаррас дар тарғиби арзишҳои миллӣ ва фарҳангӣ мусоидат намояд. Ҳамзамон, дар ин раванд, бояд эҳтиёткор буд, то ки маълумоти пешниҳодшаванда дақиқ ва асоснок бошад ва ба манфиатҳои миллӣ мувофиқат кунад.

Шароити ниҳоят мураккаб ва печидаи ҷаҳони муосир, рушду равнақи ҷараёни тамоюлҳои манфӣ, махсусан шиддат гирифтани ҷаҳонишавии фарҳангу фазои иттилоотӣ, ки барои ҳуввияти миллӣ, ахлоқу маънавиёт, аз ҷумла ҷашну маросими миллӣ, тарбияи ватандӯстию хештаншиносӣ хатари калон дорад, ниҳодҳои иҷтимоӣ, қабл аз ҳама низоми таълиму тарбияро водор месозад, ки барои баланд бардоштани нуфузу эътибори арзишҳои бузурги миллӣ, аз ҷумла нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ саъю кушиши қотеъонаро анҷом диҳанд.

Аз тарафи дигар, ҳаминро ба назар гирифтан лозим аст, ки ҳар як халқ, миллат психология ва характери ба худ хос дорад, ки бе он сифати кори тарбиявиро беҳтар намудан имконнопазир аст. Ин характери мазкур дар нақши ҷашну маросими миллӣ, тарбияи ватандӯстӣ, эҷодиёти халқ ва ниҳоят, пеш аз ҳама, дар дониш ва таҷрибаи педагогии тарбияи ниёгон зоҳир мегардад. Аз ин ҷо бояд муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо назардошти проблемаҳои зикргардида ба кори тарбияи ватандӯсти тавассути ҷашну маросими миллӣ шурӯъ намуданашон зарур аст.

Ҷашну маросимҳои миллӣ дар тарбияи ватандӯстии насли наврас накши муҳим доранд. Омӯзиши амиқи аҳамияти педагогии онҳо, бо назардошти афкори мутафаккирони форсу тоҷик, муайян кардани ҷойгоҳашон дар тарбия

ва татбиқи онҳо дар тарбияи ахлоқӣ аҳамияти илмӣ ва амалӣ дорад. Ҷашну маросимҳо арзишҳои миллиро фаро гирифта, инсонро ба роҳи ҳақ ҳидоят мекунанд ва ба омӯзиши дониш даъват менамоянд. Онҳо доимо дар ҳаракат буда, ҷомеаро инкишоф медиҳанд ва аз насл ба насл мегузаранд. Арзишҳои миллию умумибашарӣ метавонанд илми педагогиро мукаммал гардонанд.

Ҷашнҳо ва маросимҳои миллӣ ҳамчун воситаҳои ташаккули ҳисси ватандӯстӣ дар насли наврас, на танҳо анъанаҳои фарҳангиро ҳифз мекунанд, балки заминаи мустаҳками иҷтимоию ахлоқиро барои рушди шахсият фароҳам меоранд. Таҷлили Наврӯз, Меҳргон, Сада ва дигар ҷашнҳои миллии тоҷикӣ, ки дар асарҳои мутафаккирони классик, аз қабили Абуалӣ ибни Сино ва Носири Хусрав инъикос ёфтаанд, ба насли наврас арзишҳои умумиинсонӣ, аз қабили сулҳ, дӯстӣ, ҳамбастагӣ ва эҳтироми якдигарро меомӯзонанд.

Маросимҳо, аз қабили тӯй, азодорӣ ва дигар маросимҳои марбут ба давраҳои гуногуни зиндагии инсон, ҳамчун ниҳодҳои иҷтимоӣ, нақши муҳим дар интиқоли мероси фарҳангӣ ва арзишҳои ахлоқӣ мебозанд. Онҳо ба ҷавонон имкон медиҳанд, ки дар фаъолиятҳои иҷтимоӣ иштирок намуда, малакаҳои муошират ва ҳамкорӣ ба даст оранд. Дар ин замина, таҳқиқи амиқи таъсири маросимҳо ба рушди шахсият ва муайян намудани усулҳои самараноки татбиқи онҳо дар раванди тарбиявӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Бо назардошти аҳамияти ҷашнҳо ва маросимҳо дар тарбияи ватандӯстӣ, зарур аст, ки омӯзгорон ва мураббиён аз усулҳои муосири таълим ва тарбия истифода баранд. Ин усулҳо бояд ба фаъолияти мустақилонаи хонандагон, инкишофи тафаккури интиқодӣ ва эҷодии онҳо равона карда шаванд. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ метавонад ба таври назаррас ҷараёни омӯзишро осон ва шавқовар гардонад.

Дар замони ҷаҳонишавӣ, ки таҳдидҳои зиёде ба фарҳанги миллӣ вуҷуд доранд, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва таҳкими ҳисси ватандӯстӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад. Ҷашнҳо ва маросимҳо метавонанд ҳамчун як воситаи муҳими муқовимат ба ин таҳдидҳо хизмат кунанд. Онҳо ба насли наврас

имкон медиҳанд, ки решаҳои худро дарк намуда, ба фарҳанги миллӣ эҳтиром гузоранд ва дар рушди он саҳмгузор бошанд.

Ниҳоят, ҷашнҳо ва маросимҳои миллӣ на танҳо як ҷузъи фарҳанги миллӣ, балки як воситаи муҳими тарбияи ватандӯстии насли наврас мебошанд. Онҳо имкон медиҳанд, ки арзишҳои умумиинсонӣ, аз қабили сулҳ, дӯстӣ, ҳамбастагӣ ва эҳтироми якдигар дар зеҳни ҷавонон ҷой дода шаванд. Аз ин рӯ, таҳқиқи амиқи аҳамияти педагогии онҳо ва татбиқи самараноки онҳо дар раванди тарбиявӣ вазифаи муҳим барои педагогҳо, мураббиён ва дигар кормандони соҳаи маориф ба ҳисоб меравад.

**Бо назардошти ин мантиқ, мо** натиҷаҳои таҳқиқамонро ба таври зайл ҷамъбаст намудем:

1. Муайян карда шуд, ки таҷдиди омӯзиш ва пойдор намудани нақши ҷашну маросими миллӣ дар тарбияи ватандӯстии хонандагон ҳамчун арзишҳои пешқадами халқи тоҷик дар низоми таълиму тарбияи муосир аз гуфтаҳои зерин бармеояд:

а) зарурати азхуднамоии арзишҳои миллӣ, аз ҷумлаи нақши ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ ба вуҷуд омадааст;

б) рафтору кирдор, ҳиссиёти ахлоқӣ, фаҳмиш ва таҷриба дар зери таъсири ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстӣ ташаккул меёбад;

в) мафҳуми нав - роҳҳои пурҳаяҷони истифодаи тарбияи ватандӯстӣ тавассути ҷашну маросими миллӣ дар низоми тарбия ба миён омадааст;

г) зарур аст, ки минбаъд низ тарбияи ватандӯстӣ тавассути ҷашну маросими миллӣ дар асоси афкори педагогии мутафаккирони форсу тоҷик такмил дода шуда, ҳамчун роҳҳои баланд бардоштани касбияти педагогӣ дар низоми тарбияи муосир истифода шаванд [3-М].

2. Исбот карда шуд, ки ҷашну маросими миллӣ ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагон қисми таркибии педагогика буда, дар низоми таълиму тарбияи ахлоқии даврони муосир нақши басо калон мебозанд, зеро асоси шахсияти инсон дар низоми таълиму тарбия гузошта мешаванд[3-М].

3. Муайян карда шуд, ки худи мафҳуми «анъана», ки ҳамчун мафҳуми «одат», «оин», «маросим» истифода мешавад, тамоми мероси маънавиро аз насл ба насл фаро мегирад. Меъёри аҳамияти иҷтимоии ҳар як анъана, аз ҷумла анъанаи тарбиявӣ бояд ба мақсад ва вазифаҳои тарбияи ахлоқии насли наврас мувофиқат намояд [2-М].

4. Муайян гардид, ки таҳқиқи ҷанбаҳои муҳтавои идҳо ва маросимҳои миллӣ ҳамчун абзори таълими ватандӯстӣ ба шогирдон, имкон медиҳад онро ба таври зайл тавсиф намуд:

- дастоварди арзишманди равияи инсонгароӣ ва демократӣ;

- иҷрои комили вазифаҳои тарбиявӣ, ташаккули шахсият ҳамчун ҷараёни ҳадафманд;

- зарфияти инъикоси унсурҳои меҳварии фарҳанги педагогӣ: эҳтироми бузургсолон, меҳмоннавозӣ, фурӯтанӣ, виҷдони пок, дилсӯзӣ, сулҳхоҳӣ, меҳнатдӯстӣ, муҳаббат ба кӯдак, модар ва Ватан;

Эътимодбахшии ба кор бурдани анъанаҳо ва ҷашну маросимҳои мардумӣ дар тарбияи ахлоқӣ ва меҳнатӣ маросимҳо нақши муҳим дар интиқоли таҷрибаи иҷтимоӣ мебозанд [1-М].

